**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**УДК: 0089 (575.3) (09)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АЛИШЕРИ АМИРХОН**

# ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1991-2016)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз
рӯйи ихтисоси 07. 00. 02. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои таърих,
профессор Расулиён Қ. Р

Данғара – 2022.

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА ........................................................................................ 3**

**БОБИ 1. ТАҲАВВУЛОТ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ .................. 13**

1.1. Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилоти Хатлон.................................. 13

1.2. Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна касбӣ ва олӣ ...................................... 45

**БОБИ II. ВАЗЪИ АДАБИЁТ ВА САНЪАТ.................................................. 74**

2.1. Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилоят ........................................................................................ 74

2.2 .Рушди ҳунари театрӣ ва мусиқӣ ........................................................... 94

2.3. Таҳаввулот дар низоми фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ......................................................................................104

**ХУЛОСА.........................................................................................................136**

**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..........148**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон аз рӯзҳои аввали ба даст даровардани истиқлолият дар риштаи фарҳанг ба мушкилот дучор гардид. Ин амр бо фурӯпошии ИҶШС ва ба буҳрон дучор гардидани ҷумҳурӣ бастагӣ дошт. Вазъи ногуворро сар задани ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам буҳронитар намуда, бар асари ин ҳаводиси нангин ҳаёти фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ, ба хусус дар вилояти Хатлон, ки макони асосии сар задани нооромиҳо буд, фалаҷ намуд. Аммо, новобаста ба ин мушкилот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи фарҳангро яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти худ шуморида, то ҳадди имкон барои рушди фарҳанг чораандешӣ намуда, барои беҳтар намудани вазъи фарҳангии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намуд.

Ба анҷом расидани ҷанги шаҳрвандӣ, ба тадриҷ ба сӯи оромӣ гаравидани вазъи сиёсӣ ва рушди нисбии иқтисодиёт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки барои муътадил гардидани ҳаёти фарҳангӣ маблағҳои заруриро ҷудо намояд. Бо дарёфти маблағ дар вилояти Хатлон, пеш аз ҳама дар водии Вахш иншооти фарҳангӣ, аз ҷумла бинои хароби макотиб барқарор шуданд, ки ин амар барои пешрафти бахшҳои дигари соҳа дар вилоят таъсир гузошт.

Мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи проблемаҳои вазъи фарҳангии вилояти Хатлонро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Соҳаи фарҳанг ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мо инро аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло ва ба таври возеҳу равшан мушоҳида мекунем. Ӯ дар суханрониҳояш фарҳангу маорифро муҳимтарин рукни ҳастии миллату давлат тавсиф карда, зимни таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он, барои рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг дастуру ҳидоятҳои муҳим медиҳад. Аммо дар соҳаи

таҳсилоти умумии вилояти Хатлон то ба ҳол мушкилоте вуҷуд доранд, ки ҳалли фаврии онҳо ногузир аст.

2. Ҳарчанд барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбии махсус ва олии вилояти Хатлон Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти иҷроияи ин вилоят корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд, аммо дар ин соҳа низ каму костиҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ин норасоиҳо дар сифати пасти таълим, дониши нисбатан пасти донишҷӯён, камбуди устодони дараҷа илмӣ ва унвондор ва ғайра зоҳир мегардад.

3. Таъкиди ин нуқта лозим аст, ки дар солҳои истиқлол соҳаи адабиёт, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили театр, дастаҳои мусиқӣ, китобхона, осорхона, хонаҳои фарҳанг, клубу боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар вилояти Хатлон аз рушди нисбӣ бархӯрдор гардиданд. Аммо дар ин риштаҳо низ камбудиҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки таълифи осори пастсифати адабӣ, коҳиши теъдоди табъу нашри матбуоти даврӣ, норасоии мутахассисони касбӣ ва соҳибтаҷриба дар театрҳои касбии вилоят, камбуди асбобу анҷоми ҳунарӣ дар театру ансамблҳои ҳунарӣ, таъмирталаб будани бархе бинои китобхона ва осорхонаҳо, сол то сол кам шудани теъдоди китобу маҷаллаҳои маҳфуз дар китобхонаҳои вилоят, маоши пасти кормандони соҳаи фарҳанг аз ин қабиланд.

Ҳамин тавр, мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки новобаста аз дастовардҳои фарҳангии замони истиқлол дар вилояти Хатлон проблемаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо бе таҳқиқу ташхиси ҷиддии илмӣ, арзёбии холисона ва пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ намудан имконнопазир аст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ**. Адабиёти илмиро доир ба мавзуи таҳқиқот шартан метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд: китобҳо, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳо.

Проблемаҳои асосии ҳаёти фарҳангии замони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон дар китоб, мақола ва суханрониҳои

мутааддиди Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] инъикос шуданд.

Дар китобҳои «Таърихи халқи тоҷик»[2]. «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[3]; «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият»[4], «Таърихи халқи тоҷик»[5], «Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолият»[6], «Театр ва истиқлолият»[7], ки доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, дар бораи вазъ ва дастовардҳои фарҳангии замони истиқлол дар вилояти Хатлон баъзе ишораҳо доранд.

Дар китобҳои «Кӯлоб»;[8] «Энсиклопедияи Фархор»;[9] У. Шерхон[10], Д. Шарифов, Р. Содиқов[11], Д. Шарифов, А. Абдулзод[12], Ф. Муҳамадалӣ[13], С. Сабзаев, Ҳ. Муродиён[14], Н. Асоев, Х. Абдуназаров[15], З. Кабутов, М. Махсумов[16] бевосита паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии манотиқи гуногуни вилояти Хатлонро инъикос менамоянд.

Дар китоби энсиклопедияи «Кӯлоб» роҷеъ ба марокизи таълимӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунарии минтақаи Кӯлоб, ҳамчунин, зиндагиномаи аҳли илму адаб ва

---

[1] Раҳмон, Э. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2011. – 152 с; Ҳамон муаллиф. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с; Ҳамон муаллиф. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст [Матн] / Э. Раҳмонов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.3-35; Ҳамон муаллиф. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн]: суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20-уми марти соли 2011). – Душанбе, 2011. – 37 с.

[2] История таджикского народа. Новейшая история (1941-2010) [Текст]. – Душанбе, 2011. – Т.VI. – 688 с.

[3] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн]. – Душанбе, 2016. – 436 с.

[4] Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн]. – Душанбе, 2006. – 266 с.

[5] Ҳотамов, Н., Довудӣ, Д. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Мулоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 643 с.

[6] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 192 с.

[7] Табаров, М. Театр ва истиқлолият [Матн] / М. Табаров. – Душанбе, 2011.

[8] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – 636 с.

[9] Энсиклопедияи Фархор [Матн]. – Душанбе, 2011. – 539 с.

[10] Шерхон, У. Данғара [Матн] / У. Шерхон. – Душанбе, 2005. – 736 с.

[11] Содиқов, Р. Равзанаи субҳ [Матн] / Р. Содиқов. – Душанбе, 2002. – 166 с.

[12] Абдулзод, А. Ғозималик сарзамини мардуми сарбаланд [Матн] / А. Абдулзод. – Ғозималик, 2001. – 203 с.

[13] Муҳамадалӣ, Ф. Қӯрғонтеппа-нигини Вахшонзамин [Матн] / Ф. Муҳаммадалӣ. – Душанбе, 2007. – 192 с.

[14] Сабзаев, С., Муродиён, Қ. Фурӯғи ирфони Вахшонзамин [Матн] / С. Сабзаев, Қ. Муродиён. – Душанбе, 2003. – 224 с.

[15] Асоев, Н., Абдуназаров, Х. Ахтар [Матн] / Н. Асоев, Х. Абдуназаров. – Душанбе, 2010. – 101 с.

[16] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара [Матн] / З. Кабутов, М. Махсумов. – Душанбе, 2003. – 92 с.

ҳунари ин минтақа маводди мушаххасу муфид гирдоварӣ шудааст. Китоби «Энсиклопедияи Фархор» низ доир ба вазъи адабу ҳунар ва зиндагиномаи ашхоси маъруфи ин соҳа матолиби ҷолиб дорад. У. Шерхон дар китобаш доир ба аҳли фарҳанги ноҳияи Данғара маълумот дода, аз осори манзуми адибони муқими ин ноҳия намуна овардааст. Донишманди дигар Р. Содиқов дар радифи бозтоби вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии ва ҳаёти фарҳангии ноҳияи Шамсиддини Шоҳин дар асараш зиндагиномаи аҳли фарҳанг ва ашъори шоирони муқими ноҳияро муаррифӣ намудааст. Дар китоби Ф. Муҳамадӣ фаъолияти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии энергетикии Бохтар, Коллеҷи омӯзгории Бохтар, Коллеҷи тиббии Бохтар, рӯзномаи «Набзи Қӯрғонтеппа», радио ва телевизиони вилоят, маҳфили адабии «Гулбарг»-и шаҳри Бохтар, Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳамадҷонови шаҳри Бохтар, осори таърихию фарҳангии шаҳри Бохтар то соли 2007 дар ҳаҷми чанд саҳифа бозтоб ва намунаи ашъори шоирони муқими шаҳри Бохтар муаррифӣ шудааст. Китоби С. Сабзаев ва Ҳ. Муродиён ҳовии таърихи таъсис ва роҳи тайнамудаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав то соли 2003 мебошад. Дар китоби Н. Асоев ва Х. Абдуназаров таърихи панҷсолаи филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара бозтоб шудааст. Китоби З. Кабутов ва М. Махсумов фаъолияти Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғараро то соли 2003 инъикос менамояд. Дар мақолаҳои таълифии С. Саматов[1], З. Алифбеков[2], Ф. Раҳимов[3], З. Шарифов[4], Қ. Расулиён[5] ва чанд тани дигар паҳлуҳои мухталифи ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон, бахсус вазъи маориф дар ин минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

---

[1] Саматов, С. Квоттаи президентӣ: бемасъулиятӣ дар қабули довталабон [Матн] / С. Саматов // Омӯзгор. – 2019. – 21 ноябр.
[2] Алифбеков, З. Инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳои истиқлолият [Матн] / З. Алифбеков // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.59-85.
[3] Раҳимов, Ф. Мактаби олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот [Матн] / Ф. Раҳимов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.95-104.
[4] Шарифов, З. Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот [Матн] / З. Шарифов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлол. – Душанбе, 2006. – С.105-126.
[5] Расулиён, Қ. Саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар бунёд ва босозии макотиби Тоҷикистон [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.557-575.

Тайи чанд соли охир дар мавриди вазъ ва дастовардҳои фарҳангии мардуми тоҷик дар замони истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин рисолаи номзадӣ таълиф ва ҳимоя шуданд.[1] Мутаассифона, дар ҳеҷ кадоми онҳо ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ қарор нагирифт. Магар ин ки дар бархе аз онҳо роҷеъ ба ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ишораҳои кӯтоҳе мушоҳида мешавад.

Ҳамин тавр, бояд изҳор намуд, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ба таври амиқу комил мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

**Тавсифи умумии диссертатсия**

**Робитаи рисола бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи идораи давлат ва таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара барои солҳои 2017-2021 ба иҷро расид.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** инъикоси ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар робита ба ин вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

1. Инъикоси раванди татбиқи ислоҳот дар мақтаи макотиби таҳсилоти умумӣ, натиҷа, каму костӣ ва дурнамои он.

2. Баррасӣ ва таҳқиқи вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ.

3. Муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди адабиёт, васоити ахбори омма ва нақши онҳо дар пешрафти ҳаёти маънавии мардум.

4. Таҳқиқи ҳунари театрию мусиқӣ ва муайян намудани проблемаҳои рушди минбаъдаи онҳо.

5. Ошкор намудани камбудию норасоиҳои муассисаҳои фарҳангии вилоят.

---

[1] Рашидов, Т. Осуществление реформы общео образовательной школы в Республики Таджикистан (1991-2011) [Текст] / Т. Рашидов. – Душанбе, 2012; Сабуров, С.М. Вклад вузов Республики Таджикистан в подготовку педагогичиских кадров (1991-2012) [Текст] / С.М. Сабуров. – Душанбе, 2012; Абдулхамид, Ф. Развитие культуры Республики таджикистан в годы независимости (1991-2016) [Текст] / Ф. Абдулхамид. – Душанбе, 2017; Хасанова, М.М. Музикальная жизнь Таджикистана в конце XX-XXI вв. [Текст] / М.М. Хасанова. – Душанбе, 2018; Хусейнзаде, М.О. Народное образование Республики таджикистан в период суверенитета (1991-2001) [Текст] / М.О. Хусейнзаде. – Душанбе, 2002 ва ғайра.

6. Таҳлили вазъи фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии вилояти Хатлон, аз қабили китобхона, музей, қасри фарҳанг, клубу боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва нишон додани дастовард ва камбудиҳои онҳо.

7. Пешниҳоди тавсияҳо барои бартараф намудани камбудиҳо ва рушди ояндаи соҳаи фарҳанг дар вилояти Хатлон.

**Предмети таҳқиқот** ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Объекти таҳқиқот** таҳаввулоти фарҳангӣ дар соҳаи маориф, адабиёт ва санъати вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Заминаҳои методологии рисола.** Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқоти рисолаи илмиро принсипу усулҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият ва беғаразӣ дар асоси арқому омор ташкил медиҳад. Ин принсипҳо дар ҳамбастагӣ ба мо имкон доданд, ки сабаб ва пайомади рӯйдодҳои таърихӣ, самт ва вижагиҳои ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлонро дар марҳалаи мавриди таҳқиқ баррасӣ намоем. Бо шинохти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва шеваи қиёсӣ муаллиф кӯшиш намуд, ки сатҳи таҳаввулоти объекти таҳқиқот ва тағйироти рухдодаро мушаххас, муқоиса ва тамоюли рушди онро муайян намояд.

Пояи назариявии таҳқиқот аз вазифаҳои дар назди худ гузошташуда иборaт аст, ки ба принсипҳои объективӣ, таърихият, мушаххасӣ, бо равишҳои арзишманд ба рӯйдодҳо асос ёфтааст.

**Асоси сарчашмавии таҳқиқот**. Сарчашмаҳои асосие, ки барои навиштани рисола истифода шуд, суханронӣ ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди бойгониҳои ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Раёсати маорифи вилояти Хатлон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, ҳамчунин, ҳисоботи панҷсола ва солонаи донишгоҳу донишкада, коллеҷу омӯзишгоҳ ва дигар муассисаҳои илмию фарҳангии вилояти Хатлон ба шумор меравад, ки онро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд:

Ба гурӯҳи якум ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ чун Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»[2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»[3], Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон[4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма»[5],Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобхонаҳо»[6] ва ғайра дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм шомили асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[7] аст.

Ба гурӯҳи сеюм маводди Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон,[8] Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,[9] Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,[10] ҳисоботи Раёсати маорифи вилояти Хатлон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон,[11] донишгоҳ, донишкада, коллеҷҳо, литсейҳои касбӣ-техникӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон дохил мешаванд.

Гурӯҳи чаҳорум шомили маводди оморӣ[12], ва маҷмӯи санаду гузоришоти расмӣ аст.

---

1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2012.
2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013. – 179 с.
3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олӣ. – 1997. – №23-24.
4 Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2006. – №11.
5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» [Матн]. – Душанбе, 2008. – 80 с.
6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобхонаҳо» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олӣ. – 2003. – №7.
7 Раҳмон, Э. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с; Ҳамон муаллиф. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2011. – 152 с.
8 Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Ф.360. – Н.21. – П.1185. – В.24; Ҳамон ҷо. – Ф.360. – Н.21. – П.1219. – В.28; Ҳамон ҷо. – Ф.360. – Н.21. – П.1211. – В.95.
9 Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: ҳисоботи солона барои солҳои таҳсили 1992-1993. – П.23. – 150 с.; Ҳамон ҷо. Ҳисобот барои солҳои 2010-2011 [Матн]. – П.21. – 120 с.
10 Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 1995 ва фаъолияти минбаъда соли 1996. – 28 с.; Ҳамон ҷо. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009 ва фаъолияти минъбада дар соли 2010 [Матн]. – 34 с.
11 Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги ҳукумати вилояти Хатлон [Матн]: маводи солҳои 1997-2016.
12 Маълумоти омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2011-2012 [Матн]. – Душанбе, 2012. – 29 с; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2013-2014. – Душанбе, 2014. – 316 с; Омори вилояти Хатлон дар солҳои 2011-2016 [Матн]. – Бохтар, 2017. – 177 с; Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2016.

Ба гурӯҳи панҷум маводди матбуоти даврӣ, аз қабили рӯзнома ва нашрияҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,[1] Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] ва вилояти Хатлон дохил мешаванд.

**9. Чаҳорчӯби замонии таҳқиқот** охири асри XX – ибтидои асри XXI-ро фаро мегирад. Дар ин давра ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ тағйир ёфт. Давраи мавриди назарро аз лиҳози дараҷа ва сатҳи рушди фарҳанги вилоят метавон ба се марҳала ҷудо кард.

1. Солҳои 1991–1997. Аз соли 1992 то соли 1997 дар худуди вилояти Хатлон, бахсус минтақаи водии Вахш ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, ки ин амали номатлуб сабаби таназзули тамоми соҳаҳои фарҳанг гардид.

2. Солҳои 1998–2003. Пас аз хомӯшавии шӯълаи ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор гардидани сулҳу ваҳдат марҳалаи барқарорсозии зерсохтори иҷтимоӣ оғоз гардид, ки ин амр барои рушди минъбадаи фарҳанги вилоят шароит фароҳам овард.

3. Аз солҳои 2004 ба баъд. Дар ин замон бо таҳияи қонуну барномаҳои гуногуни дарозмуддат заминаи ҳуқуқӣ барои рушди фарҳанг дар шароити нав фароҳам омад.

**10. Ҳудуди ҷуғурофии таҳқиқот** вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад.

**11. Навгонии илмии таҳқиқот**

- диссертатсия нахустин кори таҳқиқотӣ аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон, аз қабили маориф, адабиёт, матбуот ва дигар расонаҳои хабарӣ, театр, мусиқӣ, китобхона, музей, осорхона ва боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ фарор мегирад.
- дар рисола бори нахуст арқому омори бойгонӣ, таърихӣ, матбуоти даврӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд;
- таҳлилу баррасии вазъи маориф, аз қабили макотиби таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касби, таҳсилоти олӣ;

---

[1] Маорифи Тоҷикистон, Омӯзгор.
[2] Тоҷикистон, Адабиёт ва санъат, Баҳори Аҷам.

- таҳқиқи вазъи ҳаёти адабӣ;
- мавриди таҳқиқ қарор додани ҳунари театрӣ ва мусиқӣ;
- таҳқиқ ва таҳлили вазъи муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ, аз қабили китобхона, музей, хонаи фарҳанг, клуб ва боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегардад:**

1. Нақши асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон.

2. Хадамоти роҳбарияти мақомоти иҷроияти ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар пешрафти фарҳанги вилоят.

3. Саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар барқарорсозии бинои хароби муассисаҳои таълимии вилоят ва сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ.

4. Таҳавуллот дар низоми маорифи вилояти Хатлон.

5. Рушди таҳсилоти олӣ дар қаламрави вилоят.

6. Саҳми адибон, матбуот ва расонаҳои хабарии вилоят дар пешрафти ҳаёти маънавии мардум.

7. Нақши муассисаҳои фарҳангию фарғатии вилоят чун театр, дастаҳои ҳунарӣ, китобхона, музейҳ, хонаи фарҳанг, клубу боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар тарбияи ватандӯсти, инсондӯстӣ, зебопарастӣ ва ифтихори миллӣ.

Ифшо намудани каму костиҳои соҳаи гуногуни ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ва пешниҳоди тавсияҳои ҷиҳати бартараф кардани онҳо.

**Аҳмияти назариявӣ ва амалии таҳққиқот.** Рисола аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои бадастомада метавонад дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равия, усул ва услубҳои таҳқиқот, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангӣ бахшида мешаванд, кумак расонад. Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи замони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, дар дарсҳои лексионӣ ва амалии фанни «Таърихи халқи тоҷик» ба унвони «Курси махсус» дар макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзуъ** дар он аст, ки вай дар асоси маводди бойгонӣ ва оморӣ, осори таърихӣ, мақолаҳои матбуоти даврӣ бори аввал дар илми таърихи ватанӣ доир ба ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон таҳлили ҷомеъ ва таҳқиқоти илмӣ анҷом дод. Муаллиф натанҳо ҳаёти фарҳангии ин вилоятро ба риштаи таҳқиқ кашид, балки дар натиҷаи омӯзиши мукаммали вазъи ниҳодҳои гуногуни фарҳангӣ дар радифи дастовардҳо каму костиҳои соҳаро нишон дода, барои бартараф намудани онҳо чанди тавсияи мушаххас пешниҳод намуд.

**Апробатсияи диссертатсия.** Дастнависи рисола дар ҷаласаи васеи кафедраи идораи давлат ва таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара (Қарори №5, аз 24.12.2020) баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия гардид. Муаллиф мазмуни асосии рисоларо тариқи чанд мақола дар маҷаллаҳои илмӣ нашр кард, ки номи онҳо дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф дар конфронсҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодони Донишгоҳи давлатии Данғара аз мавзуи мавриди таҳқиқ гузоришҳои илмӣ дод.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 150 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ 1. ТАҲАВВУЛОТ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

## 1.1. Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилоти Хатлон

Соҳаи маориф ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мо инро аз муҳтавои суханрониҳои Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло мушоҳида мекунем. Ӯ дар суханрониҳои хеш маорифро яке аз муҳимтарин соҳаи ҳаёти кишвар дониста, зимни таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ин ришта, барои рушди минбаъдаи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру ҳидоятҳои муҳиму муфид медиҳад. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, «Маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. Инкишофи соҳаи маориф ҳадафи стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад. Самти маориф аз нигоҳ доштани фазои ягонаи таълим, таъмини ҳатмии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дастрас гардонидани таҳсилот иборат аст[1]. Пешрафту инкишофи ҳар як давлату миллат, тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, тараққиёти техникаву технология ва умуман обрӯю нуфузи мамлакат, пеш аз ҳама, тавассути соҳаи маориф сурат мегирад»[2].

Эмомалӣ Раҳмон нақши муаллимро дар рушди соҳаи маориф дар ҷои аввал мегузорад ва таъкид менамояд, ки пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст[3]. Муаллим бояд шарҳвандони маърифатнок, дорои тафаккури эҷодӣ, ҷаҳонбинии пешрафта, дониши амиқ ва соҳибмаҳорат тайёр кунад. Ва меафзояд: Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод, омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад. Имрӯз ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, ки заминаи ояндаи ҳаёти мо маҳз дар мактаб гузошта мешавад[4].

Ҳамзамон, дастовардҳое, ки дар тӯли солҳои истиқлол дар риштаи маориф ба даст омадаанд, Президенти кишварро қонеъ карда наметавонанд. Ин аст, ки вай бурду бохт ва каму костиҳоро дар ин соҳа таҳлил намуда, барои беҳтар

---

1 Раҳмон, Э. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2011. – С.25.
2 Ҳамон ҷо. – С.139.
3 Ҳамон ҷо. – С.15.
4 Раҳмон, Э. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2011. – С.7.

гардонидани кори ин соҳаи сарнавиштсози ҳаёти миллати тоҷик дастуру ҳидоят медиҳад. «Дастовардҳои соҳаи илму маорифи мамлакат – мегӯяд ӯ, моро қонеъ намесозад. Алалхусус, омӯзиши илмҳои дақиқ ва дастовардҳои илму техника, ки пойдевори ҳама гуна кашфиётҳои ҷаҳонӣ мебошад, дар мактабҳои оливу таҳсилоти умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ суст ба роҳ монда шудааст.[1] Агар мо ба сифати баланди таълиму тарбия ноил нагардем, ислоҳоти соҳаи маориф арзише пайдо намекунад. Бинобар ин, дар тамоми зинаҳои таълим сифати донишандӯзӣ бояд масъалаи асосӣ бошад. Вақти он расидааст, ки аз нишондиҳандаҳои миқдор ба сифати кор гузарем.

Мувофиқи банди 5 моддаи 10-уми боби 2-и юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.3.2013, № 1095 қабул ва бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.7.2013, №537 тасвиб шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд:

томактабӣ;

таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);

таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

таҳсилоти миёнаи касбӣ;

таҳсилоти олии касбӣ;

таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

таҳсилоти иловагӣ;

таҳсилоти махсус;

муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.[2]

Таълиму тарбияи томактабӣ бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусияти ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ,

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.21.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013. – С.16.

омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ роҳандозӣ шудааст.

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо мақсади гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯхтани касбҳои коргарӣ ташкил карда шудааст. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар литсеҳои касбӣ-техникӣ ва соҳавӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) амалӣ карда мешавад.[1]

Таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳ, академия, донишкада ва дигар муассисаҳои таълимии таҳсилотии касбии ба онҳо баробармақом амалӣ карда мешавад. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ давлатӣ ва ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва муштарак мешаванд.[2]

Муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо мақсади тайёр намудани мутахасисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти оли касбӣ ва муассисаҳои илмӣ ташкил карда шудаанд.

Таҳсилоти иловагӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс, ҷамъият ва давлат дар асоси барномаҳои иловагии таълимӣ ва хидматрасонии иловагии таълимӣ татбиқ карда мешавад.

Таҳсилоти махсус таҳсил ва офияти тиббию иҷтимоии кӯдаконеро таъмин менамояд, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошад ва ё рафтори онҳо барои ҷомеа хавф дорад.[3]

Консепсияи миллии тарбия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.3.2006, №94 тасдиқ шудааст, сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии шаҳрвандон, махсусан насли наврас, муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифа ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳалаи нави таърихӣ танзим ва нақшу мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.21-25.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013. – С.27.
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013. – С.30-31.

Бояд гуфт, ки зинаи таҳсилоти умумӣ дар соҳаи маориф мавқеи муҳим дорад. Ин аст, ки дар тӯли солҳои истиқлол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ шуданд: қарорҳоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 3.5.2002, № 220), «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ( аз 3.3.2006, № 94), «Дар бораи Низомномаи намунавӣ барои хонандагони болаёқат» (аз 28.7. 2009, № 427), «Дар бораи барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011 – 2015» (аз 3.5. 2010, № 223), «Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» (аз 1.5.2012, №382), «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (аз 3.7.2011, №427), қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 4.10.2011, №457), қонунҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз 2.8.2011, №762), «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» (аз 16.4.2012, №826), «Дар бораи маориф» (аз 22.7.2013, №1004), «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ (аз 28.12.2013, №1056), қарорҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020» (аз 3.5.2014, №295), «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 30.12.2014, №785, «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 29.4.2015, №256), «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 1.8.2015, №492), «Дар бораи муассисаҳои давлатии таълимии литсейҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои хонандагони болаёқат (аз 1.8. 2015, №497)[1] ва ғайра ба тасвиб расиданд.

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.6-7.

Ин санадҳо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумиро танзим, дар муносибати субъектҳои раванди таълимро ҳамоҳанг намуда, ҷиҳати донишандӯзии хонандагон, истифодаи усулҳои ҳамкорӣ дар таълим ва технологияи инноватсионӣ, таҳкими заминаи моддӣ – техникӣ ва дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот шароити мусоид фароҳам меоранд.

Бояд гуфт, ки кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлон фаъолияти худро бар асоси ин қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳимтарин таҳаввулот дар соҳаи маориф дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи таҳия ва тасдиқи як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчунин, таъсиси макотиби типи нав, аз қабили гимназия, литсей, коллеҷ, таъсиси квотаи президентӣ, қабули барномаҳои компютерикунонии мактабҳо, муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон, таъсиси стипендияи Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадриҷан афзудани маблағгузорӣ дар самти рушди маориф, афзоиши бунёди мактабҳои нав, табдил додани донишкадаҳо ба донишгоҳҳо ва коллеҷҳо  ба омӯзишгоҳҳои мухталифи таълимӣ ва дигар чорабиниҳои муҳим мебошанд, ки ҳамаи онҳо ба пешрафти соҳаи маорифи вилояти Хатлон мустақиман таъсир гузоштанд. Ва мо бевосита дар ин боби рисолаамон ба таҳлилу баррасии ин икдомот мепардозем.

Дар мавриди таҳаввулоти низоми маориф бояд таъкид намуд, ки дар замони шӯравӣ ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард. Соли 2016 дар ҷумҳурӣ 151 муассисаи типи нав, аз ҷумла 83 гимназия (61 гимназияи давлатӣ, 22 гимназияи ғайридавлатӣ), 68 литсей (60 литсейи давлатӣ, 8 литсейи ғайридавлатӣ) фаъолият доштанд. Ҳамчунин, дар ин давра 9 мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд гардид, ки дар онҳо беҳтарин шароити таълим фароҳам шудааст.[1]

Бояд гуфт, ки дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ мактабҳои типи нав, аз қабили литсейҳои давлатию хусусӣ, гимназияҳои давлатию хусусӣ ва дигар навъи мактабҳои соҳавӣ таъсис ёфтанд, ки ҳоло дар бораи баъзе аз онҳо маълумот хоҳем дод.

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.10.

Гимназияи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара дар заминаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 7 таъсис шуда, аз соли 1997 то соли 2005 ҳамчун муассисаи таҷрибавӣ фаъолият менамуд. Ин маркази таълимӣ бо фармони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 9.3.2005, №188) ба гимназияи ҷумҳуриявӣ табдил дода шуд. Иштироки фаъоли хонандагони гимназия дар олимпиадаҳои сатҳи гуногун ва дарёфти медалҳо гувоҳи онанд, ки дар ин таълимгоҳ омӯзиш дар сатҳи баланд роҳандозӣ шудааст. Чунончи, хонандагони гимназия дар соли 2009 соҳиби 2 медали нуқра ва як биринҷӣ, соли 2010 3 медали тилло ва 2 нуқра (аз ҷумла, дар озмуни байналмилалӣ 1 медали нуқра), соли 2011 5 медали тилло, нуқра ва биринҷӣ (аз ҷумла дар озмуни байналмилалӣ 5 медали нуқра ва 2 биринҷӣ), соли 2012 19 медали тилло, нуқра ва биринҷӣ, соли 2013 9 медал (1 тилло, 3 нуқра, 5 биринҷӣ), соли 2014 14 медал (5 тилло, 4 нуқра, 4 биринҷӣ) соли 2015 13 медал (3 тилло, 4 нуқра, 6 биринҷӣ), соли 2016 2 медал (1 нуқра, 1 биринҷӣ) гардиданд.[1]

Литсей-интернати муштараки тоҷикӣ-туркӣ дар шаҳри Кӯлоб бо ташаббуси ширкати «Шалола»-и Туркия ва қарори Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Кӯлоб (аз 28.10.1994) таъсис ёфт[2]. Дар солҳои 1997–2005 аз 173 хатмкунандаи литсей 137 нафарашон ба донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Австралия, Кипр, Туркия, ИМА, ФР дохил шуданд.[3]

Муассисаи давлатии мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 7 октябри 2011, №502) таъсис ёфт. Дар соли 2016 хонандагони ин мактаб дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ соҳиби 2 медали тилло, 5 медали нуқра ва 2 медали биринҷӣ шуданд. Аз ҷумла, Амирҳамзаи Темурзода дар озмуни

---

[1] Ҳисобот оид ба дастовардҳои Гимназияи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара дар давоми 25 соли истиқлолияти ҶТ. 11 дастовардҳо дар 25 соли истиқлолият. Бойгонии ҷории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара.

[2] Бояд гуфт, ки аз моҳи августи соли 2014 литсейҳои туркӣ-тоҷикӣ ба муассисаҳои давлатии литсей барои хонандагони болаёқат табдил дода шуданд.

[3] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.270.

байналмилалии ихтирокорони ҷавон дар Ҷумҳурии Гурҷистон ба дарёфти медали биринҷӣ мушарраф гардид[1].

Мактаб-литсейи ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб соли 1998 таъсис ёфт[2].

Гимназияи хусусии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон «Кӯлоб» дар соли таҳсили 2003-2004 дорои 226 хонанда ва 24 муаллим ва 7 синф-кабинети забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, забони русӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, синфи компютерӣ, лингофонӣ ва физикаю риёзӣ буд.[3]

Мактаби мусиқии бачагонаи шаҳри Кӯлоб дар шуъбаҳои асбобҳои миллӣ, фортепиано, баяноаккордеон, рақс ва назариявӣ барои омӯзишгоҳҳои мусиқӣ, Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Консерваторияи милии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва ғайра шогирд тайёр менамояд. Дар заминаи филиалҳои ин мактаби мусиқӣ дар хоҷагиҳои ба номи С. Зарифов ва Ҳамадонӣ мактабҳои мустақили мусиқӣ ба фаъолият оғоз намуданд[4].

Дар мактаби бачагонаи санъати шаҳри Бохтар солҳои 2007-2008 327 хонанда дар синфҳои фортепиано, аккордеон, скрипка ва асбобҳои нафасӣ-туб, флет ва кларнет, ҳамчунин, асбобҳои халқӣ-ғижак, най, рубоб, таблак, дойра ва чанг ба омӯзиш ҷалб шуда буданд. Дар назди ин мактаб шуъбаи рассомӣ низ амал менамуд. Ба хонандагон 32 муаллими соҳибтахассус дарс медоданд. Бо дастгирии ҳокимияти иҷроияи вилояти Хатлон ва Раёсати фарҳанги вилоят барои ин мактаб ба маблағи 16 ҳазор сомонӣ асбобҳои нафасӣ харидорӣ шуд.[5]

Мактаби рассомии бачагонаи шаҳри Кӯлоб дар деҳаҳои Боғи Ҳабиб ва Тутҳои ноҳияи Мӯъмиобод чанд филиал дорад.[6]

Қонун дар бораи маориф (аз соли 1994) дар радифи макотиби давлатӣ фаъолияти макотиби хусусиро низ иҷозат медиҳад. Фаъолияти макотиби хусусӣ дар асоси литсензияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат

[1] Мактаби Президенти Данғара: 11 дастовардҳо дар 25 соли истиқлолият. Бойгонии ҷории иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара.
[2] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.278.
[3] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.240.
[4] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.278.
[5] Бойгонии ҷории Раёсати фарҳангии вилояти Хатлон соли 2008 [Матн]. – В.10.
[6] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.279.

мегирад. Аз миёнаҳои солҳои 90 уми асри гузашта пайдоиши мактабҳои хусусии ҳамагонӣ, гимназияҳо ва литсейҳо оғоз ёфт. Дар соли таҳсили 2001-2002 дар вилояти Хатлон 5 мактаби таҳсилоти умумии хусусӣ, 2 гимназияи хусусӣ ва 3 литсейи хусусӣ фаъолият менамуд. Саҳми онҳо дар низоми мактаби таҳсилоти умумии вилоят мутаносибан 0,38%, 15% ва 23% буд. Аз теъдоди умумии хонандагони вилоят дар мактаби хусусӣ 0,25% дар гимназияҳои хусусӣ 0,1% ва дар литсейҳои хусусӣ 0,16% таҳсил менамуданд.[1]

Як иқдоми хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси квоттаи Президентӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамасола теъдоди зиёди хатмкунандагони макотиб тавассути квоттаи Президентӣ ба муассисаҳои олии кишвар ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Аз соли 1997 то ҳол ҳазорҳо нафар тавассути квотта муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро хатм намуда, дар пешбурди хоҷагии халқ хидмати созанда анҷом медиҳанд. Тибқи нишондод нақшаи қабули духтарон ва писарон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2018–2019 1319 ҷой (барои духтарон 671 ҷой ва барои писарон 648 ҷой) пешбинӣ шуда буд, ки аз ин миқдор 497 ҷой (254 ҷой барои духтарон ва 243 ҷой барои писарон) ба вилояти Хатлон ихтисос дода шуд.

Мушоҳида ва таҳлили қабули духтарон ва писарон тибқи квоттаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар нишон дод, ки дар самти интихоби довталабони баъзе аз ихтисосҳои санъат, фарҳанг, кишоварзӣ, техникию технологӣ, аз ҷумла санъати мусиқӣ ва хореографияи (писарон) Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, ҳифзи растанӣ ва карантин, таъмини техникии равандҳои механикӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва занбӯри асалпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, таълимоти касбӣ (информатика), дизайни компютерӣ, технологияи интернет ва мултимедияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ихтисосҳои марбутаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба

---

[1] Маводи Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар соли 2014 [Матн].

номи М. Назаршоев дар кору фаъолияти шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Данғара, Фарғор, Ҷайҳун, Панҷ, А. Ҷомӣ норасоиҳо ҷой доштанд.

Тибқи талаботи банди 9 – и «Тартиби коргузорӣ, макон ва вақти баргузории суҳбат бо довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон дохил мешаванд» мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-маорифи шаҳру ноҳияҳои дахлдор баъди анҷоми суҳбати ноҳиявӣ (шаҳрӣ) дар асоси протакол ҳуҷҷатҳои довталаб (протоколи суҳбат, қарори Шӯрои омӯзгорони муассисаи таълимӣ, ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таълимӣ, маълумотномаи тиббӣ ва ғайра)-ро ба комисияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод намояд. Мутаассифона ин талабот аз ҷониби аксари мудирон (сардорон)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳияҳои Ҷайҳун, Носири Хусрав, Шаҳритус, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Ховалинг ва ғайра риоя нагардид. Дар парвандаҳои довталабон на ҳамаи ҳуҷҷатҳо мавҷуд буданд.

Дар самти тавсияи довталабон ба суҳбати даври ҷумҳуриявӣ ва сатҳи омодагии довталабони квоттаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравӣ ба чашм расад ҳам, аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии бархе шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон довталабонеро дар ихтисоси соҳаҳои омӯзгорӣ, фарҳанг ва санъат пешниҳод карданд, ки сатҳи дониши онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуд. Баъзе аз довтадабони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Қубодиён, Носири Хусрав, Ҷайҳун, Дӯстӣ, Балҷувон аз рӯи фанҳои алоҳидаи ихтисосӣ дониши паст нишон дода, ба суолҳои тестӣ ҷавоб навишта натавонистанд.

Тибқи талаботи банди 14 Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилот олии касбии ҷумҳурӣ дар асоси квоттаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон довталабони ғолиб баъди гузариш аз суҳбати даври ҷумҳуриявӣ ғолибомада бояд то 30 июл ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷатҳои худро супоранд. Таҳияи ҳуҷҷатҳо ва сафарбар намудани довталабон ба зимаи мутасаддиёни шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст. Таҳлилҳо нишон дод, ки талаботи мазкур аз ҷониби масъулини ноҳияҳои Фархор, Носири Хусрав, Ҷайҳун иҷро нагардид. Бо назардошти ин омил раёсати ба

комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карданд, ки ин бемасъулиятии мутасаддиёни шуъбаҳои маорифи ноҳияҳоро нишон медиҳад.

Ҳамчунин, солҳои охир дар муҳлати муқаррарӣ ҳозир нашудани довталабони ғолиби даври ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушоҳида мешавад.[1]

Дар рафти иҷрои қарори раиси ҳукумати вилояти Хатлон аз 5 феврали 2003, №47 «Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 декабри соли 2002, №502 «Дар бораи тасдиқи барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва умумии вилоят барои солҳои 2003-2007» гуфта мешавад, ки ҳукуматҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо доир ба иҷрои Барномаи компютерикунонии макотиби таҳсилоти асосӣ ва умумии вилоят барои солҳои 2003-2007 корҳои муайянеро ба сомон расониданд. Дар натиҷа аз 1005 мактаби таҳсилоти асосӣ ва умумӣ дар 175 мактаб синфҳои компютерӣ ташкил бо 1006 компютер муҷаҳҳаз шуданд. Ҷиҳати иҷрои ин қарор мактабҳои шаҳрҳои Қӯрғонтеппа бо 61 компютер, Кӯлоб-247, ноҳияҳои Данғара-152, Ховалинг-42, Вахш-48, Фархор-42 компютер таъмин гардиданд. Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон дод, ки ҳукумат ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Балҷувон, Қубодиён, Қумсангир, Бешкент, Восеъ, Москва, Панҷ, Шаҳритус, Мӯъминобод, Ҷиликӯл ва Ёвон ҷиҳати иҷрои Барномаи компютерикунонӣ дар масъалаи ҷудо намудани маблағ барои хариди компютер, ташкили синфҳои компютерӣ ва гурӯҳҳои хадамоти техникӣ диққати ҷиддӣ намедиҳанд. синф бояд 10 компютер (9 компютер барои хонандагон ва 1 компютер барои муаллимон) дошта бошад. Аммо теъдоди компютерҳо ба талаботи барнома ҷавобгӯ нест. Дар шаҳри Сарбанд барои 10 синф 29 компютер,

[1] Самадов, С. Квоттаи президентӣ; бемасъулиятӣ дар қабули довталабон [Матн] / С. Самадов // Омӯзгор. – 2019. – 21 ноябр.

дар шаҳри Норак барои 3 синф 18 компютер, дар ноҳияҳои Қубодиён барои 3 синф 6 компютер, Восеъ барои 12 синф 12 компютер, Қумсангир барои 2 синф 6 компютер, Панҷ барои 5 синф 15 компютер, Шаҳритус барои 6 синф 15 компютер, Бешкент барои 3 синф 7 компютер, Ҳамадонӣ барои 2 синф 12 компютер, Мӯъминобод барои 4 синф 12 компютер харид намуданд, ки ин кор қобили қабул нест.

**Ҷадвали №1**

**Таъмин ва эҳтиёҷоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо техникаи компютерӣ то соли 2008 дар вилояти Хатлон.**

| Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | Шумораи мактабҳои асосӣ ва миёна | Шумораи хонандагони синфи 7-11 | Шумораи компютерҳо | Шумораи Синфҳои компютерӣ | Шумораи хонандагон ба як компютор | Эҳтиёҷот ба компютер |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯлоб | 53 | 17093 | 540 | 55 | 32 | 120 |
| Восеъ | 61 | 15202 | 356 | 52 | 42 | 150 |
| Ҳамадонӣ | 42 | 12401 | 278 | 38 | 45 | 132 |
| Фархор | 52 | 13758 | 378 | 48 | 46 | 132 |
| Данғара | 59 | 10955 | 482 | 60 | 22 | 24 |
| Шӯрообод | 40 | 4436 | 243 | 28 | 18 | 6 |
| Темурмалик | 40 | 5258 | 271 | 39 | 19 | - |
| Мӯъминобод | 47 | 7543 | 295 | 31 | 25 | 30 |
| Ховалинг | 27 | 3922 | 194 | 23 | 20 | 6 |
| Балҷувон | 23 | 2039 | 169 | 22 | 12 | - |
| Қурғонтеппа | 16 | 6623 | 248 | 20 | 27 | 30 |
| Вахш | 48 | 11266 | 326 | 38 | 35 | 90 |
| Бохтар | 55 | 15768 | 403 | 48 | 39 | 144 |
| Ҷалолиддини Балхӣ | 58 | 12322 | 296 | 38 | 41 | 114 |
| Қумсангир | 44 | 7989 | 274 | 34 | 29 | 48 |
| Панҷ | 38 | 9002 | 352 | 40 | 26 | 42 |
| Ҷиликул | 38 | 7376 | 301 | 41 | 24 | 30 |
| Қубодиён | 61 | 12452 | 326 | 41 | 38 | 108 |
| Шаҳритус | 40 | 9202 | 283 | 40 | 32 | 66 |
| Хуросон | 49 | 6787 | 294 | 37 | 23 | 18 |
| А. Ҷомӣ | 52 | 10660 | 348 | 42 | 31 | 66 |
| Ёвон | 67 | 15858 | 384 | 40 | 42 | 144 |
| Носири Хусрав | 16 | 2769 | 201 | 21 | 13 | - |
| Сарбанд | 13 | 4382 | 166 | 18 | 26 | 24 |
| Норак | 21 | 4593 | 166 | 18 | 26 | 24 |
| Ҷамъ | 1060 | 228819 | 7585 | 921 | 38 | 1524[1] |

[1] Таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ [Матн]. Душанбе, 2009. С. 108 – 109.

Натиҷаи амалӣ шудани барномаи мазкур талаботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ нагардонид ва бо мақсади иҷрои пурраи супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси машваратӣ бо кормандони соҳаи маориф (22 декабри 2005) аз 14 феврали соли 2007 марҳалаи дуюми «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2010» қабул гардид. Марҳилаи дуюми барнома ва иҷрои он ба хонандагон имконият медиҳад бо навигариҳои илму техника ва технологияи муосир аз наздик шинос шуда, барои омӯзиши амиқи ҳамаи фанҳо, бахусус илмҳои дақиқ ва техникӣ замина гузоранд.

Бояд гуфт, ки мақсади барнома тибқи масъалаҳои афзалиятноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ намудани омӯзиши технологияи нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ва дар ин замина вусъат бахшидан ба сифати тайёр намудани мутахассисон барои қонеъ гардонидани талаботи шахс, давлат ва ҷомеа мебошад.

Вазифаҳои барнома таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо техникаи компютерӣ ва технологияи нави иттилоотиву компютерикунонӣ, таъмин намудани пешрафти кишвар вобаста ба рушди соҳаи маориф; тавассути ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотиву коммуникатсионӣ таъмин намудани пешрафти кишвар вобаста ба рушди соҳаи маориф; ба фаъолияти эҷодии омӯзгорон ва хонандагон диққати ҷиддӣ дода, ба воситаи технологияи компютерии ҳозиразамон паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар ҷараёни таълим; татбиқи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ бо мақсади рушди соҳаи маориф, фарҳанги миллӣ ва иқтисодиёту истеҳсолот мебошад.[1]

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» мутобиқи моддаи 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ қабул шуда, дорои чунин бандҳо мебошанд:

---

[1] Таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ [Матн]. – Душанбе, 2009. – С. 95-96.

1. Барои се соли аввали фаъолияти омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳастанд ва дар намудҳои гуногуни мактабҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд, аз 1 январи соли 2007 имтиёзҳои зерин муайян карда мешаванд:

-бе навбат ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ:

-дар ноҳияҳои кӯҳистон вобаста ба имконияҳои ноҳияҳо ҷудо кардани қитъаи замин барои боғдорӣ ва полезкорӣ;

-додани қарзҳои имтиёзнок барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё бунёди 20 оилаи занбӯри асал.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар якҷоягӣ бо Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷудо намудани қитъаи заминро мувофиқи имтиёзҳои муқаррарнамудаи банди 1 –и ин қарор ҳал намоянд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки давлатии «Амонатбонк» тартиби додани қарзҳои имтиёзнокро тибқи банди 1 ин қарор таҳия ва тасдиқ намоянд.[1]

Дар асоси Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2005-2015 барномаи рушди маорифи халқи вилоят қабул гардид, ки 17 марти соли 2005 бо қарои раиси вилояти Хатлон ба тасвиб расид. Тибқи ин барнома 30 сентябри соли 2005 дар маркази ноҳияи Данғара мактаби нави рақами №1 аз ҳисоби захираҳои эҳтиётии Президенти ҷумҳурӣ бунёд шуд. Мактаби нав 700 нафар хонандаро ба таҳсил фаро гирифт, ки дорои чанд синфи компютерӣ (40 компютер) буд.[2] Умуман, соли 2005 дар ҳудуди вилоят 25 мактаби муосир мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Соли 2008 дар ҳудуди вилояти Хатлон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ корҳои сохтмонӣ ба арзиши беш аз 1 миллиарду 700 миллион

[1] Таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ [Матн]. – Душанбе, 2009. – С.94.
[2] Новый Хатлон. – 2005. – №40 (3263). – 7 октябр.

сомонӣ ба анҷом расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2007 246 миллион сомонӣ зиёд аст.[1]

Августи соли 2009 дар ноҳияи Мӯъминобод бинои шуъбаи маориф мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Ин бинои дуошёна бо сарфи маблағи 500 ҳазор сомонӣ аз ҷониби ширкати сохтмонии «Ҳасанҷон» сохта шуд.[2] Бояд афзуд, ки тӯли ду соли охир дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти «Сармайдон», «Лангар», «Кулчашма» ва «Чилдухтарон» – и ин ноҳия бо усули ҳашар беш аз 10 мактаб бунёд ва ё бозсозӣ шуд. Умуман, соли 2009 дар вилояти Хатлон бинои 73 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва синфҳои иловагӣ барои 9304 хонанда ба истифода дода шуд.

Аксари хонандагони ноҳияи Балҷувон соли таҳсили 2009–2010-ро дар синфхонаҳои муосири бо техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз оғоз намуданд. Барои рушди маориф ҳокимияти иҷроияи ноҳия 37 ҳазор сомонӣ ва кумитаҳои волидайн 51 ҳазор сомонӣ ҷудо намуданд, ки ҳамаи ин маблағ барои таъмир ва бозсозии мактабҳо сарф шуд.[3] Бунёди 5 мактаб идома дошт.

Соли 2010 бори аввал стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1999 барои 100 нафар аз саросари ҷумҳурӣ, аз ҷумла барои 33 нафар аз вилояти Хатлон таъсис дода шуд. Соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташ бо ҷавонон изҳор намуд, ки теъдоди гирандагони стипендияи Президентбӣ се баробар зиёд карда мешавад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2005 №1573 «Дар бораи таъсиси стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасманд гардонии хонандагони аълохон ва онҳое, ки дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд аз 1 ноябри соли 2005 300 стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Соли 2010 аз теъдоди умумии 400 нафар довталабон барои дарёфти стипендияи Президентӣ аз вилояти Хатлон бар асоси озмун 104

---

[1] Новый Хатлон. – №24 (3437).
[2] Бойгонии ҷории Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар соли 2009 [Матн]. – В.7.
[3] Новый Хатлон. – 2009. – №37 (3450). – 19 октябр.

нафар хонанда интихоб ва ба ҷои 60 сомонии қаблӣ 117 сомонӣ моҳона таъйин а шуд, ки он аз сентябр то июл пардохт мегардад.[1] Чунин стипендия барои хонандагони варзишгари вилоят низ таъсис дода шуд. Соли 2016 дар вилояти Хатлон ба 200 варзишгар бар дарёфти чунин стипендия ноил шуданд. Соли таҳсили 2009–2010 аз литсейи №1 –и шаҳри Қӯрғонтеппа М. Худойназарова ва М. Баротова, аз коллеҷи тиббии ҳамин шаҳр Ш. Шарипова стипендияи Президентӣ гирифтанд.

Бояд гуфт, ки дар тӯли ин солҳо маблағгузорӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун барои рушди маорифи вилояти Хатлон афзуд. Агар соли 2009 барои макотиби таҳсилоти ҳамагонии вилоят 231 954 400 сомонӣ ҷудо шуда бошад, то ибтидои соли 2014 миқдори маблағи мазку ба 642 290 500 сомонӣ расид, ки он нисбат ба соли 2009 410 миллиону 336 ҳазору 100 сомонӣ ва ё 2,7 баробар зиёд аст.[2]

Аз буҷети ташкилотҳои соҳаи маориф соли 1996 барои соҳаи маориф 151,7 ҳазор сомонӣ, соли 2001 15 миллиону 804 ҳазору 200 сомонӣ, соли 2006 79106,800 сомонӣ, соли 2010 248 миллиону 583 ҳазору 700 сомонӣ ҷудогардид, ки нисбат ба соли 2006 3,14 баробар зиёд мебошад.

Тибқи гузориши раиси Раёсати маорифи вилояти Хатлон Х. Қурбонзода то соли таҳсили 2015–2016 93 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар хонаҳои шахсӣ ҷой доштанд. Баъди бунёди 458 синфхонаи нав 10992 хонанда ба мактаб интиқол дода шуданд. Ҳамчунин, 49 синф дар вагонҳо ҷойгир буданд. Бо сохтмони 271 синфхона 7125 нафар ба онҳо интиқол ёфтанд.[3]

Соли 2015 аз 41571 хатмкунандаи синфи 11-уми вилоят 17 ҳазору 689 нафар ба макотибӣ олии кишвар ва 910 нафар ба макотиби олии кишварҳои хориҷӣ дохил шуданд, ки ин нисбат ба соли 2011 4% афзоиш дошт.

Дар солҳои 2011–2015 хонандагони вилоят дар олимпиадаҳои сатҳи ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ соҳиби lll ҷоиза шуданд. Аз ин 16 нафар соҳиби медали тилло, 27 нафар медали нуқра ва 68 нафар медали биринҷӣ гардиданд.

[1] Архиви ҷории Раёсати маорифи вилояти Хатлон соли 2010 [Матн]. – В.15.
[2] Ҳисоботи Раёсати вилояти Хатлон аз 29 августи соли 2014 [Матн].
[3] Мибари халқ. – 2013. – №52 (925). – 26 декабр.

Ҳамчунин, Хонандагоне, дар олимпиадаҳои байналмилалӣ 87 медали тилло, 116 медали нуқра ва 124 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Ба Бо хатмкардагони макотиб ба 1 медали тилло, 6 медали нуқра дода шуд. Дар маҷмӯъ, хонандагон соҳиби 444 ҷои ифтихорӣ гардиданд, ки ин нисбат ба соли 2011 263 ҷой зиёд буд[1].

Тавре дар фавқ ишора намудем, теъдоди макотиби олӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти умумӣ дар тӯли солҳои мавриди таҳқиқи мо дар саросари вилоят афзуд.

Тибқи супориши бевоситаи Президенти мамлакат аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои сохтмон бинои хобгоҳ (барои 100 ҷой) дар назди мактаб – интернати деҳаи Кангурти ноҳияи Темурмалик 3 млн. 600 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои таълимӣ (барои 240 ҷой) дар назди хонаи бачагони деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик 3 млн. 400 ҳазор сомонӣ, барои барқарорсозии бинои хобгоҳи мактаб – интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шамсиддини Шоҳин млн. 330 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб - интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Арали ноҳияи Восеъ 3 млн. 100 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб – интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ миллиону 425 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ёрирасони №1 –уми шаҳри Кӯлоб милион 998 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии хонаи бачагони ноҳияи Фархор 1 миллиону 756 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб 4 миллион сомонӣ, бозсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 1 миллиону 800 ҳазор сомонӣ ва бозсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятиму бепарастор дар ноҳияи Вахш 1 милиону 100 ҳазор сомонӣ ҷудо, иншооти мазкур пурра азнавсозӣ, шароити таълим ва зист дар мактаб-интернатҳои зикргардида беҳтар шуд.

1 сентябри 2010 дар ноҳияи Бохтар мактаби нави №55 аз ҳисоби маблағҳои ҳокимияти иҷроияи вилояти Хатлон ба арзиши 2 миллиону 271 ҳазор сомонӣ

---

[1] Ҳисоботи раёсати маориф барои соли 2015 [Матн] // Бойгонии ҷории вилояти Хатлон. – П.15. – В.5.

мавриди истифода қарор гиифт. Дар ноҳияи Восеъ низ соли 2010 мактаби миёнаи №53 барои 350 хонанда сохта шуд.

Ҳамон сол дар рӯзҳои ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ба вилояти Хатлон дар ҷамоати деҳоти Навбаҳори ноҳияи Бохтар мактаби нави замонавӣ ифтитоҳ гардид. Барои сохтмони ин мактаб 2 миллиону 700 ҳазор сомонӣ сарф шуд. Мактаб 600 нафар хонандаро дар ду баст фаро мегирад. Дар ҷамоати Оқгазаи ноҳияи Вахш низ мактаби нави замонавӣ ба истифода дода шуд, ки барои сохтмони он қариб 7 миллион сомонӣ сарф гардид. Дар ин мактаби 1248 хонанда дар 22 синф ва ду баст таҳсил хоҳанд кард.

Дар мавриди барқарорсозӣ ва бунёди макотиби нав дар ҳудуди Хатлон сухан ронда, таъкиди он нуқтаро зарур медонем, ки дар ин кор ниҳодҳои гуногуни хориҷӣ саҳми болиғ гузоштанд.

Мунокишаҳои солҳои 90-уми асри 20 дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ гузошт. Бар асари зиддият ва даргириҳо талафоти ҷонию молӣ афзуд. Натиҷаи номатлуби ин нооромиҳо дар саросари кишвар, бахусус водии Вахши вилояти Хатлон, ки макони аслии ҷанги шаҳрвандӣ буд, ба тамоми паҳлуҳои зиндагӣ таъсир гузошт. Харобиҳои ин мунокишаҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳар лиҳоз заиф шуда буд, тавонист ба зудӣ бартараф намояд. Хушбахтона бо азми қавии миллати тоҷик ва ёрии давлатҳои дуру наздик, бахсус созмонҳои гуногуни байналмилалӣ паёмади номатлуби ҷанг дар муддати нисбатан кӯтоҳ бартараф шуданд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ пештару бештар муассисаҳои таълимӣ зарари ҷиддӣ диданд ва таҳсил тақрибан дар водии Вахши вилояти Хатлон қатъ гардид. Дар барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ ва бунёди макотиби нав дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Хатлон як идда ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ саҳми бузург гузоштаанд. Аз ин миён метавон аз Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд, Бунёдии Саудии тараққиёт, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Бунёди Оғохон, Созмони байналмилалии «Наҷоти кӯдакон»-и Британияи Кабир, Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷомеаи Кушода»-Бунёди мадад дар

Тоҷикистон, Созмони «Наҷоти кӯдакон»-и ИМА, Созмони ҳамкориҳои техникии Олмон (ГТЦ), Шӯрои амрикоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ аз тариқи шартномаҳои дуҷониба (АКСЕЛ), Гранти Япония аз тариқи Бонки осиёии рушд ва ҳамчунин сафоратхонаҳои муқими Душанбе ҳамаҷониба ёрӣ расониданд.

Созишномаҳои байнидавлатӣ ва шартномаҳое, ки бо ташкилоти байналмилалӣ ба тасвиб расиданд, ба рушду такомули илму маорифи ҷумҳурӣ таккони ҷиддӣ дод. Тавассути ин ҳамкориҳо дар зарфи чанд сол дар саросари ҷумҳурӣ, бахсус дар вилояти Хатлон даҳҳо макотиби нав бунёд ва, садҳо иморати харобу фарсудаи кӯдакистон, макотиби таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти асосӣ, таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳ ва дигар марокизи таълимӣ дар шаҳру навоҳии ҷангзада аз нав ободу барқарор гардид. Ба василаи ин иқдомот мактабиёни вилояти Хатлон соҳиби таҷҳизоти нави таълимӣ, воситаҳои техникӣ ва китобҳои дарсӣ гардиданд. Дар соли 1996 тамоми макотиби манотиқи ҷангзадаи Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон ба фаъолият оғоз намуданд.

Бахри рушди бемайлони соҳаи маориф Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳор барномаи мукаммал таҳия намуд, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ, Бонки исломии рушд, Бонки осиёии рушд, Хазинаи ОПЕК ба маблағи умумии беш аз 30 миллион доллари амрикоӣ дастгирӣ ёфт ва то ҳанӯз татбиқи онҳо идома дорад[1].

Ҳанӯз, дар ибтидои соли 1995 аз ҳисоби кумакҳои хориҷӣ тариқи Вазорати маорифи Тоҷикистон барои хонандагони макотиби таҳсилоти ҳамагонии вилояти Хатлон 70 ҳазор дафтар ва теъдоде китоб фиристода шуд.[2]

Бояд гуфт, ки дар асоси барномаи таҳиянамудаи шуъбаи муносибатҳои хориҷии Вазорати маорифи Тоҷикистон чандин ташкилоти хайриявӣ чун ОРА Интернэшнл, Бунёди мадад, Барномаи байналмилалии озуқа, Тасис, Када ва Ҷумҳури исломии Эрон дар таъмири боғчаҳои бачагон, хонаи кӯдакон, мактаб-интернатҳо ва таъмини ғизо, либос, асбобу анҷоми хониш ва дигар ашёи лозимӣ барои кӯдакону мактаббачагон саҳмгузорӣ намуданд. Аз ҷумла ташкилоти

[1] Расулиён, Қ. Саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар бунёд ва босозии макотиби Тоҷикистон [Матн] Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.559-560.
[2] БМДҶТ [Матн]. – Ф.360. – ОП.21. – Д.1185. – Л.24.

байналмилалии КЭА Интернэшнел барои 253 муассисаи томактабии вилояти Хатлон 183 тону 853 кило шири хушк ва қариб 7 тонна биринҷ, Бунёди мадад барои 162 муассисаи таълимии ҷумҳурӣ 108 тонна биринҷ ба арзиши 207 ҳазору 554 доллари амрикоӣ ва 198495 тонна равғани растанӣ ба арзиши 233 ҳазор доллари амрикоӣ фиристоданд, ки аз ин теъдоде ба муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон таҳвил шуд[1].

Соли 1997 Федератсияи наҷоти ИМА 329 синфи мактаби ибтидоии вилояти Хатлонро ба арзиши 88 ҳазору 507 доллар ба хӯроки гарм таъмин намуд.[2]

Соли 1998 бо маблағгузории ТАСИФ мактаби №54 ноҳияи Москва (Ҳамадонӣ), №23 деҳаи Ғиҷдоваки ноҳияи Данғара таъмир ва мактабҳои №7 ноҳияи Восеъ, №2 шаҳри Кӯлоб[3], №18 деҳаи Кирови ноҳияи Қӯрғонтеппа бозсозӣ шуданд. Танҳо барои бозсозии мактаби №18 Қӯрғонтеппа 302 ҳазору 549 доллари амрикоӣ сарф гардид[4].

Дар байни солҳои 1998-2000 Идораи комиссариати олии СММ оид ба гурезаҳо (УВКБООН) дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон 5 мактаби ибтидоиро барқарор намуд. Бонки исломӣ иншооти нотамоми ду мактаби ноҳияи Данғара, як мактаби ноҳияи Бохтар ва хонаи кӯдаконро дар ноҳияи Темурмалик сохта, ба истифода дод. Аз ҷониби Бонки осиёи рушд 60 мактаб дар вилояти Хатлон бозсозӣ гардид. Ташкилоти байналмилалии КАРЕ Интернейшнл дар ноҳияи Ёвон як мактаб бунёд ва 2 муассисаи дигари таълимиро бозсозӣ намуд.

Бояд гуфт, ки солҳои 2000-2001 ташкилоти байналмилалии ЮНИСЕФ ба 630 муассисаи таълимии вилояти Хатлон кумак расонд[5].

Соли 2003 татбиқи марҳалаи аввали барномаи Бонкиҷаҳонӣ доир ба ислоҳоти низоми таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон поён ва давраи дуюми он оғоз

---

[1] БМДҶТ [Матн]. – Ф.360. – ОП.21. – Д.1185. – В.33.
[2] БМДҶТ [Матн]. – Ф.360. – ОП.21. – Д.1185. – В.33.
[3] Архиви ҷории Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳури Тоҷикистон [Матн] // Осуществление кредитованици полученых грантов сфре образования. – С.15.
[4] АМДҶТ [Матн]. – Ф.360. – Оп.21. – Д.1211. – Л.95.
[5] АМДҶТ [Матн]. – Ф.360. – Оп.21. – Д.1219. – Л.28.

шуд. Дар ин давра ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, А.Ҷомӣ ва Ҷилликӯл чандин компютер дода шуд.[1]

Тибқи лоиҳаи инвеститсионии нав (2003–2008) аз ҳисоби кредит, грант, маблағҳои буҷети давлатӣ бунёду ва бозсозии мактабҳо дар шаҳру навоҳии Кӯлоб ва Восеъ тарҳрезӣ шуда, сохтмони мактабҳо бо маблағгузории фонди Саудии рушд дар ноҳияи Панҷ идома дошт.

Соли 2006 аз ҳисоби қарзҳои Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд сохтмон, таъмир ва бозсозии мактабҳо, шуъбаҳои маориф дар шаҳру навоҳии Кӯлоб, Восеъ, Ёвон тарҳрез гардид. Дар доираи лоиҳаи ислоҳоти системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағгузории қарзи Бонки осиёии рушд ва буҷети ҷумҳурӣ, дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб бозсозии чанд мактаб дар мадди назар буд.

Тӯли солҳои 1999-2003 аз ҳисоби маблағгузории кредити Бонки ҷаҳонӣ ва татбиқи Барномаи ислоҳоти он чанд мактаби шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ва Восеъ таъмир шуданд. Аз ҳисоби Бонки осиёии рушд макотиби шаҳри Кӯлоб таъмир гардиданд.

Аз ҳисоби маблағҳои Бонки осиёи рушд дар вилояти Хатлон 60 мактаб бозсозӣ шуд. Ташкилоти байналмилалии КАРЕ интернешнл дар ноҳияи Ёвон як мактаб бунёд ва ду муассисаи дигарро бозсозӣ намуд[2].

Тибқи созишнома дуҷонибаи Вазорати маорифи Ҷумҳури Тоҷикистон ва ташкилоти байналмилалии СОРОС татбиқи барномаи таълимии «Қадам ба қадам» дар 5 кӯдакистони ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар кӯдакистони вилояти Хатлон аз соли таҳсили 2003-2004 оғоз ёфт. Таълиму тарбия дар кӯдакистонҳои мазкур аз рӯи барномаи «Роҳнамои мураббӣ» ва методологияи «Қадам ба қадам» роҳандозӣ шуд. Ин муассисаҳои томактабӣ бо тастгирии хазинаи СОРОС ба таҷҳизоти зарурӣ таъмин шуданд, ки ин барои самаранок гузаронидани машғулиятҳо мусоидат намуд.

---

[1] Расулиён, Қ. Осори мунтахаб [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.563.
[2] Образование Таджикистана в период независимости [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.227.

Тибқи лоиҳаи таҷдиди шуъбаи иҷтимоии Бонки осиёии рушд дар чанд мактаби вилояти Хатлон корҳои бозсозӣ то соли 2003 ба анҷом расиданд.

Соли 2004 бо дастгирии молиявии Барномаи ЮСАИД, ПИКС ва шариконаш, бахсус ташкилоти «Наҷот»-и ИМА таъмири баъзе синфхонаи макотиби такягоҳӣ дар навоҳии Колхозобод (Ҷалолуддини Балхӣ), Хуросон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то оғози соли таҳсил анҷом ёфт.

Аз ҳисоби маблағҳои қарзии Бонки ҷаҳонӣ ба воситаи маркази идораи Лоиҳаи қарзӣ дар соҳаи маориф дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Восеъ ва бо маблағҳои қарзии Бонки осиёии рушд дар шаҳри Кӯлоб корҳои таъмир ва таъмини баъзе макотиб бо мизу курсӣ идома дошт.

Аз ҳисоби барномаи дуввуми Лоиҳаи қарзии ислоҳот дар соҳаи маориф (2005–2009) Бонки осиёии рушд илова ба корҳои таъмиру ббозсозӣ боз ҳалли масъалаҳои таҷҳизи 20 мактаб дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб, ҳамчунин баргузории семинарҳои таълимӣ, мониторинг дар навоҳии таҷрибавӣ ва чопи китобҳои дарсиро ба барномаи кумакӣ илова намуд[1].

Дар баробари ин аз ҳисоби маблағҳои қарзии Лоиҳаи азнавсозӣ ва ба сохтмони мактабҳои миёна аз ҳисоби Бонки исломии рушд дар соҳои 1999-2003 дар деҳаи Оқсу, шаҳраки Данғараи ноҳияи Данғара ва хонаи кӯдакон дар деҳаи Гулзори ноҳияи Бохтар бунёд шуданд.

Моҳи майи соли 2006 баҳри татбиқи лоиҳаи «Таҳсилот барои ҳама-ташаббуси рушди босуръат» дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд созишнома ба имзо расид. Дар асоси он Кумитаи хазинаи Каталикӣ, ки назорати маблағҳои он аз номи донорҳо тавассути Бонки ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад, барои татбиқи Стратегияи миллӣ оид ба рушди маориф дар Тоҷикистон 9,2 миллион доллари амрикоӣ барои бозсозии макотиб дар шаҳру навоҳии Кӯлоб, Мӯъминобод, Шӯрообод, (Шамсидин Шоҳин), Балҷувон, Темурмалик, Қумсангир, (Дӯстӣ), Ховалинг, Восе ва бинои шуъбаи маорифи ноҳияи Балҷувон дода шуд.

---

[1] Расулиён, Қ. Осори мунтахаб [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.566.

Дар семоҳаи аввали соли 2006 баъзе муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Балҷувон, Колхозобод (Ҷалолуддини Балхӣ), Бохтар аз ҷониби ЮНИСЕФ ба мизу курсӣ таъмин гардиданд.

Дар доираи барномаи сармоягузории Бонки ҷаҳонӣ доир ба сохтмони биноҳои типи нави марокизи таълимӣ дар байни солҳои 2003-2011 дар шаҳри Кӯлоб бинои дуошёнаи мактаби №5 бо 14 синфхона, аз ҷумла 10 синфхонаи таълимии химияву биология, физика, технологияи истеҳсолӣ барои духтарон, 6 утоқи маъмурӣ, аз қабили ҳуҷраи директор, қабулгоҳ, ҳуҷраи муалимон, ду ҳуҷра барои муовинони директор, машваратгоҳ, 4 ҳуҷраи ёрирасони техникӣ, китобхона, ошхона, толори варзиш, лифт, маркази мустақили гармидиҳӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ва дар ноҳияҳои Восеъ мактаби №53 барои 280 хонанда бунёд шуданд[1].

Бо ташаббус ва дастгирии молиявии фондҳои Сорос, Оғохон ва ташкилоти байналмилалии ЮСАИД аз моҳи феврал то моҳи июни соли 2005 дар ноҳияҳои Мӯъминобод, Ховалинг ва шаҳри Кӯлоб семинарҳои бозомӯзии муаллимон баргузор шуданд. Бо мусоидати фонди Оғохон ва сармоягузории ЮСАИД кормандони Институти такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳри Кӯлоб дар доираи барномаи рушди соҳаи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9–19 феврали соли 2005 дар макотиби №12 ноҳияи Ховалинг, №1 ноҳияи Муъминобод ва №22 ноҳияи Шӯрообод (Шамсидин Шоҳин) курси даҳрӯза барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ ташкил намуданд. Ҳамчунин, онҳо дар асоси барномаи ВЕТ семинари панҷрӯза доир ба омӯзиши компютер доир намуданд, ки дар кори он 15 нафар кормандони Институти такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи шаҳри Кӯлоб иштирок доштанд. Ба замми ин, аз 23 июн то 1 июли соли 2005 дар ноҳияҳои Шӯрообод (Шамсидин Шоҳин), Мӯъминобод ва Ховалинг дар мавзуи «Менеҷмент ва роҳбарӣ дар соҳаи маориф» курсҳо баргузор шуд. Ин

[1] Иҷрои нақша оид ба сармоягузорӣ ва грантҳо дар соҳаи маълумот [Матн]. – С.34.

чорабиниҳо дар асоси Барномаи рушди маорифи фонди Оғохон дар шаҳри Кӯлоб бо ширкати 75 муаллим доир гардиданд[1].

Дар доираи ҳамкориҳои Тоҷикистону Олмон Бонки олмонии рушд дар ҳудуди Тоҷикистон барномаи «Фонди иҷтимоӣ барои дастгирии рушди таҳсилоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ»-ро  амалӣ намуд. Марҳалаи аввал (2005–2009) 29 лоиҳаро фаро мегирифт .

Марҳалаи аввали ин барнома дар 14 шаҳру ноҳияи ғарбии вилояти Хатлон, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Норак, Сарбанд, Хуросон, А. Ҷомӣ, Бохтар, Ёвон, Вахш, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҷилликул, Қумсангир (Дустӣ), Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав амалӣ гардид. Маблағи умумии барнома 6,72 млн евро буд, ки аз ин 5,4 млн евро аз ҷониби Тоҷикистон, 0,3 млн евро аз тарафи дигар ташкилоти хайриявӣ пардохт шуд. Дар маҷмӯъ сохтмони 22 бинои таълимӣ (15904 км$^2$) анҷом ёфт.

Марҳалаи дуввуми татбиқи барномаи мазкур аз сентябри соли 2009 то моҳи апрели соли 2013 идома дошт. Маблағи умумии он 13,54 млн евро буд, ки аз ин 2 млн евро сармояи Олмон, 2,4 млн евро сармояи Тоҷикистон ва 0,4 млн евро сармояи волидон буд. Барнома дар ин марҳала 20 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон, аз ҷумла 14 ноҳияи ғарбӣ ва 6 ноҳия шарқии вилоятро фаро гирифт. Дар марҳалаи севум татбиқи 38 лоиҳа дар назар гирифта шуд. Солҳои 2010–2011 татбқи 15 лоиҳа тарҳрезӣ шуд, ки дар ин радиф 10 бинои таълимӣ дар водии Вахш ва 5 бинои таълимӣ дар водии Кӯлоб мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Бо сармояи Бонки исломии рушд дар деҳаи Гулзори ноҳияи Бохтар бинои сеошёнаи бо 30 синфхона барои 1176 хонанда, бинои сеошёнаи боғчаи бачагона бо 150 рахти хоб дар деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик ба истифода дода шуданд.

Бонки исломии рушд барои солҳои 2007–2011 лоиҳаи навро барои бозсозӣ ва сохтмони ячанд иншооти системаи маориф таҳия намуд. Мувофиқи ин барнома дар деҳаи Маликоваи ноҳияи Данғара бинои дуошёнаи бо 12 синфхона барои 320

---

[1] Бойгонии ҷории Институти ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф [Матн] // Ҳисобот дар бораи иҷрои корҳо дар нимаи дувуми соли 2005. – С.1-2.

ҷои нишаст, дар маркази ноҳияи Москва (Ҳамадонӣ) мактаби дуошёнаи бо 18 синфхона барои 624 хонанда, дар деҳаи Интернатсионали ноҳияи Вахш мактаби дуошёнаи бо 18 синфхона барои 624 хонанда бунёд гардид. Аз ҳисоби лоиҳаи мазкур ҳамчунин, дар деҳаи Иттифоқи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бинои сеошёнаи мактаби бо 30 синфхона барои 1176 нафар хонанда мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт[1].

Бо кумаки молиявии барномаи ЮСАИД ва «Наҷоти кӯдакон»-и ИМА синфхонаҳои макотиби ибтидоии ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Хуросон таъмир а шуданд.

Тавассути маблағгузории грантии фонди Каталитикии гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ солҳои 2007–2008 дар ноҳияҳои Мӯъмиобод, Кӯлоб, Ховалинг, Темурмалик, Балҷувон, Данғара, Восеъ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон ва Панҷ 15 иншооти системаи маориф бо 6733 ҷои нишаст таъмир гардид. Аз ин миён, мактаби №8 дар деҳаи Боғаии ноҳияи Мӯъминобод аз таъмири асосӣ бароварда шуд[2].

Моҳи июни соли 2013 дар доираи ҳамкории молиявии Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва Олмон дар ҷараёни татбиқи марҳалаи дуввуми барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои масоили рушди коммуналӣ» бо дастгирии Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон ва Бонки олмонии рушд дар деҳаи Гулободи ноҳияи Восеъ мактаби нави №33 сохта шуд. Дар чаҳорчӯбаи ин ҳамкорӣ сохтмону бозсозии макотиби №27, 31 ва 41-и ин ноҳия идома дошт.[3]

Баррасии сарчашма ва маводди оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи таҳқиқи мо ҳукумати ҷумҳурӣ бо ёрии созмонҳои байналмилалӣ дар умури мустаҳакам намудани пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи маориф як зумра чораҳои муҳим андешид. Дар радифи зиёд намудани маблағгузории будҷа ва ба таври васеъ аз қарзу грантҳо ва кумакҳои башардӯстонаи созмонҳои байналмилалӣ истифодаи самаранок намуд. Ба Ҳукумати кишвар, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон муяссар гардид, ки сари

[1] Бойгонии ҷории Кумита оид ба сармоягузорӣ ва управленияи давлатии андози ҶТ [Матн] // Ҳисобот оид ба кумакҳои берунӣ. – С.10.
[2] Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳури Тоҷикистон [Матн] // Маълумот дар бораи анҷоми лоиҳаи ПУР-3 дар ҳолати то 10.12.2012.
[3] Расулиён, Қ. Осори мунтахаб [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.575.

вақт ба созмонҳои байналмилалӣ муроҷиат намоянд, то мушкилоти молӣ дар масъалаи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо асбобҳои айёнӣ, мизу курсӣ ва ҷевонҳои гуногун, чароғонкунонӣ ва қисман компютеркунонӣ нисбатан ҳалли худро пайдо намоянд.

Бозсозии биноҳои хароби муассисаҳои таълимии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таъмиру сохтмони биноҳои нави муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ва анҷоми дигар корҳои муҳим бе дастгирии маънавӣ ва кумакҳои молии созмонҳои байналмилалӣ дар як муддати нисбатан кӯтоҳ номумкин буд.

Аммо таҳқиқоти мо нишон дод, ки маблағи ҷудошуда қисман на дар ҳама ҷо самаранок истифода мешуд. Камбудиҳо ба кордонию дараҷаи тахассуси кормандони муассисаҳои лоиҳакашӣ бастагӣ доштанд. Низоми номуайяни рафтору муносибати ягона дар умури интихоби кадрҳо ба он оварда расонид, ки дар вазифаҳои масъул ашхоси бетаҷриба ва дар айни замон манфиатҷӯ ва суистифодаҷӯ аз мансаб ба хотири мақсадҳои ғаразноки худ ба кор қабул шуданд.

Дигар мушкилоти бозсозии соҳаи маориф ҷой доштани коррупсия (ришва) дар ҷараёни татбиқи ин ва ё он лоиҳа буд. Чунончи, Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти санҷиш фаъолияти Маркази идораи қарздиҳӣ дар соҳаи маориф ошкор намуд, ки ҳангоми корҳои бозсозии биноҳои таълимӣ дар вилояти Хатлон амалҳои изофанависӣ ва аз худ намудани маблағҳо ҷой доштанд. Боят афзуд, ки ин ҳодисаи ягона набуд.

Ошноӣ бо маводди бойгонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бархе аз вазоратҳои соҳавӣ дар умури татбиқи лоиҳаҳои молиявии хориҷӣ, аз қабили хариди масолеҳи сохтмон, натиҷагирӣ намудани корҳои ба анҷом расида ва ғайра дар ҳудуди вилояти Хатлон ба хотири дарёфти маблағҳо дахолат доштанд. Ин ва дигар корҳои ношоям муҷиби сар задани амалҳои коррупсионӣ ва ҳамзамон норозигии роҳбарони ташкилотҳои байналмилалӣ гардиданд. Илова бар ин, дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, дар давраи мавриди назари мо, бархе дигар мушкилот вуҷуд доштанд. Чунки ҳанӯз дар ҷумҳурӣ пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба ин масъалаҳо муназзам набуд. Ҳамчунин, дар кишвар ҳеҷ як муассисаи давлатии ягона, ки ба масъалаҳои дарёфти кумакҳои байналмилалии

молӣ ва дигар навъи кумакҳо ба мақсади рушди соҳаи маориф сару кор дошта бошад, вуҷуд надошт. Ноҷурӣ ва ноҳамоҳангии муносибати дуҷониба ба чашм мерасид, дар ҳуҷҷатгузориҳои нодурусти ҳисоботӣ ва ғайра сабаби бе низомӣ гардиданд. Аз ҷумла, нишондоди маблағи кумакҳои башардӯстона танҳо дар рӯи қоғаз вуҷуд доштанд. Аммо дар амал бархе аз муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон чун пештара дар ҳолати харобию хонандагонашон қашшоқу бенаво буданд. Бояд гуфт, ки новобаста аз ин ва мушкилоти дигар, дар маҷмӯъ, созмонҳои байналмилалӣ дар умури таъмир, бозсозӣ, таъсиси биноҳои нави таълимӣ ва ғайра саҳми болиғ гузоштанд. Дастгирии молиявии онҳо нисбатан ба ҳайси сарчашмаи ягона дар умури бозсозии зербино ва фароҳам овардани шароити муносиб раванди табии таълиму тарбия дар вилояти Хатлон, бахсус минтақаи ҷангзадаи он аст.

Теъдоди муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ дар солҳои 1992–2013 аз 1200 мактаб ба 1306 адад расид.[1]

Аз ин 138 мактаби ибтидоӣ, 186 мактаби асосӣ, 938 мактаби таҳсилоти умумӣ, 2 мактаби президентӣ, 1 мактаб-интернат барои хонандагони аз лиҳози фикрию ҷисмонӣ заиф фаъолият доштанд. Дар онҳо соли 2013 647874 хонанда, аз ҷумла 307271 духтар таҳсил менамуд. Дар саросари вилояти Хатлон 17 мактаб-интернат, 26 маркази таҳсилоти иловагии умумӣ ва 119 муассисаи томактабӣ вуҷуд дошт. Теъдоди умумии муаллимон дар соли 2015 33739, аз ҷумла 16190 нафар занон буданд. Муаллимон 52% ва муаллимаҳо 48% буданд. Тӯли солҳои истиқлол дар вилояти Хатлон 16 мактаби ибтидоӣ ба мактаби асосӣ ва 27 мактаби асосӣ ба мактаби таҳсилоти умумӣ табдил дода шуданд. Ин макотиб дар ноҳияҳои Балҷувон, Қубодиён, Ҷиликӯл, Шаҳритус, Қумсангир, Панҷ, Хуросон ҷой доранд.

Соли 2014 дар вилоят 44 мактаби типпи нав, аз ҷумла 25 гимназия (23 гиназияи давлатӣ ва 2 гимназияи ғайридавлатӣ), 19 литсей (16 литсейи давлатӣ ва 3 литсейи ғайридавлатӣ)[2] фаъолият дошт, ки дар онҳо 967 нафар муаллим ба 15 ҳазору 470 нафар хонанда, аз ҷумла 3534 духтар дар 685 синф дарс медоданд.

---

[1] Татбиқи барномаи давлатӣ дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон [Матн]. – Душанбе, 2014. – С.104.
[2] Ҳисоботи Раёсати вилояти Хатлон аз 29 августи соли 2014 [Матн].

Бо қарори раиси вилояти Хатлон аз 23 декабри соли 2011, №308 «Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №457» Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии рушди соҳаи таълими томактабӣ дар давраи солҳои 2012-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чандин чорабинии муҳим баргузор шуд.

Таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои муҳимми раванди таълиму тарбия маҳсуб мешуд, ки аз оғози давраи истиқлолии кишвар дар маркази диққати роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт.

Дар солҳои аввали истиқлол бар асари муноқишаҳои дохилӣ ва муҳоҷирати иҷбории омӯзгорон дар аксар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон омӯзгорони касбӣ намерасиданд, ки таъсири ин омилҳо то ҳанӯз эҳсос мегардад.

Бо мақсади ислоҳи вазъ ва таҳкими заминаи ҳуқуқии соҳаи маориф соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи маориф» қабул гардид. Дар заминаи он бахри ҷалби мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус» (аз 12.6.1995) ба тасвиб расид, ки ин барои ҷалби кадрҳои омӯзгорӣ шароити муносиб фароҳам овард.

Қабули «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005–2010 (аз 02.10.2010, №475) ба таҳкими заминаҳои моддӣ-техникӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандии моддию маънавии омӯзгорон ва таҳияи санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаи маориф таъсири мусбӣ гузошт[1].

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон баъди хатми муассисаҳои миёнаи касбӣ қарори махсус баровард, ки онҳо бинобар таҳсилашон аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар шуъбаи рӯзонаи вазифадоранд, ки тибқи роҳхати

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.31.

вазорату идораҳо дар ҷойҳои муқаррарӣ на камтар аз 3 сол кор кунанд. Бо вуҷуди ин, мутахассисони ҷавон бо сабабҳои гуногун ба ҷойи кор ҳозир намешуданд[1].

Бо мақсади ислоҳи вазъи мавҷуда аз 2 июли соли 2009, таҳти №391 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки ба ҷойи кор ҳозир нашуданд» қабул шуд, ки он барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат кард.

Дар самти тайёр намудани кадрҳо, ҳавасмандгардонӣ ва дигар масъалаҳои марбута дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва қабул шуд, ки дар ҳалли бевоситаи праблемаҳои ҷойдошта мусоидат намуд. Аз моҳи сентябри соли 2009 маоши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ  ба маоши омӯзгорони мактабҳои миёнаи умумӣ баробар ва аз 67 сомонӣ ба 250-300 сомонӣ афзун шуд.

Бо мақсади таҳвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул шуд. Тибқи ин қарор дар муддати 3 соли аввали фаъолияти кории омӯзгорони ҷавон, ки маълумоти олии омӯзгорӣ доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд, барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё инки парвариши 20 оилаи занбӯри асал қарзи имтиёзнок дода мешуд. Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавони дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии гуногун кор мекарданд, дар ҳаҷми то 6 ҳазор сомонӣ ба таври накдӣ ва ғайри накдӣ бо меъёри 3% солона ба муҳлати 5 сол дода мешуд. Инчунин, тибқи талаботи қарори мазкур барои омӯзгорони ҷавон ҷудо кардани замини наздиҳавлигӣ низ пешбинӣ шудаст. Дар муддати 8 соли татбиқи қарори мазкур дар вилояти Хатлон 1651 нафар аз ин имтиёзҳо истифода карданд[2].

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.32.
[2] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.34-35.

Барои омӯзгорони ҷавон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2015, таҳти №433 «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд» 10 фоиз илова шуд.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб шуда, ҳалли он ба раванди пешрафти таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон зич алоқаманд аст. Ҳар сол дар асоси дархости раёсату шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ эҳтиёҷоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки норасоии кадрҳои омӯзгорӣ сол аз сол бартараф ва муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин мешаванд.

Талаботи мактабҳои таҳсилоти умумии вилояти Хатлон дар байни солҳои 2006-2016 ба кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ чунин буд: соли таҳсили 2005-2006 3344 нафар; 2006–2007 = 2704; 2007–2008 = 2214; 2008-2009 = 1504; 2009–2010 = 1133; 2010–2011 = 1095; 2011–2012 = 1111; 2012–2013 =1 624; 2013–2014 = 1710; 2014–2015 = 955 ва 2015–2016 = 777 нафар. Аз омори фавқ маълум мешавад, ки дар байни даҳ сол талаботи мактабҳои вилояти Хатлон нисбат ба мутахассисони соҳибихтисос омӯзгорӣ то 2265 нафар коҳиш пайдо ёфтааст[1].

Дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар шуъбаҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф фаъолият доранд,ки вазифаҳои асоси онҳо чунинанд:

таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии замонавӣ ва роҳандози раванди бозомӯзии омӯзгорони фанни ғайритахассус;

бунёди пояи муосири техникӣ ва технологии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

коркарди механизми бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ҷалби бештари мутахассисони варзида ва унвондор;

такмил додани пояи илмию методии раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

гузаштан ба сикли сесолаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;

бунёди инфраструктураи ба талаботи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷавобгӯй;

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 192 с.

гузаштан ба маблағгузории сарикасии такмили ихтисос;

коркард ва ҷорӣ намудани системаи музди кори ҳавасмандкунанда;

гузаштан ба системаи супориши давлатӣ ва такмили ихтисос;

ҷорӣ намудани шаклҳои муосири такмили ихтисос (кредитӣ, фосилавӣ ва модулӣ);

коркард ва татбиқ намудани барномаҳои таълимии алтернативӣ дар такмили ихтисос;

беҳтар намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии такмили ихтисос;

коркарди механизми дарёфт, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва роҳбарӣ[1].

**Ҷадвали № 3**

**Нишондоди асосии соҳаи маорифи вилояти Хатлон дар солҳои 1992-2015.**

| р\т | Муассисаи таълимӣ (теъдод) | Соли 1995 | Соли 2000 | Соли 2005 | Соли 2010 | Соли 2012 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Муассисаи таҳсилоти олӣ | 2 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| 2. | Донишҷӯён | 14670 | 20942 | 23640 | 22362 | 23640 | 28330 |
| 3. | Макотиби миёнаи махсус ва коллеҷҳо | 11 | 11 | 12 | 12 | 12 | 15 |
| 4. | Донишҷӯён | 6800 | 7000 | 8240 | 8492 | 10852 | 19967 |
| 5. | Омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ | 20 | 20 | 18 | 18 | 18 | 18 |
| 6. | Хонандагон | 5600 | 5809 | 5870 | 5938 | 5347 | 5800 |
| 7. | Макотиби таҳсилоти умумӣ | 1239 | 1301 | 1301 | 1301 | 1303 | 1328 |
| 8. | Аз ҷумла: -мактабҳои (ибтидои) | 210 | 224 | 215 | 213 | 197 | 215 |
| 9. | -асосӣ | 212 | 244 | 240 | 238 | 288 | 240 |
| 10. | -миёна | 681 | 791 | 798 | 806 | 832 | 865 |
| 11. | -гимназияҳо ва литсейҳо | 5 | 7 | 10 | 15 | 24 | 25 |
| 12. | Макотиби барои кӯдакони камрушдёфта | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 13. | Теъдоди Хонандагон | 5836774 | 638688 | 679744 | 640937 | 643534 | 666200 |
| 14. | Боғчаи кӯдакон | 57 | 100 | 102 | 109 | 109 | 128 |
| 15. | Теъдоди кӯдакон | 19121 | 9376 | 11126 | 11289 | 12427 | 15987[2] |

Аз ошноӣ ва мавриди таҳлилу баррасии арқоми омории мундариҷ дар ҷадвали №2 бармеояд, ки дар тӯлӣ солҳои мавриди назари мо низоми маориф ва таҳсилоти олии вилояти Хатлон пешрафтҳои қобили таввҷҷуҳ дошт. Ин рушдро мо дар мисоли афзоиши теъдоди макотиби миёнаи махсус ва омӯзишгоҳҳои

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.88-89.

[2] Оҷонсӣ оид ба омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2017. – С.79-89.

касбӣ-техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва теъдоди донишҷӯёну донишомӯзони онҳо баръало мушоҳида менамоем.

**Ҷадвали №3**

**Шумораи омӯзгорони муассисаҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ аз рӯи дараҷаи таҳсилот дар вилояти Хатлон.**

| Шумораи омӯзгорон | ....<br>.... | 1995<br>1996<br>29148 | 2000<br>2001<br>29323 | 2005<br>2006<br>31073 | 2010<br>2011<br>30358 | 2011<br>2012<br>30979 | 2012<br>2013<br>32544 | 2013<br>2014<br>33701 | 2014<br>2015<br>35352 | 2015<br>2016<br>38049 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла занҳо. | .... | 8095 | 10472 | 12240 | 14330 | 14868 | 15761 | 16198 | 17043 | 18218 |
| Олӣ | .... | 18811 | 17284 | 18524 | 17248 | 17954 | 19399 | 20508 | 21905 | 23903 |
| Олии нопура. | .... | 1114 | 1329 | 1520 | 2134 | 1873 | 1597 | 1513 | 1606 | 1982 |
| Миёнаи махсус. | .... | 6506 | 5995 | 7151 | 8761 | 8808 | 8939 | 8945 | 9043 | 9488 |
| миёнаи умумӣ. | .... | 2717 | 4715 | 3878 | 2242 | 2344 | 2609 | 2735 | 2798 | 2676.[1] |

Аз мушоҳидаи ҷадвали №3 бар меояд, ки дар солҳои 1995–2015 теъдоди умумии муаллимони мактаби таҳсилоти умумӣ, муаллимаҳо, муаллимони дорои таҳсилоти олӣ, олии нопурра ва миёнаи махсус ҳамасола дар афзоиш буд. Дар ин радиф, хушбахтона, шумораи умумии муаллимоне, ки дорои таҳсилоти касбии педагогӣ нестанд дар соли таҳсили 2015-2016 нисбат ба соли таҳсили 2014-2015 коҳиш пайдо намудааст.

Аммо дар қиёс ба вилояти Суғд бояд гуфт, ки дарсади (фоиз) умумии ҳам муаллимаҳо ва ҳам муаллимони дорои таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон нисбат ба вилояти Суғд кам аст. Аз ҷумла, соли таҳсили 2014–2015 дар вилояти Хатлон 2796 нафар, дар соли таҳсили 2015-2016 2676 нафар муаллим бо таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доштанд. Ҳоло он ки дар вилояти Суғд ҳамагӣ 184 муаллим бо таҳсилоти миёнаи умумӣ кор мекарданд.

Ин рақам дар соли таҳсили 2015-2016 ба сифр баробар шуд, яъне дар макотиби вилояти Суғд ҳамаи муаллимон дорои таҳсилоти тахассусии омӯзгорӣ буданд.

Дар ҷамбасти ин зербоб метавон хулоса намуд, ки дар соли таҳсили 2016-2017 дар вилояти Хатлон 1328 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият менамуд, ки аз ин шумораи макотиби таҳсилоти ибтидои 76 адад, таҳсилоти асосӣ 176 адад

[1] Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2016. – С.53.

ва таҳсилоти миёна 1027 адад гимназия 24 адад ва литсей 21 адад буд. Аз ин 157 мактаб дар шаҳрҳо ва 1171 адад дар деҳот фаъолият менамуданд.

Шумораи умумии хонандагон дар соли 2016 ба 681961 нафар расид, ки 140934 нафари онҳо дар макотиби шаҳрҳо ва 540027 нафар дар макотиби деҳот таҳсил мекарданд.

Соли таҳсили 2016 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ин вилоят 40907 омӯзгор ба таълиму тарбияи насли наврас машғул буданд, ки 7459 нафар дар шаҳрҳо ва 33448 нафарашон дар макотиби деҳот дарс мегуфтанд.

Аз теъдоди умумии муаллимон 19700 нафар зан буданд. Шумораи муаллимони дорои таҳсилоти олӣ 26300 нафар, олии нопурра 2571 нафар, миёнаи махсус 9947 нафар ва миёнаи умумӣ 2089 нафар буд.

Ҳамзамон, 13 интернати ёрирасони (дорои 3152 нафар хонанда), 1 хонаи кӯдакони (дорои 112 нафар хонанда), 4 интернати наздимактабии (дорои 352 нафар тарбиятгиранда), 135 муассисаи доимии томактабӣ (дорои 15167 кӯдак) ва 135 боғчаи бачагона (дорои 15167 тарбиятгиранда) фаъолият доштанд. Аз теъдоди умумии муассисаҳои доимии томактабӣ 85 адад бо 11440 нафар кӯдак дар шаҳрҳо ва 50 адад бо 3727 нафар дар деҳот амал мекарданд. Аз шумораи умумии боғчаҳои бачагона 126 адад бо 14504 кӯдак дар тавозуни маориф ва 9 адад бо 663 кӯдак дар тавозуни муассисаҳои ғайрисоҳавии маориф буданд[1].

Хуллас, пас аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии маводди оморӣ ва бойгонӣ мо ба чунин натиҷа расидем, ки дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон дар радифи дастовард камбуду норасоиҳо ва каму костиҳои қобили таваҷҷуҳ ҷой доранд. Чунончи аз сабаби нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар 24 муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз он ҷумла дар шаҳри Кӯлоб 5, ноҳияҳои Ҷайҳун 4, Фархор 4, Абдураҳмони Ҷомӣ 5, Вахш 2, Кӯшониён 1, Восеъ 1, Данғара 1, Ҳамадонӣ 1 муассисаи таҳсилоти умумӣ раванди таълиму тарбия дар се баст роҳандозӣ м шудааст.

---

[1] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2011-2016 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. – Хатлон, 2016. – С.33-48.

Дар ноҳияҳои Балҷувон филиали муассисаи таълимии №18; Муъминобод филиалҳои муассисаи таълимии № 19; Ховалинг филиалҳои муассисаи таълимии № 16 (2 филиал), дар маҷмуъ 4 муассисаи таълимӣ дар хонаҳои шахсӣ; дар ноҳияҳои Панҷ муассисаи таълимии № 45 ва Кӯшониён муассисаи таълимии № 50, дар маҷмуъ 2 муассисаи таълимӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд.

Дар шаҳрҳои Бохтар 1 муассиса, Кӯлоб 5 муассиса, Норак 6 муассиса, Левакант 6 муассиса, Абдураҳмони Ҷомӣ 11 муассиса Балҷувон 10 муассиса, Кӯшониён 12 муассиса, Вахш 12 муассиса, Восеъ 9 муассиса, Данғара 6 муассиса, Ёвон 12 муассиса, Қубодиён 16 муассиса Ҷалолиддини Балхӣ 3 муассиса, Ҷайҳун 19 муассиса, Ҳамадонӣ 5 муассиса, Муъминобод 24 муассиса, Шаҳритус 13 муассиса, Носири Хусрав 8 муассиса, Панҷ 16 муассиса, Темурмалик 16 муассиса, Фархор 28 муассиса, Ховалинг 4 муассиса, Хуросон 11 муассиса, Дӯстӣ 20 муассиса, Шамсиддин Шоҳин 18 муассиса дар маҷмӯъ 291 муассисаҳои таълимӣ ба сохтмони бинои иловагӣ ва таъмири асосӣ зарурат доранд.

Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва маркази инкишофи кӯдакон ҳамагӣ 9 фоизи кӯдакони 1–6 солаи вилоят ба таълиму тарбияи ҷал шудаанд.

Мувофиқи «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018 – 2020» дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 27 кабинети физика, 26 кабинети химия ва 25 кабинети биология, дар маҷмӯъ 78 кабинет муҷаҳҳаз шудааст, ки ин ба 27 % иҷроиши нақша баробар аст.

Муассисаҳои таълимии вилоят ба 265 мутахассиси касбии алифбои ниёгон, технологияи информатсионӣ, биология, география, забони англисӣ, забони русӣ, забон ва адабиёти тоҷик, математика, химия, синфҳои ибтидоӣ, таърих ва физика эҳтиёҷ доранд.

### 1.2. Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна касбӣ ва олӣ

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС бар асари бархӯрдҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардид. Бахсус, соҳаи маориф ба

бухрони шадид дучор шуд. Барои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мушкилоти назаррас пеш омад. Аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб аз фаъолият монданд. Иншооту биноҳо хароб шуд мутахассисони варзидаи соҳа кишварро тарк намуданд. Музди маоши пасти омӯзгорону кормандон ва сари вақт пардохт нагардидани он норасоии кадрҳоро дар муассисаҳои таълимӣ ба миён овард. Ба забони давлатӣ нашр нашудани китоб ва маводди таълимӣ низ дигар мушкилоти ин соҳа буд. Бо сабаби барҳам хӯрдани Маркази таълимӣ-методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳури Тоҷикистон мушкилоти таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ ба миён омад. Таълимгоҳҳо аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии даврони шӯравӣ амал мекарданд. Бо сабаби камбуди маблағгузории соҳа пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ куҳнаю фарсуда шуд. Барои рушди соҳаи маориф хароҷоти камсамар таъсири манфӣ расонд. Мушкилоти нарасидани омӯзгорони касбӣ, китобу воситаҳои таълимӣ ва ба корҳои кишоварзӣ ҷалб шудани хонандагону донишҷӯён, мутасифона, ба сифати таълим ва сатҳи тайёрии касбии мутахассисон таъсири манфӣ расонд.

Барои бартараф кардани мушкилот ва баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия карданд, ки ин барои беҳтар шудани соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат намуд[1].

Вобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра барои бартараф кардани норасоии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ чанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Қубодиён (аз.12.01.1999,№9) Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ таъсис дода шуд[2].

Бахри амалӣ гардонидани қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон №62 аз 01.07.1999 «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ табдил додани мактабҳои миёнаи махсус» дар радифи дигар техникумҳо Техникуми энергетикии Қӯрғонтеппа ба коллеҷ табдил дода шуд.

---

1 Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.39-40.
2 Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.41.

Дар даврони истиқлол на танҳо низоми таҳсилот тағийр ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ шакл ва мазмуни нав пайдо карданд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ ва таҳсилоти ҷаҳонӣ мувофиқ намудани таҳсилот дар давраи истиқлол чанд омӯзишгоҳу техникум, аз ҷумла омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 01.7.1999, №262 тадриҷан ба коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил дода шуданд. Нақша ва барномаи намунавии онҳо соли 1999 таҳия ва дар солҳои 2001 ва 2007 такмил гардиданд.

Нақша ва барномаҳои таълимии курсҳои поёнии ин муассисаҳои таълимӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқ в ба хатмкунандагон онҳо барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ имтиёз дода шуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ то соли 2000-ум танҳо аз рӯи ихтисоси «таҳсилоти ибтидоӣ» мутахассис тайёр карда мешуд. Баъди тағйир ёфтаин сохтори муассисаҳо аз рӯи ихтисосҳои «Матиматика», «Филологияи тоҷик», «Филологияи рус», «Филологияи ӯзбек», «Таърих», «Забони англисӣ»ва «Матиматика-инфарматика» мутахассис омода мекарданд[1].

Дар муассисаҳои омӯзишии соҳаи тиб, фарҳангу кишоварзии ин зинаи таҳсилот низ тағйироти куллӣ ба амал омад; омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.1999. №100 ба коллеҷи тиббӣ, совхоз-техникуми ба номи В.В. Кӯйбишеви ноҳияи Коммунистӣ ба коллеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Бохтар аз (6.07.19996, №316) табдил дода шуданд.

Дар ин солҳо муассисаҳои ғайридавлатӣ, аз қабили коллеҷҳои тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Ҳамадонӣ, техникию иқтисодӣ дар шаҳри Кӯлоб ба фаъолият оғоз намуданд.[2]

Яке аз масъалаҳои муҳими солҳои 2000 тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ба шумор мерафт. Дар шароити рақобати бозори кор бе ҳалли ин масъала тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб ғайриимкон аст. Бо сабаби нарасидани

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.42-43.
[2] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.45.

омӯзгорони соҳибихтисос дар мактабҳо шахсони дорои сатҳи пасти касбӣ низ ба кор роҳ ёфтанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ бинобар зарурати ҳалли ин масъала ба таълиму тарбияи омӯзгорон диққати махсус дод. Зарурати қабули «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010» (аз 01.11.2004, №425) ба миён омад.

Барои ҳалли нисбии масъала дар байни Ҷамияти ҳамкориҳои техникии Олмон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф ва коллеҷҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа созишнома ба имзо расид.[1]

Бо мақсади таҳлили вазъи таълиму тарбия ва сифати тайёр намудани мутахассисон дар омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ ва гӯруҳҳои таълимии онҳо баъди вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (декабри 2005) комиссия таъсис дода шуд.

Комиссияи мазкур фаъолияти омӯзишгоҳҳои омӯзгориро мавриди санҷиш қарор дод. Санҷиш нишон дод, ки дар маҷмӯъ сифати таълим, пояи моддию техникӣ ва кадрии омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ паст ва ба стандарти давлатӣ ҷавобгӯ нест. Омили асосии сатҳи паст дониш ба таври лозим ташкилу роҳандозӣ нашудани ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ буд. Пеш аз ҳама, бе омодагии касбӣ ва тайёрӣ ба дарс омодани омӯзгорони мактабҳои миёнаи касбӣ ба чашм мерасид. Аксари онҳо дар солҳои охир бинобар ҷалб нашуданашон ба курсҳои такмили ихтисос аз технологияи иттилоотию коммуникатсионии муосир, компютеру интернет истифода бурда наметавонистанд. ЗПойгоҳи моддӣ-техникӣ ва дастурҳои методии ба талабот ҷавобгӯ набуданд.

Норасоии китобҳои дарсӣ, барнома ва дастурҳои илмӣ-методӣ низ аз ҷумлаи мушкилоти муассисаҳои таълимии мазкур буд. Омодагии омӯзгорон низ барои таълим чандон қобили қабул набуд. Ҳангоми дарс ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва психологияи синнии ҷавонон ба назар гирифта намешавад. Ҷалби донишҷӯён ба корҳои кишоварзӣ, таъмин набудани онҳо ба хобгоҳ боиси заъфи сатҳи донишашон мегардад.

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.48.

То соли 2007 толибилмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар озмунҳои фаннӣ, бахсус, даври ҷумҳуриявӣ ширкат намеварзиданд. Соли таҳсили 2007-2008 бори аввал дар таърихи маорифи кишвар озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори чашни 1500-солагии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид, ки ин иқдом то ҳол идома дорад.

Баҳри иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (аз 02.11.2007, №529) соли 2012 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низоми кредитии таҳсилот оғоз шуд[1].

Бо мақсади ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим дар ҷумҳурӣ бори аввал соли 2003 барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд. Вале дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ бо сабаби қатъ шудани қувваи барқ омӯзиши компютер сурат намегирифт.

Ҳоло дар вилояти Хатлон Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар, Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ, Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара, Коллеҷи тиббии ноҳияи Фархор, Колеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Бохтар, Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Фархор ва ғайра фаъолият менамоянд.

Теъдоди хонандагони колеҷҳои вилояти Хатлон аз 2242 нафари соли 1995 дар соли таҳсили 2010-2011 ба 3420 нафар расид[2].

Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб соли 1996 дар заминаи Омӯзишгоҳи тиббии Кӯлоб таъсис ёфт. Коллеҷро соли 2000-ум 251 нафар, 2001 297 нафар, 2003 202 нафар, 2004 204 нафар хатм намуданд. Дар соли таҳсили 2005-2006 дар ин коллеҷ 900 нафар таҳсил менамуд, ки ба онҳо 120 муаллим дарс мегуфтанд. Ин муассисаи миёнаи махсус аз рӯи ихтисосҳои ҳамшираи тиббӣ, момодоя, шуъбаи

---

[1] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.50-52.
[2] Омори солонаи вилояти Хатлон дар 20 соли истиқлолият [Матн]. – С.70.

табобатӣ, дорусозӣ, даҳонпизишкӣ, фелшерӣ, ташхиси лабараторӣ мутахассис тайёр менамояд.[1]

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб 1 июни соли 1999 дар заминаи Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт. Дар соли таҳсили 2002-2003 дар он 565 нафар аз руи ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик, филологияи англисӣ, таърих, математика, методикаи таълими ибтидоӣ таҳсил менамуданд.[2]

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1 июли соли 1999, №262) ва фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 23 июни соли 1999, №402) дар заминаи Омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдураҳмони Ҷомии шаҳри Қӯрғонтеппа таъсис ёфт. Коллеҷ аз руйи ихтисоси филологияи тоҷик, забони англисӣ, усули таҳсилоти ибтидоӣ, математика ва таърих мутассис омода мекунад.

Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб ба номи К. Қурбонов соли 2004 дар заминаи Омӯзишгоҳи санъати шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт, ки соли таҳсили 2005–2006 дар он 120 нафар таҳсил менамуд. Ба шогирдони коллеҷ 28 муаллим дарс медоданд. Коллеҷ дорои шуъбаҳои созҳои миллӣ, най, доира, ғиҷҷак, дутор, думра, аккардион, рубоб, фалак (навозанда ва овозхон), фортепияно, драма, китобдорӣ, рақси миллӣ, рассомӣ буд.

Соли таҳсили 2016-2017 дар Коллеҷи санъати ба номи К. Қурбонови шаҳри Кӯлоб 103 донишҷӯ (73 нафар дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 30 нафар тариқи шартнома) таҳсил менамуд, ки аз ин теъдод 60 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона ва 43 нафар донишҷӯи шуъбаи ғоибона буданд. Дар ин муддат, дар коллеҷ озмунҳои «Навозандаи беҳтарин», «Варзишгари беҳтарин», «Дастурхони наврӯзии беҳтарин», «Рӯзномаи девории беҳтарин» баргузор ва барномаи ҳунарии коллеҷ тавассути муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» сабт гардид.

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.230.
[2] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.229.

Дар доираи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ шогирдони коллеҷ дар даври хотимавии олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори ҷои якум шуданд[1].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2 ноябри соли 2007, №548) ва ташаббуси Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ дар заминаи литсейи №9-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ муассисаи таълимии давлатии Коллеҷи энергетикӣ таъсис ёфт. Қабули донишҷӯён ба коллеҷ аз сентябри соли 2008 дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона оғоз гардид. Соли 2012 дар коллеҷ донишҷуён аз рӯи ихтисоси стансияҳои барқӣ, таъминоти барқӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар соҳаи барқ ва ташкили боркашонии автомобилӣ таҳсил менамуданд. Дар ибтидои соли 2012 дар шуъбаи рӯзона 440 донишҷӯ ва дар шуъбаи ғоибона 560 донишҷӯ таҳсил доштанд, ки ба онҳо 56 муаллим дарс медоданд.

Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30-юми апрели 2016, №192) дар заминаи литсейи касбӣ-техникии ба номи Ютако Акинои ноҳияи Данғара таъсис дода шуд. Коллеҷ фаъолияти худро аз рӯи 6 ихтисос дар 7 гурӯҳи таҳсили рӯзона ва ду гурӯҳи таҳсили ғоибона оғоз намуд. Инчунин, дар назди коллеҷ Литсейи касбӣ-техникӣ (иборат аз 11 гурӯҳ) фаъолият менамояд. Коллеҷ аз руи ихтисосҳои тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳисобчӣ (бо омӯзиши кор дар компютер), кафшергари барқӣ-газӣ (дар заминаи синфи 9), ронандаи дараҷаи «С» (системаи компютер) ва ихтисоси дараҷаи «С» (дар заминаи синфи 11) мутахассис тайёр мекунад.

Соли 2016 дар 18 гурӯҳи таълимии коллеҷ 535 нафар, аз ҷумла 62 духтар таҳсил менамуд. Ҳамчунин, дар коллеҷ курсҳои кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ, ронандаи автомобили дараҷа «С», кафшергари барқу газ, омӯзиши компютер, рангу бори сохтмон, хиштчин, такторчӣ, муҳосиб, барқчӣ, омӯзиши забонҳои руссию англисӣ роҳандозӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки коллеҷ ба чунин мушкилот рӯбарӯ буд: камбуди техникаи коркарди замини вобаста ба коллеҷ; камбуди автомашинаҳои таълимӣ барои

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2017. – 14 июл.

хонандагон ва хидматрасонӣ, таҷҳизот, таъмирталаб будани парки мошинҳои хоҷагии қишлоқ,толорҳои варзишӣ ва маҷлисгоҳ[1].

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992–1997) дар водии Вахши вилояти Хатлон аксари биноҳои омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, устохона, хобгоҳи донишомӯзон хароб шуданд. Ин биноҳо дар марказҳои ноҳияҳо ва деҳот ба бозсозӣ, тармиму таъмири асосӣ ниёз доштанд. Ҷорӣ шудани лимити барқ дар ноҳияҳои вилоят ба раванди таълим таъсири манфӣ расонд. Барои бозсозӣ, таъмиру тармим ва мустаҳакам намудани баъзаи моддӣ-техникии омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ маблағ нокифоя буд. Созмонҳои ёрирасони байналмилалӣ низ ба ин соҳа аҳаммияти зарурӣ намедоданд.

Аз ҷумла, дар замони муноқишаҳои шаҳрвандӣ Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияи Қумсангир (Дӯстӣ) аз феврали соли 1993 муваққатан ба ихтиёри Кумитаи ҳолатҳои фавкулоддаи ҷумҳурӣ дода шуд. Соли 2006 аз нав фаъолияти муассиса оғоз гардид. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тамоми пойгоҳи моддӣ-техникии омӯзишгоҳ корношоям шуд. Ҳамчунин, барои баргузории дарсҳои амалӣ ва таҷрибӣ ҳеҷ гуна имконият вуҷуд надошт. Дар хобгоҳи омӯзишгоҳ, ки тибқи лоиҳаи нав барои 600 рахти хоб сохта шуда буд, дар солҳои ҷанг хонаводаҳои бесарпаноҳ зиндагӣ мекарданд[2]. Танҳо дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои бозсозӣ, таъмири бинои асосӣ ва хобгоҳи он 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Таъкиди он нуқта низ зарур аст, ки бо коҳиши теъдоди донишомӯзон дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии вилоят шумораи муаллимон ва устоҳои таълимии онҳо низ то 40% кам шуд. Сабабҳои дигари кам шудани теъдоди омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва теъдоди донишомӯзони онҳо қатъи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ба ихтиёри дигар сохторҳои давлатӣ гузаштани баъзе иншооти омӯзишгоҳ, ҳамчунин камбуди пойгоҳи молӣ-техникӣ мебошад.

---

1 Маълумотнома дар бораи ҳисоботи солонаи Коллеҷи техникии Донишгоҳи давлатии Данғара дар соли 2016-ум [Матн] // Архиви ҷории коллеҷ.

2 Ҳисоботи солонаи омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияи Қумсангир барои соли 2006 [Матн]. – Қумсангир, 2006. – 54 с.

Соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали солҳои истиқлол то соли 2000-ум асосан дар ҳолати ҳифзи зерсохтор ва низоми таълим қарор дошт. Аммо бо қабули Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 4 ноябри соли 2002, №419), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» (22.4.2003, №21) Консепсияи давлатии ислоҳоти омӯзиши ибтидоии касбӣ» (аз 1.10.2004, №387) амалан давраи нави эҳёи ин соҳа ва зарурати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он оғоз ёфт.

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ бо барномаи дастгирии ислоҳот ва рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (GIZ) бо лоиҳаи дастгирии ислоҳоти ҳаракати таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон ҷузъи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои муассисаҳои таълимоти баъзавӣ бо мақсади ихтирооти технология бо методҳои нави таълим барои 20 ихтисос чун омӯзиши намунавӣ таҳия ва тасдиқ гардид[1].

Дар асоси ин чорабиниҳо доираи фаъолияти омӯзишгоҳои касбӣ-техникии ҷузъи барномаҳои байналмилалии «Паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз ҷониби Итиҳоди Аврупо сармоягузорӣ мешавад, дар вилояти Хатлон васеъ гардид, ки дар ин радиф Литсейи касбӣ-техникии №32-и шаҳри Кӯлоб, Литсейи техникии саноати химиявии шаҳри Леваканд, Литсейи касбӣ-техникии №34-и ноҳияи Дӯстӣ, Литсейи касбӣ-техникии №16-и ноҳияи Восеъ ҷой доранд.

Танҳо соли 2016 дар натиҷаи хадамоти муштарак дар доираи «Афзудани сатҳи дониш ва коҳиш додани факр (volir) дар Тоҷикистон» дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ бинои дуошёнаи таълимӣ ва корхонаи таълимии Литсейи касбӣ-техникии №17 таъмир шуд, ки аз рӯи 15 ихтисос мутахассис тайёр менамояд.[2]

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №630 «Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ» ба «Литсейи касбӣ-техникӣ» табдил дода шуд.

---

[1] Архиви ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: маълумотномаи Раёсати таълимоти иптидоӣ ва миёнаи касбӣ, дар бораи иҷрои нақшаи «Ислоҳоти барномаи давлатӣ барои солҳои 2012-2020». – Душанбе, 2013.

[2] Ҳисоботи солонаи Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ҳамадонӣ барои соли 2016 [Матн]. – Ҳамадонӣ, 2016. – С.48.

Дар асоси тавофуқномаи миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25 июли соли 2012, №21) дар литсейҳои касбию техникии №16-и ноҳияи Восеъ ва №32-и шаҳри Кӯлоб барои муҳоҷирони меҳнатӣ ташкилотҳои базавӣ барои ҷиҳати роҳандозии курсҳои омӯзишӣ таъсис дода шуд[1].

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани сатҳи моддӣ-техникии литсейҳои касбӣ-техникии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Дар партави ин чорабиниҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои литсейи касбӣ-техникии №34-и ноҳияи Дӯстӣ ба маблағи 98037 сомонӣ таҷҳизот харидорӣ гардид. Литсейи саноатӣ-кишоварзии №22-и шаҳри Кӯлоб барои истифодаи 164 ҳектор замин , аз ҷумла 22 ҳектор замини обӣ, 57 ҳектор замини лалмӣ, 1 ҳектор замини боғ ва 46 ҳектор чарогоҳ ҳамчун хоҷагии ёрирасон барои гузаронидани дарсҳои амалӣ сертификати ҳуқуқӣ гирифт. Дар зимн бояд гуфт, ки теъдоди умумии донишомӯзони Литсейи касбӣ-техникии сохтмонии шаҳри Кӯлоб 633 нафарро ташкил медод. Литсей дорои ду хобгоҳи умумӣ (масоҳати 4240 $м^2$) буд, ки дар онҳо 84 донишомӯз аз ноҳияҳои дурдасти вилоят зиндагӣ мекарданд[2].

Литсейи касбии саноативу кишоварзии ба номи Ютако-Акинои ноҳияи Данғара дорои 21 синфхонаи таълимӣ, 3 устохонаи таълимӣ, 22 компютери таълимӣ, 9 принтер, 5 автомобил, 9 трактор, 2 дастгоҳи харротӣ, 1 дастгоҳи коркарди чӯб, 13 мошини дӯзандагӣ буд.[3]

---

[1] Бойгонии ҷории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Раёсати таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёна. – Душанбе, 2012-2014.
[2] Бойгонии ҷории Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар соли 2014 [Матн].
[3] Бойгонии ҷории Литсейи касбии саноатию кишоварзии ба номи Ютако-Акино дар соли 2013 [Матн].

Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ дорои 2 синфхонаи компютерӣ буд. Китобхонаи муассиса 8422 нусха китоб, аз ҷумла 1700 нусха адабиёти техникӣ, 2640 нусха китоби дарсӣ, 1500 нусха китоби илмӣ-методӣ дошт[1].

Литсейи касбӣ-техникии №51-и ноҳияи Панҷ барои истифодаи 20 ҳектор замин сертификати хуқуқӣ (№008163, аз 31 январи 2002) дарёфт кард, ки дар машғулиятҳои амалӣ баргузор мешавад[2].

Соли таҳсили 2013-2014 ҳамчунин, дар шаҳри Норак Литсейи касбии дӯзандагӣ ва дар ҷамоати деҳоти ба номи С. Турдиеви ноҳияи Ҳамадонӣ Литсейи касбӣ-техникӣ фаъолият менамуданд.

Бо ташкил шудани минтақаи озоди тиҷоратии «Данғара» дар ин минтақа корхонаҳои хурду миёнаи сементбарорӣ, коркарди шиша ва зарфҳои пластикӣ, корхонаи хишт, истеҳсоли матоъ, коркарди газу нафт, конструксияи метал, коркарди чарм, дӯзандагӣ, маҳсулоти гӯшту ширӣ ва ғайра таъсис дода шуданд.

Бо таъсиси чунин корхонаҳои саноатӣ имкони ташкили ихтисосҳои нави соҳаи саноати сабук дар заминаи Литсейи касбии саноатӣ-кишоварзии ба номи Ютако-Акинои ноҳияи Данғара, Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Кӯлоб, Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Фархор, Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ, Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ҳамадонӣ ва Литсейи касбӣ-техникии сохтмонии шаҳри Кӯлоб фароҳам омад[3].

Пас аз дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи эҳёи ҳунарҳои мардумӣ омӯзиши ҳунарҳои халқи тоҷик дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуд. Ба хотири ҷорӣ намудани омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ номаҳои тавсиявӣ ирсол намуд. Бар асоси ин номаҳои тавсиявӣ дар аксар муассисаҳои омӯзиши ибтидоии касбӣ ва дар филиалҳои касбомӯзии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи

---

[1] Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ [Матн] // Ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 23 с.
[2] Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии №51-и ноҳияи Панҷ [Матн] // Ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014.
[3] Бойгонии ҷории Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2012.

иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон чунин навъи таълим роҳандозӣ гадид.

Барои омӯзиши беҳтар касбҳои гуногун мутахассисону муаллимони литсейҳои касбӣ-техникии вилояти Хатлон ба муассисаҳои таълимӣ ва коргоҳҳои ҳунарии вилояти Суғд фиристода шуданд. Чунончи, пас аз омӯзиши ҳунари қолинбофӣ дар шаҳри Хуҷанд (аз 24 апрел–2 июни соли 2014) 3 нафар муаллими Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ёвон С, Асоева, М. Чалишева ва Б. Юнусова дар литсейи номбурда омӯзиши қолинбофиро ҷорӣ намуданд. Дар ду синфхонаи литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ёвон 12 дастгоҳ насб ва 43 донишомӯз ба омӯзиши ин касби нав ҷалб шуданд.

Пешниҳоди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гузаронидани таҷрибаи истеҳсолии касбӣ дар муассисаҳои новобаста аз шакли моликияташон дар асоси шартномаи дуҷониба» (аз 27 сентябри 2014, №62716) аз ҷониби ҳайати муҳандисӣ-педагогии Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Фархор мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар асоси ин пешниҳод литсейи номбурда бо чанд муассисаи минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла бо ҷамъияти саҳоммии шакли озоди «Электросет»-и шаҳри Кӯлоб «Самаратранс-18», «Гидроэнорггострой», кооперативҳои истеҳсолии «Ранх-Гайх», «Олим-муҳаррам», «Наҷмиддин-Х»-и ҷамоати деҳоти Фархор, ҷамоати деҳоти «20-солагии истиқлоли ҷумҳурӣ» ва дигар ташкилоти ноҳияи Фархор шартномаи дуҷониба ба имзо расонд.[1]

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 17 литсейи касбӣ-техникӣ фаъолият менамуд: Литсейи саноатӣ-кишоварзии №22-и шаҳри Кӯлоб Литсейи касбӣ-техникии №34-и ноҳияи Дӯстӣ, Литсейи саноатию кишоварзии ба номи Ютако-Акинои ноҳияи Данғара, Литсейи касбӣ-техникии №16-и ноҳияи Восеъ, Литсейи касбӣ-техникии №51-и ноҳияи Панҷ, литсейҳои касбӣ-техникӣ дар ноҳияҳои Фархор, Шаҳритус, Ҳамадонӣ, Вахш, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ховалинг, Литсейи касбӣ саноатии шаҳри Сарбанд, Литсейи сохтмонӣ-техникии шаҳри Кӯлоб,

---

[1] Архиви ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон: маълумоти Раёсати маълумоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ-техникӣ [Матн]: Ҳисоботи солонаи литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Фархор дар соли 2014. – 45 с.

Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Бохтар. Дар онҳо 7107 нафар донишомӯз таҳсил менамуд, вале пойгоҳи модӣ-техникии онҳо (32 компютер, 27 синфхонаи компютерӣ, 38 устохонаи таълимӣ, 22 озмоишгоҳи таълимӣ) ба талаботи замон ҷавобгӯ набуд[1].

Аммо новобаста ба талошҳои пайгирона дар самти рушди таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар кори литсейҳои касбӣ-техникии вилояти Хатлон камбудиҳоҳои зерин ҷой доранд:

Пойгоҳи моддию техникии литсейҳои касбӣ-техникӣ куҳна ва ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.

Аксари биноҳои таълимии литсейҳои касбӣ-техникӣ таъмирталабанд.

Синфхона, ашёи хониш ва дигар таҷҳизот барои озмоишгоҳ ва дарсҳои амалӣ намерасад.

Барои хариди таҷҳизоти нав аз ҳисоби буҷаи давлат маблағи ноҷиз ҷудо мешавад.

Сатҳи касбии ҳайати муҳандисону устодони онҳо ба талаботи бозори кор ҷавобгӯ нест.

Ҳайати педагогӣ, бахусус муаллимони фанҳои техникӣ ба бозомӯзиши ҷиддии касбӣ ниёз доранд.

Маоши ками кормандони соҳаи таҳсилоти касбӣ ва сатҳи пасти касбомӯзӣ диққати кадрҳои ҷавон ва болаёқатро барои кор дар ин соҳа ҷалб карда наметавонад.

Ба фикри мо, барои беҳтар кардани фаъолияти литсейҳои касбӣ техникии вилоят чунин корҳоро бояд анҷом дод:

Дар барномаҳои таълимӣ бояд омӯзиши чунин фанҳоеро ҷорӣ намуд, ки ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бошанд.

Барои беҳбудии сифати таълим ба таҷрибаи дигар давлатҳои пешрафта, бахусус кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил пайравӣ ва бо литсейҳои касбӣ-техникии ин кишварҳо равобиту ҳамкорӣ ҷорӣ намуд.

---

[1] Ҳисоботи Раёсати маориф барои соли 2016 [Матн] // Бойгонии ҷории Ҳукумати вилояти Хатлон. – П.15. – В.5.

Дастгирии иҷтимоӣ-иқтисоди соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ кафолати асосии пешрафт ва рушди ин соҳа мебошад.

Ҷорӣ намудани системаи дурнамои самарабахшу дақиқ доир ба омода кардани мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар вилоят аз манфиат холӣ нест.

Аз солҳои аввали бистиқлол Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ диққати махсус дода, барои ҳалли мушкилоти он тадбирҳои иловагӣ андешид. Нахустин иқдоми давлат ва ҳукумат аз он иборат буд, ки ба хотири баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгориро ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дод.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди макотиби олӣ афзуд, ки инро мо дар мисоли вилояти Хатлон ба хубӣ дарк менамоем. Бояд гуфт, ки то давраи истиқлоли давлатӣ дар вилояти Хатлон ҳамагӣ ду мактаби олӣ, яъне Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) ва Институти давлатии педагогии Қӯрғонтеппа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) фаъолият менамуданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар давраи мавриди таҳқиқ теъдоди макотиби олии вилоят аз ду ба шаш адад расид, яъне якуним баробар афзуд. Ин муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба тариқи хронологӣ иборатанд аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи энергетики Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Дар ин пажӯҳиш мо фаъолияти онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор медиҳем.

Донишкадаи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки аз қадимтарин мактаби олии вилоят аст, ки 2 июни соли 1992 ба донишгоҳ табдил дода шуд. Дар он факултетҳои нави иқтисодиёт, химия, биология, тиб, шуъбаҳои таърих, забони англисӣ кушода шудааст. Дар соли аввали фаъолияти донишгоҳ ба 3984 нафар донишҷӯ 248 устод дарс медоданд. Аз теъдоди умумии устодон 5

нафар доктори илм, 120 нафар номзади илм буданд. Дар ҳамон сол устодони донишгоҳ 35 дастури методӣ, 21 тастури таълимӣ, 11 китоби дарсӣ, 12 коркарди методӣ, 12 рисолаи калонҳаҷм табъу нашр намуданд. Соли 1994 дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи донишгоҳ 4429 донишҷӯ дар ҳашт факултет ба таҳсил ҷалб шуданд. Дар 33 кафедра 283 устод, аз ҷумла 8 нафар доктори илм, профессор ва 87 нафар номзади илм, дотсент фаъолият доштанд. Дар ин сол беш аз 25 рисолаву китоби калонҳаҷм аз ҷониби устодон ба табъ расонида шуд. Дар донишгоҳ аз рӯи 20 мавзуъ, 12 проблема, 12 равия пажӯҳиш анҷом дода мешуд. Дар соли 2001 пажӯҳишҳои илмӣ дар 24 самт (24 масъала) аз рӯи 41 мавзуъ ба анҷом расонида шуд. Дар ҳаҷми беш аз 110 ҷузъи чопӣ, аз чумла 3 рисола, 2 китоби дарсӣ, 12 мақола, як барномаи гендерӣ, 12 гузориши фишурда, 4 дастури методӣ, 9 васоити таълимӣ, 2 автореферат ба табъ расиданд.

Ин сол дар риштаи илмҳои риёзӣ дар мавзуҳои тавзеи алгебравӣ, структураҳои фазоҳои якҷинса дар ҳолати гурӯҳи псевдоунитарӣ, хосиятҳои сатҳи ҳалли таркибии муодилаи диференсиалии таркиби чаҳоруми муодилаи интегралии махсуси ба масъалаи канории хат ба қисмҳои асосӣ мувофиқоянда, дар соҳаи физика, химия ва табиатшиносӣ зимни истифода аз тарзу усулҳои нави ихтирои дастгоҳҳои илмии ба обектҳои таҳқиқот мувофиқ, дарёфти маводди корӣ, масоили марбут ба хосиятҳои электрофизикӣ ва оптикӣ, қуллаҳои мобайнӣ, ки дар асоси пайвастагиҳои мураккаб ва бинарӣ ҳосил шудаанд, хосиятҳои физикӣ ва химиявии композитҳои полимерҳо, қулаҳову филиззот ба қабатҳо ҷудошавии системаи металлҳо ва нимноқилҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтанд.

Мавзуъҳои таҳқиқоти ҷомеашиносонро таърихи тамаддуну фарҳанги халқи тоҷик, афкори фалсафӣ, назарияи маърифат, дигаргуншавии табиати иҷтимоӣ ва психологии табақаҳои ҷомеа дар шароити имрӯза, ахлоқ, дин ва фаъолияти системаҳои сиёсӣ, муносибатҳои милию этникӣ, низоъ ва системаи сиёсӣ, мавқеи зиёиён дар ҷомеа, хусусиятҳои ташаккули механизми хоҷагидорӣ дар Тоҷикистон ва ғайра ташкил медоданд.

Мутахассисони риштаҳои илмҳои гуманитарӣ, педагогика ва психология ба таҳқиқоти масоили зайл машҳур буданд: таърихи адабиёти кишварҳои Итиҳоди

Давлатҳои Мустақил, равобити адабӣ, афкори педагогии мутафакирони форс–тоҷик, педагогикаи миллӣ, тасмими мазмун ва методҳои таълим дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва ғайра.[1]

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2016 дорои 9 факултет ва 34 кафедра буд ва аз рӯи 36 ихтисос мутахассис тарбия менамуд. Дар донишгоҳ ба 8000 донишҷӯи шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона 439 омӯзгор, аз ҷумла 19 доктори илм, профессор ва 78 номзади илм, дотсент дарс мегуфтанд.

Заминаи моддӣ-техникии донишгоҳ ҳовии 10 озмоишгоҳи компютерии ба шабакаи интернет пайваст, 25 видиопроектор, 25 тахтаи электронӣ, китобхонаҳо, толорҳои хониш ва дигар таҷҳизоти муосир буд.

Парки технологии донишгоҳ аз соли 2013 фаъол ва дорои сехҳои коркарди оҳан, чӯбу тахта, таъмири радиотехника ва дӯзандагӣ мебошад.

Донишгоҳ бо чандин муассисаи олии кишвар, аз қабили Академияи миллии илмҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, макотиби олӣ ва марокизи илмӣ-таҳқиқотии чанд давлати хориҷӣ, аз қабили Федератсияи Россия, Беларус, Украина, Молдова, Озарбойҷон, Эстония, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Туркия, ИМА, Олмон, Англия, Чин, Ҳиндустон, Италия ва ғайра равобити илмӣ дошт. Дар доираи ҳафт лоиҳаи байналмилалӣ чанд нафар устодону донишҷӯёни донишгоҳ ба кишварҳои хориҷӣ сафар карда, дар барномаҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмудати омӯзишӣ ширкат намуданд[2].

Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соли 1978 ҳамчун шуъбаи қӯрғонтеппагии Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко таъсис ёфт. Аз 1 апрели соли 1991 бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 11.3.1991, № 10) ва фармоиши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикисто (аз 13.3.1991, № 160 шуъба (филиал) ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтепп табдил дода шуд. Соли 1992 дар асоси қарори Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 июли соли 1992, №236) ва фармоиши Вазорати

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.50-52.
[2] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – С.3.

маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1.9.1992, №76 номи донишкада ба Донишгоҳи далатии Қӯрғонтеппа иваз гардид.

Дар соли аввали ифтитоҳ донишгоҳ 4 факултет дошт: физика, математика, забон ва адабиёти рус ва таҳсилоти ибтидоӣ. Имрӯз бо гузашти вақт донишгоҳ ба як маркази бузурги илму фарҳанг мубаддал шуда, дар он аз тариқи рӯзона ва ғоибона бештар аз дувоздаҳ ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсили илм ҷалб шуданд. Бо эҳёи падидаҳои истиқлолхоҳӣ баҳс дар атрофи номгузории донишгоҳҳо низ авҷ гирифт. Соли 1991 бо баҳсу талошҳои зиёд Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба шарафи яке аз ректорони он- Қандил Шарифович Ҷӯраевро номгузорӣ шуд. Донишгоҳи Қӯрғонтеппа, ки аслан тифли нозпарварди ин таълимгоҳи азими омӯзгории Тоҷикистон буд, аз ин раванд бетараф намонд ва бо тарафдории аксар кормандони таълимгоҳ ба шарафи адиби машҳур ва файласуфи беҳамто Носири Ҳусрав номгузорӣ гардид. Дар кори табдили филиал ба донишкадаи мустақил ва донишкада ба донишгоҳ саҳми аввалин ректори ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ номзади илми фалсафа, профессор Нуриддин Салимов хеле бузург аст.

Фаъолияти назарраси Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба касе пӯшида нест. Донишгоҳ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону ҳидоятҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармонҳои Ҳукумат, барномаҳои дурнамои ҳукумативу Вазорати маориф ва илмро оид ба илму маориф дастурамали корӣ қарор дода, дар татбиқи амалии онҳо саҳми сазовор мегузорад. Айни замон ҳадафи асосии донишгоҳ чунин аст:

-таъмини сифати таълиму тарбияи мутахасиссони рақобатпазири самтҳои омӯзгорӣ, иқтисоду соҳибкорӣ аз дараҷаи бакалавр то доктори илм, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот тавассути татбиқи пурраи низоми таҳсилоти кредитӣ, корбасти тарзу усулҳои фаъол ва пешқадами таълим. Бо ин мақсад дар 12 факултети донишгоҳ аз рӯи 46 ихтисос мутахассис тайёр карда

мешавад. Инчунин, дар сохтори донишгоҳ қисмҳои таркибии он – коллеҷи омӯзгорӣ ва гимназия асоси қонунҳои роиҷ фаъолият доранд.

Шуруъ аз соли 2013 бо мақсади фаро гирифтани кулли фанҳои таълимии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадрисшаванда бо омӯзгорони соҳибтахассус ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишгоҳ давра ба давра ихтисосҳои нав ифтитоҳ гардиданд.

Бинобар, талаботи бозори меҳнат дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз соли 2012 14 ихтисоси нав ҷорӣ шуд. Дар соли 2016 қабули донишҷӯён аз рӯи10 ихтисоси нав роҳандозӣ гардид. Соли 2016 дар донишгоҳ ду нафар Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, 6 нафар Корманди шоистаи Тоҷикистон, 2 нафар барандаи ҷоизаи ҷавонон ба номи Исмоили Сомонӣ, 2 нафар барандаи ҷоизаи адабӣ ва илмии ба номи Ҷалолиддини Балхӣ, 80 нафар Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳашт нафар Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, чаҳор нафар Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дувоздаҳ нафар узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, ду нафар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кору фаъолият доранд. 27 устоди донишгоҳ бо мукофоти гуногуни давлатӣ сарфароз шуданд.

Соли 2012 нахустин бор аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими магистратура иҷозат дода шуд. Дар доираи он донишҷӯёни хубу аълохон таҳсили худро дар ин зинаи мустақили таҳсилоти олии касбӣ идома дода, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шуданд. Соли 2014 нахустин бор 91 нафар ва соли 2015 157 нафар зинаи магистратураро хатм карданд. Ҳоло 464 магистр дар донишгоҳ машғули таҳсиланд ва имрӯз таҳсил дар магистратура ба ҳукми зинаи устувори таҳсилот табдил ёфтааст.

Соли 2016 нахустин бор дар донишгоҳ қабули барномаи доктор PhD оғоз ёфт, ки се нафар аз руи ихтисосҳои иқтисодиёт, таърих ва филология ба таҳсил ҷалб шуданд[1]. Солҳои охир дар донишгоҳ теъдоди нишастҳои илмӣ хеле зиёд ва

[1] Ҳисоботи ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои соли 2016 [Матн].

сифати ташкили онҳо низ хуб шуд. Ҳар сол дар донишгоҳ 6–7 ҳамоиши илмӣ доир мегардад, ки дар он устодону шогирдон фаъолона ширкат меварзанд.

Дар донишгоҳ зиёда 35 маҳфили фаннӣ амал мекунад, ки ба онҳо устодони унвондору соҳибтаҷриба сарварӣ мекунанд. Ин аст,ки иштироки донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои гуногун, аз ҷумла «Донишҷӯ ва пешрафти илму техника»хеле фаъол мебошад. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар рейтинги байни мактабҳои олии ҷумҳурӣ ҷои 6-умро ишғол намуд. Фаъолияти илмии устодони донишгоҳ боиси таваҷҷуҳ аст. Олимони донишгоҳ дар 40 самт аз рӯи 65 мавзуъ таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳанд.

Дар сохтори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Колеҷи омӯзгорӣ фаъолият менамояд, ки он соли 1999 дар заминаи Омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ таъсис ёфт. Дар шуъбаҳои рӯзона ва ғӯоибонаи омӯзишгоҳ донишомӯзон аз рӯи панҷ ихтисос: филологияи тоҷик, забони англисӣ, усули таъсилоти ибтидоӣ, таърих ва математика таҳсил менамоянд. Омӯзишгоҳ дорои китобхона мебошад, ки дар он 19 ҳазор ҷилд китобҳои дарсӣ, бадеӣ, тиббӣ, техникӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, англисӣ ва олмонӣ маҳфуз аст.

Дар соли 2016 донишгоҳ дорои даҳ факултет буд: таҳсилоти ибтидоӣ ва варзиш, филология, забонҳои ҳориҷӣ, таърих ва ҳуқуқ, химия ва биология, физика ва математика, технология, иқтисод ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, менеҷмент ва информатика. Муассиса аз рӯи 45 ихтисос мутахассиси соҳаҳои омӯзгорӣ, иқтисодӣ, ва техникӣ тарбия менамояд. Дар донишгоҳ 1200 донишҷӯ дар шуъбаҳои рӯзона беш аз 4000 ва ғоибона беш аз 7000 таҳсил менамояд, ки ба онҳо 468 нафар омӯзгор, аз ҷумла 23 нафар доктори илм, профессор ва 78 нафар номзади илм, дотсент дарс мегуфтанд.

Пойгоҳи хидматрасонии донишгоҳ дорои 9 бинои таълимӣ, 246 синфхона, 39 озмоишгоҳи таълимӣ-таҳқиқотӣ, китобхона (теъдоди нусха 27008 адад), китобхонаи электронӣ (35000 нусха), толори хониш (бо 200 ҷои нишаст) ва ғайра буд.

Донишгоҳ аз соли 2007 чун узви Ассосиатсияи донишгоҳҳои Авру Осиё буда, бо чандин донишгоҳҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамчунин Япония, Олмон, ИМА, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, равобити илмӣ-таълимӣ дошт[1].

Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистрн №211 аз 03.05.2006 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) таъсис ёфт. Дар соли нахусти таҳсил донишкада дорои як факултет бо номи электроэнергетикӣ ва 343 нафар донишҷӯ буд. Соли 2011-ум 176 нафар донишкадаро хатм намуд, ки аз ин миқдор 11 нафари онҳо дар донишкада ба кор пазируфта шуданд. Муҳлати таҳсил дар зинаи бакалавр 4 сол, дараҷаи мутахассисӣ 5 сол ва дар шуъбаи ғойибона 6 сол буд, ба хатмкунандагон дипломи дараҷаи бакалавр ва дипломи мутахассис дода мешуд.

Дар самти тайёр намудани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмӣ Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи кимиёи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи об ва проблемаҳои гидроэнергетикӣ, Пажӯҳишгоҳи физикию техникӣ, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад. Дар ин муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ 36 н устоди донишкада ба унвони аспиранти шуъбаи ғоибона ва унвонҷӯ корҳои илмиашонро пеш мебаранд.

Дар соли 2016-ум 20 нафар омӯзгорони донишкада аз курсҳои сайёри такмили ихтисос Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон (04.6.– 22.6.2016) гузашта, бо ихтисоси равияи «Энергетика ва таҳсилоти фосилавӣ» соҳиби диплом гардиданд. Ҳамзамон, дар замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимии донишкада курсҳои кӯтоҳмуддати забонҳои русӣ, англисӣ, кафшергари барқӣ, барқчӣ, менеҷменти истеҳсолӣ, сохтумончӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрӣ

---
[1] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – С.111-112.

илова шуд. Айни замон аксар курсҳои кӯтоҳмуддат хоҳишмандон бо тариқи шартномавӣ омӯзонида мешаванд.

Бо мақсади дастгирии донишҷӯёни лаёқатманд ва боистеъдод дар донишкада 11 маҳфили мубоҳисавӣ аз руи равияҳои: масъалаҳои иқтисодии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ ва истеҳсоли сӯзишвориҳои алтернативӣ; истифодаи нерӯгоҳҳои барқии хурд; истифодаи манбаҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия (шамол, офтоб, биомасса); аҳқиқот, барқарорсозӣ ва таъмири лампаҳои каммасраф; системаҳои идоракунии ҳаракатдиҳандаҳои барқӣ; риёзӣ; лингвистика ташкил шуданд.

Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо 31 муассисаи таҳсилоти олии хориҷи кишвар ва 13 муассисаи таҳсилоти олию пажӯҳишгоҳҳои ватанӣ ҳамкориҳои илмӣ ва педагогӣ дорад. Бинобар ин, 19 устоди донишкада дар асоси шартномаи тарафайн дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии хориҷи  кишвар ва 36 нафар дар шуъбаи аспирантураи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии кишвар таҳсил менамоянд. Бо ташабуси Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон таи чор соли охир ярмаркаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия ташкил мегардад, ки тавассути он омӯзгорони ҷавон дар шуъбаи аспирантура ба таҳсил ҷалб мешаванд.

Соли 2016 бо Донишкадаи политехникии Фарғона, Донишгоҳи давлатии техникии Липетск, Донишгоҳи давлатии техникии Кузбас ва Донишгоҳи давлати аграрии Волгоград шартнома ба имзо расонида шуд.

Дар асоси ин шартномаҳо 4 омӯзгори ҷавони донишкада дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти политехникии шаҳри Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии Комсомолски Амури Шарқи Дур ва Донишгоҳи давлатии Урали Ҷанубии Федератсияи Россия тахсил карданд[1].

Соли 2016 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон беш аз 1600 донишҷӯ таҳсил менамуд, ки ба онҳо 115 омӯзгор, аз ҷумла 12 номзади илм, дотсент дарс мегуфтанд.

---

[1] Ҳисоботи солонаи ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар соли 2016 [Матн] // Бойгонии ҷории ДЭТ.

Донишкада дорои 3 бинои таълимӣ, 40 синфхона, 24 озмоишгоҳ, 6 синфхонаи компютерӣ,117 компютер, 14 нотбук, 7 тахтаи электронӣ, китобхона, китобҳонаи электронӣ, толори маҷлис, майдончаю толори варзишӣ, хобгоҳ (барои 240 донишҷӯ), парки технологӣ ва дигар ниҳоди хидматрасон буд. Ганҷинаи китобхонаи донишкада 15488 нусха адабиёти сиёсӣ, тахассусӣ, бадеӣ дош. Китобхонаи электронӣ дорои 21000 нусха китоб буд[1].

Филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара» (аз 1.5.2005, №284) таъсис ёфт. Ин муассисаи олӣ дар соли нахусти фаъолияташ дорои чаҳорфакултет (иқтисодӣ, агротехнологӣ, муҳандисӣ, забонҳои хориҷӣ) 168 донишҷӯ буд. Теъдоди донишҷуён дар соли 2006 ба 245 нафар, 2007 ба 280 нафар, 2008 ба 381 нафар расид.

Соли таҳсили 2009–2010 дар сохтори филиал Шӯрои олимон, 6 шуъба: (таълим, илм, тарбия, муҳосибот, кадрҳо ва корҳои махсус, коргузорӣ ва назорат), 6 факултет (иқтисодӣ, агротехнологӣ, муҳандисӣ ва забонҳои хориҷӣ), 6 кафедра (муҳандисӣ, умумиихтисосӣ ва иқтисодӣ, технологӣ ва асосҳои агрономӣ, забонҳо, иҷтимоӣ, ҳарбӣ), китобхона, кумитаи итифоқи касаба, созмони ҷавонон, кумитаи занон ва донишҷӯдухтарон амал менамуд. Ҳайяти устодони филиал аз 1 академики ҳамкор, 1 доктори илм, 9 номзади илм ва 42 нафар омӯзгор иборат буд[2].

Донишгоҳи давлатии Данғара ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара дар заминаи филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара» (аз 2.5.2013, №205) таъсис дода шуд. Аз оғози соли таҳсили 2013–2014 бо қарори Шӯрои олимон (аз 30.8.2013,№2) дар донишгоҳ дар баробари 4 факултети иқтисодӣ, агротехникӣ, муҳандисӣ ва забонҳои хориҷӣ шуъбаи илмҳои табиатшиносӣ таъсис дода шуд, ки бо ин теъдоди кафедраҳо аз 8

---

[1] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – С.137-138.

[2] Асоев, Н., Абдуназаров, Х. Ахтар [Матн] / Н. Асоев, Х. Абдуназаров. – Душанбе, 2010. – С.101; Ҳисоботи солонаи ректори ДДД дар соли 2013 [Матн] // Бойгонии ҷории ДДД. – С.3-4

ба 16 адад расид. Дар кафедраҳои донишгоҳ 103 профессору омӯзгори штатӣ ба кор қабул шуданд, аз ин р 33 нафар омӯзгори дорои дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла 4 доктори илм, профессор ва 29 номзади илм, дотсент буданд.

Донишгоҳ дорои 3 бинои таълимӣ, 1 маҷлисгоҳ (бо 168 ҷой), 37 синфхона (1128 ҷои нишаст), 1 синфхонаи компютерӣ, 12 озмоишгоҳи таълимӣ-илмӣ, 25 га замини таҷрибавӣ, 1 парки технологӣ (бо як адад трактори тамғаи МТЗ-85), бунгоҳи тиббӣ, 4 бинои истиқоматӣ (1 хобгоҳ барои донишҷӯён бо 92 ҷои хоб ва 3 хобгоҳ барои омӯзгорон бо 40 ҳуҷраи истиқоматӣ ва меҳмонхона), 1 ошхона, 1 майдончаи варишӣ, як китобхона (теъдоди китоб 6700 адад), як китобхонаи электронӣ (беш аз 10 ҳазор адабиёт), 1 қироатхона (дорои 32 ҷойи нишаст) буд[1].

Дар соли таҳсили 2013-2014 Донишгоҳи давлатии Данғара бо 10 донишгоҳи Федератсияи Россия, аз ҷумла Донишгоҳи педагогии Тула ба номи Л. Н. Толстой, Донишгоҳи давлатии Новосибирск, Донишгоҳи давлатии Варонеж, Донишгоҳи давлатии лингвистии Москва, Донишгоҳи давлатии Алтай, Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия, Донишгоҳи федералии Қазон, ҳамчунин Донишгоҳи миллии Қирғизистон, Донишгоҳи славянии Россия-Қирғизистон, Донишгоҳи давлатии технологии Беларус қарордоди ҳамкорӣ дошт[2].

Соли таҳсили 2013–2014 дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи донишгоҳ 2135 донишҷӯ аз рӯи 25 ихтисос дар назди 4 факултет ва як шуъбаи навтаъсис ба таҳсил ҷалб шуданд. Аз ин 1773 нафар дар шуъбаи рӯзона (972 нафар дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 801 нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ) ва 362 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамуданд[3].

Дар соли таҳсили 2015–2016 фаъолияти Донишгоҳи давлатии Данғара дар самти иҷрои корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ аз рӯи 29 ихтисос дар назди факултетҳои табиатшиносӣ, забонҳо, иқтисодӣ, аграрӣ, техникӣ, тавассути 17 кафедра ва 145 нафар ҳайати профессорону омӯзгорон, аз ҷумла 34 омӯзгори дорои дараҷа ва унвони илмӣ: 5 нафар доктори илм,

---

[1] Ҳисоботи солонаи ректори Донишгоҳи давлатии Данғара дар соли 2013 [Матн] // Бойгонии ДДД. – С.3-4.

[2] Ҳисоботи солонаи ректори Донишгоҳи давлатии Данғара [Матн] // Бойгонии ҷории ДДД

[3] Ҳисобот оид ба корҳои таълими методи, таҳқиқоти илмӣ тарбиявӣ, робитаҳои байналмилалӣ ва хоҷагии донишгоҳ дар соли 2013-2014 [Матн] // Бойгонии ҷории ДДД

профессор, 3 нафар корманди штатӣ ва 2 нафар ҳамкор), 30 нафар номзади илм, дотсент (27 нафар корманди штатӣ ва 3 нафар ҳамкори беруна) ва боқӣ 110 нафар муаллими калон ва ассисент ба роҳ монда шуд.[1]

Дар соли 2016 Донишгоҳи давлатии Данғара дорои 5 факултет (муҳандисӣ, аграрӣ, иқтисодӣ, забонҳо, табиатшиносӣ) ва 12 кафедра буд. Дар донишгоҳ беш аз 2000 донишҷӯ, аз ҷумла беш аз 1800 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 296 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамуд, ки ба онҳо 109 нафар омӯзгор, аз ҷумла 3 доктори илм, профессор ва 25 номзади илм, дотсент дарс мегуфтанд.

Донишгоҳ дорои бинои наву замонавӣ, парки технологӣ (бо 18 га замини кишти таҷрибавӣ –истеҳсолӣ буд. Ба хотири рушди таҳқиқоти илмӣ, табодули аспирантҳо ва магистрҳо донишгоҳ бо 10 донишгоҳи Федератсияи Россия, ду донишгоҳи Ҷумҳурии Қирғизистон, Донишгоҳи кишоварзӣ ва тавозуни экологӣ дар Аврупои Шарқӣ (Олмон) шартномаи ҳамкорӣ дошт.[2]

Бояд таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарватҳои зеризаминӣ, минералҳо, сангҳои қимматбаҳо, конҳои ангишт, тилло, нуқра, майдонҳои истихроҷи нафту газ бой аст, вале бо оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ бисёр корхонаҳои саноатӣ аз кор монданд. Технологияи истеҳсолии корхонаҳо, ки дар даврони шӯравӣ ба кор бурда мешуданд, рақобатпазир набуданд. Вобаста ба ин, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардид, ки фаъолияти чунин корхонаҳои истеҳсолии ватаниро барқарор ва барои пешбурди онҳо мутахассис тайёр намояд. Барои омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи саноат тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25.10.2003, №471) филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт, ки баъдан дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13.3.2015, №149) ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб табдил дода шуд. Ин донишкада дорои 5 факултет ва 14 кафедра буд ва аз руи 33 ихтисос дар зинаи бакалавриат ва аз 1 сентябри соли 2014 аз руи 8 ихтисос, дар соли 2017

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти корҳои таълимию методӣ, таҳқиқоти илмӣ ва тарбиявӣ дар соли 2015 [Матн] // Бойгонии ҷории ДДД.
[2] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – С.110-111.

аз руи 10 ихтисос дар зинаи магистратура мутахассис тайёр менамояд. Теъдоди умумии устодони донишкада 190 нафар буд.

Аз ибтидои таъсисаш донишкада бо чандин марказҳои илмию таълимии кишварҳои хориҷӣ, бахусус Федератсияи Россия ҳамкори гуногунҷабҳа дошт. Аз ҷумла, Донишкадаи техналогия ва мунеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб солҳои 2014–2015 бо 10 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва созмону ташкилоти байналмилалӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид. Мувофиқи тавофуқномаи дуҷониба солҳои 2009–2014 дар мактабҳои оли Федератсияи Россия зиёда аз 1270 донишҷӯи Донишкада таҳсил мекарданд, ки соле тахминан ба 195 нафар рост меояд. Ин шумора тамоюл ба зиёдшавӣ дошт ва соли 2015 ба 214 нафар расид. Донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии Россия тибқи шартномаи дуҷонибӣ таҳсил менамоянд.

Дар донишкада 4 лоиҳаи барномаи «ТЕМПУС»-и Иттиҳоди Аврупо амалӣ татбиқ мешавад:

1.Ҷорӣ кардани раванди болоравӣ тавассути дигаргунсозии робитаҳои байналмилалӣ;

2. «ПЕРСЕУС» -пайванди илм бо истеҳсолот;

3. «СИБЕЛЕС» - бехатарии саноатӣ;

4. МАРКО XXI - мубодилаи донишҷӯён.

То ҳол беш аз 20 омӯзгор, донишҷӯ ва доктори донишкада дар донишгоҳҳои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо таҳсили илм мекарданд.

Донишкада барои бозомӯзии донишҷӯён, коромӯзон, аспирантон, докторантони сол то сол ҳамкориҳои худро бо мамлакатҳои тавсеа мебахшад. Ҳамкории донишкада бо хазинаҳои байналхалқӣ оид ба такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳия ва чопи китобҳо, маводи таълимӣ, дастрас намудани адабиёти таълимӣ ва техникаи ҳозиразамон ҳам амалӣ мегардад.

Соли 2015 донишкада бо 25 маркази илмӣ ва муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия дар шаш самти асосӣ шартномаи ҳамкорӣ баст:ёёёё

-тайёр намудани мутахассисони касбии рақобатпазир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;

-пешбурди корҳои муштраки илмӣ-таҳқиқотӣ;

-таҳияи 10 адад лоиҳаи муштраки илмӣ-иноватсионӣ ва дипломӣ;

-кушодани 2 ихтисоси муштарак

-таҳия ва чопи 10 китобҳои дарсии тахассусӣ дар ҳамкорӣ бо олимони донишгоҳҳои ҳамкор

Бояд гуфт, ки донишкада дар соли 2016 аз рӯи 23 ихтисос мутахассис тайёр мекард.[1]

Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25.2.2016, №79) дар маркази ноҳияи Данғара бо назардошти афзоиши аҳолии кишвар ва қонеъ намудани талаботи ҷумҳурӣ ба мутахассисонӣ соҳаи тиб таъсис ёфт. Сохтори донишгоҳ аз 4 шуъба, шӯрои илмӣ, 1 марказ, 5 кафедра, 3 факултет, 1 китобхона, 3 ташкилоти ҷамъиятӣ ва бахши хоҷагидорӣ иборат буд. Дар соли таҳсили 2016–2017 дар 3 факултети тиббӣ, педиатрӣ ва стоматологӣ 714 донишҷӯ таҳсил менамуд, ки ба онҳо 63 омӯзгор дарс медоданд. Дар ҳайати устодон 14 нафарашон дорои унвон ва дараҷаи илмӣ (22,58%)буданд[2].

Аз ошноӣ, омӯзиш ва пажӯҳиши вазъи макотиби олии вилояти Хатлон мо ба чунин натиҷа расидем, ки дар тӯли беш аз чаҳоряк асри истиқлол дар бахши таҳсилоти олии вилояти Хатлон таҳаввулоти қобили мулоҳиза ба чашм мерасад. Аз ҷумла, теъдоди донишгоҳу донишкадаҳои фаъол дар вилоят аз ду адади соли 1991 ба дар соли 2016 6 адад расид, ки ин 250% рушдро нишон медиҳад. Дар тӯли ин солҳо Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Инситути давлатии педагогии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба донишгоҳ табдил ёфтанд ва дар ҳар дуи ин муассисаи олӣ ба ғайр аз кадрҳои омӯзгорӣ боз дар риштаҳои дигарии зарурӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон мутахассис тарбия мекунанд. Дар тӯли ин солҳо, ҳамчунин чандин донишгоҳу донишкадаҳои ҷадид, аз қабили Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи технология ва менеҷменти

---

1 Холов, Ш. Ҳамкориҳои байналмилалии Донишкадаи технология, менеҷменти иноватсиони Кӯлоб [Матн] / Ш. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №5. – С.84.

2 Ҳисобот оид фаъолияти ДДТХ дар шашмоҳи аввали соли 2018 [Матн] // Бойгонии ҷории ДДТХ

иноватсионӣ дар шаҳри аКӯлоб ва Донишгоҳи тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара таъсис дода шуданд, ки барои натанҳо соҳаҳои гуногуни вилояти Хатлон, балки саросари ҷумҳурӣ, мутахассиси дорои таҳсилоти олӣ тарбия менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки пойгоҳи моддӣ-техникии аксар донишгоҳу донишкадаҳои вилояти Хатлон хеле қавӣ ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ мебошад. Аммо дар умури фаъолияти онҳо камбуду норасоиҳое дида мешавад, ки муҳимтарини онҳоро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Камшумор будани устодони дорои унвон ва дараҷаҳои илмӣ. Чунончи, аз 439 муаллими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ дар соли 2016 докторони илм, профессорон 4%, номзадҳои илм, датсентон 17%-ро ташкил менамуд. Дар миёни 468 нафар муаллими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав докторони илм, профессорон ҳудуди 4%, номзади илм, дотсентҳ 17% буданд. Дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон аз теъдоди умумии 115 нафар муаллим ягон нафар доктори илм, профессор набуданд. Теъдоди номзадони илм, датсентон 10%-ро ташкил менамуд. Дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ аз 134 нафар муаллим ҳудуди 5 %-ро докторҳои илм, прфессорон ва 15%-ро номзадҳои илм, дотсентон ташкил медоданд. Дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар соли 2016 109 нафар муаллим фаъолият менамуд, ки аз ин ҳудуди 3%-ро докторҳои илм, профессорон ва 22%-ро номзадҳои илм, дотссентон ташкил медоданд.[1]

2. Дар донишгоҳу донишкадаҳои вилоят доир ба бархе аз риштаҳои таҳсилӣ ҳанӯз ҳам китобҳои дарсии тахассусӣ ба забони давлатӣ таълифу таҳия нашуданд.

3. Дониши теъдоде аз устодони марокизи таълимию илмии ин вилоят ба талаботи давру замон ҷавобгӯ нест.

4.Макотиби олии вилояти Хатлон бо теъдоди зиёде аз муасисаҳои таълимию илмии дохили кишвар ва хориҷ аз он созишномаи дуҷонибаи ҳамкорӣ доранд, ки ин хеле хуб аст. Аммо ин созишномаҳо на ҳама вақт амалӣ мегарданд.

5. Ҳамасола дар муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят ҳамоишҳои илмии дохилию байналмилалӣ баргузор шуда, маблағҳои зиёд низ сарф мешаванд.

[1] Ҳисоби муаллиф

Аммо на ҳамаи ин ҳамоишҳои илмӣ натоиҷи хуби илмӣ доран ва дар пешрафти умури илмӣ таъсир расонида метавонанд.

6. Дар маҷаллаҳои илмӣ ва ҳамчунин дар маҷмӯаҳои илмӣ ҳамасола таълифоти қобили мулоҳизае аз устодони муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Хатлон дар дастраси хонандагон қарор мегиранд. Аммо аз лиҳози дар сатҳи пасти кайфият ба хонанда чизе нав намедиҳанд.

7. Таълифоти илмии устодони донишгоҳу донишкадаҳои вилояти Хатлон дар маҷаллаҳои илмии марокизи илмию таълимии хориҷи кишвар хело кам ба табъ мерасанд.

Дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Хатлон дигар каму костиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо ба пешрафти умури таълимӣ ва тарбияи мутахассисони риштаҳои гуногун кумаки ҷиддӣ хоҳад шуд. Дар хотимаи ин боб бояд гуфт, ки новобаста аз таъсири манфии харобиовор замони ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти иқтисодии вилояти Хатлон дар соҳаи маориф таҳаввулоти куллӣ ба амал омад.

Дар доираи баргузории ислоҳоти соҳаи маориф барномаҳои таълимӣ тағйир ёфтанд, муассисаҳои типпи нав, аз қабили литсей, гимназия, коллеҷ, мактабҳои ғайридавлатӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд ва компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ пурра ба анҷом расид.

Дар тӯли чаҳоряк асри истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру навоии вилояти Хатлон бо истифода аз ҳамаи намуди манбаҳои маблағгузорӣ 555 адад биноии муассисаи таълимӣ барои 123536 ҷойи нишаст ва 22 муассисаҳои томактабӣ барои 2976 тарбиятгиранда сохта шуданд. Дар ин муддат теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 2 ба 6 адад, таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 9 ба 16 адад, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 12 ба 17 адад, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 962 ба 1326 адад, муассисаҳои томактабӣ аз 57 ба 128 адад расиданд.

Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди вилояти Хатлон Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон,

Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон дар минтақаи Бохтар, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб , филиали Донишгоҳи давлатии палитехникӣ дар ноҳияи Данғара, коллеҷи энергетикӣ дар ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ, мактабҳои Президентӣ барои хонандагони лаёқатманд дар шаҳру ноҳияҳои  Кӯлоб, Данғара ва Бохтар таъсис дода шуданд. Ҳамзамон, бо ташаббуси соҳибкорони ватанӣ коллеҷҳои ғайридавлатии тиббӣ ва иқтисодиву технологӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Вахш, Ҳамадонӣ ва ғайра ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Аммо новобаста аз ин дастовардҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон камбуду норасоиҳо ҷой доранд. Пеш аз ҳама теъдоди муассисаҳои таълимии томактабӣ, нисбат ба афзоиши кӯдакон хеле кам аст. Аз сабаби нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар 24 муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят, раванди таълиму тарбия дар се баст роҳандозӣ шудааст.

Дар бархе аз ноҳияҳо муассисаҳои таълимӣ дар биноҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Теъдоде аз муассисаҳои таълимӣ ба сохтмони биноҳои иловагӣ ва таъмири асосӣ ниёз доранд. Кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ҳанӯз кифоя нестанд. Дар муассисаҳои таълимии вилоят муаллимони фанҳои алифбои ниёгон, технологияи информатсионӣ, биология, география, забонҳои англисию русӣ, математика, химия, синфҳои ибтидоӣ, физика ва таърих намерасанд.

Литсейҳои касбӣ – техникии вилоят низ дар вазъияти чандон хуб қарор надоранд. Пойгоҳи моддию техникии онҳо кухна ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд. Аксар бинои онҳо таъмирталабанд. Синфхонаҳо, ашёи хониш барои озмоишгоҳ, дарсҳои амалӣ ва дигар таҷҳизот намерасад.

Мушкилот ва камбуди асосии мактабӣ олии вилоят камшумор будани мутахассисони соҳибтаҷриба ва дорои унвону дараҷаҳои илмӣ мебошад.

# БОБИ II. ВАЗЪИ АДАБИЁТ ВА САНЪАТ

## 2.1. Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилот

Аҳли адаби Хатлонзамин дар атрофи шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва маҳфилҳои адабӣ гирд омада буданд. Ҳануз, соли 1990 шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб бо сарварии Шоири Халқии Тоҷикистон Шоҳмузафар Ёдгорӣ таъсис ёфта буд. Аз соли 2000-ум сарвари шуъбаи ИН Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон шоир Хайрандеш ва дар минтақаи Кӯлоб Шоири Халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб ба уҳда доштанд. Бояд гуфт, ки нақши шуъбаи ИН дар ташкили маҳфилҳо, таҳлилу баррасӣ ва чопи осори адибон, тавсиям номзадии адибони арзанда ба узвияти ИН Тоҷикистон, тарғиби адабиёти бадеӣ дар саросари вилоят муасссир буд.

Таъкиди он нуқта ҷоиз аст, ки адибону дӯстдорони каломи бадеъ дар шаҳру ноҳияҳои вилоти Хатлон, асосан тавассути мушорикат дар маҳфилҳои адабӣ, таҳлилу баррасии таълифоташон аз ҷониби дигар аъзои маҳфил ва роҳнамоию ҳидоятҳои адибони варзида ҳамчун адиб ва дар рушди адабиёт, тарбияи рӯҳӣ ва эстетикии мардум саҳм мегузоштанд. Яке аз чунин маҳфилҳои собиқадори адабӣ дар шаҳри Кӯлоб бо сарварии марди фозил Сомеъ Одиназода ташкил шуда буд. Солҳои 50-уми асри гузашта дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили адабии «Адибон ҷавон» бо сарварии Саидалӣ Вализода ба фаъолият оғоз намуд, ки баъдан сарварии онро устодони ин донишгоҳ Иброҳими Шукрӣ, Аламхон Кӯчаров ба уҳда доштанд. Дар ин маҳфил адибони шинохта ва ҷавону навқалам, аз қабили Сомеъ Одиназода, Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Мӯсо Ғуломӣ, Исо Ғулом, Мирзолатиф Раҳимзода, Хол Ислом, Қурбон Маҷид, Шоҳмузафар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Сафар Амирхон, Одина Раҳмон, Файз Ашӯр, Абдулҳай Қаландар, Хосият Вализода, Муҳаммад Ғоиб ва дигарон ширкат менамуданд.[1] Аксари онҳо дар пешрафти адабиёти замони Истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмати шоиста доранд. Аз миёни онҳо, Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳамад Аюбӣ,

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.56.

Муҳаммад Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба унвони баланди Шоири Халқии Тоҷикистон мушарраф шуданд.

Дар заминаи маҳфили адабии «Адибони ҷавон» соли 1992 бо ташаббуси доктори илмҳои филология, профессор Саид Раҳим дар шаҳри Кӯлоб маҳфили адабии «Парвози Шоҳин» ташкил ёфт. Дар ин маҳфил, асосан донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва дигар адибону адабдӯстони шаҳр ва атрофи он, аз қабили Нуралии Аюбӣ, Абдулҳай Қаландаров, Сафар Амирхон, Наср Бобо, Назаралӣ Раҷабии Роғӣ, Шамси Хатлонӣ, Раҳимҷон Саидов, Акбар, Хайрандеш, Файзи Ашӯр, Гурез Сафар, Маҳтоб, Заргар, Соҳибназар ва дигарон ширкат менамуданд. Ҷаласаҳои маҳфили «Парвози Шоҳин» моҳе як дафъа дар факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баргузор мешуд. Аъзои маҳфил аз эҷодиёти ҳамдигар ва осори тозаэҷод огоҳ мегардиданд.

Маҳфили адабии «Парвози Шоҳин» бо шуъбаи кӯлобии Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон робита дошт ва бо тавсияи муштараки ин ду ниҳод чанд тан аз аъзои ин маҳфил чун Сафар Амирхон, Хосият Ализода, Файз Ашӯр, Абдулҳай Қаландар, Одина Раҳмон, Қувват Холов, Шоҳвалӣ Саидҷафаров ба узвияти Иттифоқи навидандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуданд[1].

Бояд гуфт, ки намунаи осори аъзои маҳфилҳои адабии «Адибони ҷавон» ва «Парвози Шоҳин» на танҳо тариқи рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои гуногуни радио ва телевизион, китобҳои дастаҷамъӣ, балки дар шакли китобҳои алоҳидаи мутталлиқ бар ҳар яке аз аъзои ин маҳфил дар дастраси дӯстдорони каломи бадеъ қарор гирифтаанд, ки дар зер чанд китоби нашри замони Истиқлолро меоварем: Сомеъ Одиназода «Ҷони ҷаҳон» (1992), «Дили садпора» (2003), «Дафтари сабз»(2004), Ашӯр Сафар «Рӯзи сиёҳ» (1992), «Арзи меҳр» (1993), «Гулчини ашъори Ашӯр Сафар» (1997); Абдулҳай Қаландаров «Асадуллоҳ-марди роҳ» (2001); Нуралӣ Аюбӣ «Меҳри Хатлон», «Рангинкамон», «Арзи сипос», «Панҷаи хуршед», «Пораи дил», «Мерос», Хосият Ализода «Давоми роҳ», «Пайғоми Кӯлоб», «Таронаи ишқ», «Дардҳоям шеър шуд», «Сушёнас», «Такядори хуршед»,

---

[1] Нуридинов, О. Парвози Шоҳин [Матн] / О. Нуридинов // Кӯлоб. – Душанбе, 2006. – С.373.

«Наозоред дили занро», Маҷиддин Қурбонов «Ёдат кунам, ёдам бикун», «Достони Сафар Амиршоев», Раҳим Саид «Як каф дуо», «Оби равон» (1999), «Таскини дил» ва ғайра.

Соли 1987 шоир Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш) бо номи «Хайрандеш» дар шаҳри Кӯлоб маҳфили адабӣ ташкил намуд. Пас аз кӯчидани Хайрандеш ба шаҳри Кӯрғонтеппа (Бохтар) роҳбарии ин маҳфилро адиб Раҳмон Одина ба уҳда дошт. Сулаймони Султон, Абдуқаҳҳори Мӯсо, Акбари Маҷид, Анора, Гулрухсор, Довуди Варез, Талби Довуд, Зокири Мирзо, Неъмати Аллоҳ, Ҳабибуллоҳи Зариф, Орзуи Ҳамид, Шоҳини Заргар, Соҳибназар Худоёров, Саидакрам Давлатзода, Баҳромшоҳи Нозимӣ, Озари Шабшикан, Ҷаъфари Хатлонӣ, Гулбаҳори Ализода, Даврони Айниддин, Илҳоми Ширин, Нуралӣ Ёқуб ва чанд тани дигар аз узви фаъоли ин маҳфил буданд[1]. Намунаи осори ин адибон дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва ба шакли китоб табъу нашр шудаанд. Чунончи, Акбари Маҷид муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Дар ҷустуҷӯи худ» (1993), «Нури маърифат» (2003), Абдуқаҳҳори Мӯсо муаллифи китобҳои шеърии «Тоби нигоҳ» (1990), «Тоҷик» (1999), Раҳмон Одина муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Ҳавас» (1996), «Нафаси тоза» (2000), драмаҳои «Имтиҳон ва қасос» (1993), «Завола» (1997), «Девори Бухоро» (1998), «Васвасаи ханнос» (2000), «Мансури Ҳаллоҷ» (2001) ва ғайра мебошанд.

Бо саварии сармуҳаррири рӯзномаи «Гулистон» Амирхон Аҳмадхонов соли 1981 дар шаҳраки Фархор маҳфили адабие бо номи «Умед» ташкил ёфт, ки дар он дӯстдорони каломи бадеъ Қурбон Маҷид, Азиз Афзалзода, Бурҳониддин Усмонов, Акрам Бойматзода, Мирзо Рустамзода, Абдураҳим Мутталозодаи Фархорӣ, Хаймагул Усмонова, Хол Изатуллоев, Шарифҷон Асоев , Шамсиддин Қаюмов, Холмуҳаммад Ғафурӣ, Файзулло Ҳалимов, Нуриддин Шамсӣ, Давлаталӣ Ғаффоров, Давлат Ватан, Маҳмаддалии Муслиҳиддин, Кенҷамурод Шарифов, Собирхон Мақсудов, Гадомад Султонов, Худойзоди Неъмат, Ойшамоҳ Астанақулова, Рустам Эргашов, Эргаш Хоркашов, Назирбӣ Азизова, Давлат Сафар ва дигарон ҷамъ шуда буданд. Бо кӯшиши сарвари маҳфили «Умед»

---

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедияи. – Душанбе, 2006. – С.56.

Амирхон Аҳмадхонов соли 2005 маҷмӯаи аэҷодиёти 24 узви маҳфил бо номи «Армуғони фархориён» ба табъ расид[1].

Соли 1983 дар назди рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Ховалинг» маҳфили адабие бо номи «Чилчанор» ба фаъолият оғоз намуд. Соли 2006 Илҳом Ширин, Нигораи Қосим, Нусратуллоҳи Ғазал, Музаффари Исмоил, Умедаи Давлат, Ҷумъахони Сайдалӣ, Амир Сайиди Мункӣ, Ҳикматуллоҳи Ёқуб аъзои фаъоли ин маҳфил буданд.

Аз миёни онҳо Амир Сайиди Мункӣ узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2003) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2011) буда, ки чакидаҳои хомааш дар китобҳои дастаҷамъии «Чашмасори Ховалинг», «Шукуфаҳои Хатлон», «Бобоюнус Худойдодзода», «Дар дилу дида», «Аз садр то соқа» ба табъ расиданд.

Мункӣ муалифи китобҳои «Ховалинг чашмаи меҳр» (1995) , «Асрори шаҳри Мунк» (1999), «Ҳазрати Султон» (2001), «Ховалинг» (2001), Суханварони диёри Восеъ» (2001), «Ангораи Оби Мазор» (2003), «Накумард», (2006), «Пайванди дилҳо» (2008), чашмаҳои Чилчанор» (2019), «Се насли суханварони як шаҳр «(2010) ва ғайра мебошад.

Дар ноҳияи Восеъ соли 1989 бо ташаббуси рӯзноманигор ва шоир Субҳон Раҷабов маҳфили адабӣ таъсис ёфт, ки тӯли чанд сол адибонро, аз қабили Пӯлод Раҳмат, Субҳон Раҷаб, Раҷаби Ғаффор, Абусаиди Воҳид, Наҷмиддин Аҳмадов, Муҳаммад Холзода, Занҷира Алиева (Меҳрангез), Азим Ҳалим, Раҳим Рафеъ, Кароматуллоҳ Қарахон, Раҳмон Мӯсозодаи Ҳайдарӣ, Шарифи Назар ва дигарон сарҷамъ овард. Маҳсули эҷодии аъзои ин маҳфил соли 1992 бо номи «Ҷоми умед» нашр гардид[2].

Соли 1994 бо ташаббуси сардабири рӯзномаи ноҳиявии «Насими Теҳрай» Зубайдуллоҳ Раҳмонов дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин маҳфили адабии «Амвоҷи Теҳрай» ба фаъолият оғоз намуд. Аъзои фаъоли ин маҳфил Назар Халил, Нуруллоҳи Ориф, Ҷиёнхон Латифӣ, Қурбон Абдураҳим, Файз Назар,

---

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.56-57.
[2] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.57.

Рашид Қодириён, Ёри Роғӣ, Шакари Булбулзода, Қурбони Гурез, Усто Тағаймурод, Соҳиб Хуҷаёров, Шермат Одина, Ҳикматёри Шерзод, Машариф Ашӯрмадов, Маҳмадшариф Бутиев, Сафаралӣ Раҷабмадов, Нуриниссо (Муаттар), Раҷабалии Роғӣ, Собирҷон Расулов, Алихон Зарифӣ  ва чанд тани дигар буданд. Осори назмию насрии онҳо тариқи рӯзномаву  маҷаллаҳо, радиою телезивион, маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва китобҳои алоҳида нашр гарид. Чунончи, дар китоби «Равзанаи субҳ»-и  Розиқи Содиқ намунаи осори  Нуруллоҳи Ориф, Назар Халил, Раҷабалии Роғӣ, Ҷиёнхон Латифӣ, Машариф Ашӯрмадов, Шермад Одина, Собирҷон Расулов ва дигарон гирдоварӣ шуд.

Назар Халил муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Суруди дил», «Бо ҷигарҳои кабоб ва дидаҳои пуроб», «Ғамномаи дил», «Ганҷи  хирвор», «Сиришки наҷот», «Хирмани умед», «Самари ишқ», «Оҳанги дил», «Накҳати умед» ва ғайра мебошад[1]. Нуруллоҳи Ориф муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Ишқи фаришта» ( 1993), «Рӯъёи сабз» ( 1996), «Сояи ашк» ( 1997), «Бӯсаи чашм» (1999), «Шароби оғӯш» (2001) ва ғайра аст[2].

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1996 бо ташаббуси раиси вақти ин ноҳия Саид Одинаев маҳфили адабии «Килк» ташкил ёфт, ки роҳбарии бар бар дӯши шори шинохтаи тоҷик Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Аъзои фаъоли маҳфили «Килк» Нурмуҳаммад Сироҷӣ, Иброҳими Саид, Табар Мӯсоев, Ғаффоралӣ Сафар, Ислом Юсуфӣ, Муҳаммадалӣ Муродӣ, Гулистон Субҳонова, Наргис Бобозода, Наргис Каримова, Қосимҷон Зарифӣ, Шаҳло Абдуллоева ва дигарон будаанд. Соли 1997 маҷмӯаи эҷодиёти аъзои ин маҳфил бо номи «Лолаҳои  марз» ба табъ расид.

Сарвари маҳфили «Килк» Алимуҳаммад Муродӣ муаллифи китобҳои «Дастниҳол», «Нози Наврӯз», «Чароғи рӯзадор», «Роҳи рӯҳ», « Хайрбоди баҳор», «Моҳи хусрав», «Сунбулкон» ва ғайра аз соли 1987 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, барои китоби «Хайрбоди баҳор» ва соли 2005 барандаи ҷоизаи адабии ба номи М.Турсунзода гардид.

---

[1] Содиқ, Р. Равзанаи субҳ [Матн] / Р. Содиқ. – Душанбе, 2002. – С.
[2] Халил, Н. Накҳати умед [Матн] / Н. Халил. – Душанбе, 2015. – С.

Маҳфили адабии ноҳияи Данғара бо номи «Офтоб» зери роҳбарии шоир Исо Ғуломӣ фаъолият намуда, Тулқин Хоҷа, Саид Ғоиб, Барот Саид, Амиршоҳи Хатлонӣ, Назокат Сафарова, Усто Валии Сангтӯдагӣ, Раъно Мирзоева, Абдурасул Шарифов, Раҳмон Мирализода, Тағойназар Бақо аъзои фаъоли он буданд.

Тулқин Хоҷа аз соли 1998 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, ашъораш дар маҷмӯаҳои «Шамолдара» (1989), «Озар» (2000) «Ниёиш» (2002), «Захми нигоҳ» (2005) ва ғайра ба табъ расидаанд. Исо Ғулом муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Нидои зиндагӣ» (1997), «Чашмаи зулфиқор», «Фиғони дил» (2005) ва ғайра мебошад. Барот Саид аз соли 2004 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Рангоранг», «Рози дил», «Доллар», романи саргузаштии «Дуд дар осмони Билисуф» ва чанд китоби дигар аст. Саид Ғоиб аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Гули себ» (1994), «Парвози хаёл», «Дунёи орзу» (1997), «Болои оташ» (2003), «Шаҳри бутон» (2005) ва ғайра мебошад. Эмом Алӣ аз соли 1999 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва муаллифи китобҳои шеърии «Парвози дарё» (1997), «Рақси дарахт» (1998), «Оҳанги офтобӣ» (2005) ва ғайра аст.[1]

Аз соли 1996 дар назди идораи рӯзномаи «Пайғом»-и ноҳияи Темурмалик маҳфили адибӣ ташкил шуда, осори аъзои фаъоли он А. Сафарова, С. Баротов, А. Абдураҳмонов, Г. Юсуфова, Ҷ. Шарифов, Г. Мирзоалиева ва дигарон дар матбуоти даврӣ ба табъ расид.

Дар ноҳияи Мӯъминобод низ маҳфили адабие дар назди идораи рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» зери сарварии сармуҳаррири ин рӯзнома Нуллоҳ Ҳасанов фаъолият менамуд.

Аз соли 2004 таҳти сарварии устоди донишманд Зафари Мирзоён маҳфили «Шоҳномахонҳои ҷавон» ба фаъолият оғоз намуд, ки моҳе як бор дар он 20 нафар ҷавонони шаҳри Кӯлоб «шоҳномахонӣ» мекунанд.

---

[1] Шерхон, У. Данғара [Матн] / У. Ширин. – Душанбе, 2005. – С.

Водии зархези Вахши вилояти Хатлон зодгоҳи шоирону нависандагоне, чун Ҳабиб Фақир, Раҷаббек Саидзода (Сарфароз), Саъдулло Амин, Омон Раҷаб, Раҳим Амин, Мирзо Пайванд, Зиё Абдулло, Убайдулло Ширин, Аҳмадҷони Раҳматзод, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Зайниддин Ҷомӣ, Бибиширини Карим (Гулгунсавори Сонӣ), Заробиддини Каримӣ, Муҳаммадалии Ҷунайдӣ (Сиёвуш), Давлати Раҳмониён, Ширинмоҳ, Муҳиддин Асозода, Чорёри Иброҳим ва дигарон буданд, ки қаламкашонеро, аз қабили Пиримқул Сатторӣ, Пирим Сулаймонӣ, Зариф Ибод, Ғафур Мулло, Хайрандеш, Рустами Хомарахш, Абдулҳай Комилӣ ва дигаронро дар домони худ парвариш дод. Зодагони Вахшонзамин бархе дар вилояти Хатлон теъдоде ҳам дар шаҳри Душанбе зиндагӣ ва эҷод менамоянд.

Дар тарбияи адибони Вахшонзамин маҳфили адабии «Гулбарг», ки дар назди идораи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» зери роҳбарии шоир ва мудири шуъбаи адабии нашрияи мазкур Пиримқул Сатторӣ ташкил шуда буд (соли 1979), нақши муассир бозид. Ин маҳфил адибонро, аз қабили Зариф Ибод, Ширини Балҷувонӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Ғафур Мулло,Муҳаммадалии Аҷамӣ, Муҳаммадалии Сиёвуш, Шодмони Ҷӯра ва дигарон муттаҳид мекард, ки маҳсули эҷодашон ҳар моҳ дар ҳаҷми як саҳифаи қатъи бузурги нашрияи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дастраси мухлисони каломи бадеъ қарор мегирифт. Дар заминаи он баъдан аз ҷониби шоир Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш) маҳфили адабии «Хайрандеш» ташкил шуд, ки он Саид Барот, Рустами Хомарахш, Озар, Офоқ, Е. Мурод, Г. Саид, А. Хатлонӣ, Заррина, Зарандуз, Гулҷаҳон ва дигаронро муттаҳид менамуд. «Хайрандеш» бо номи «Илҳом» шуъбаи ӯзбекӣ дошт ,ки дар он бо саварии М. Турсунов дӯстдорони каломи бадеъ Ш. Ҷӯра, М. Собитзода, Д. Каримов, Х. Абдуназаров, С. Холмуродов, Х. Қодиров ва дигарон гирд омада буданд[1].

Бояд гуфт, ки маҳсули эҷоди шоирону нависандагони водии Вахши вилояти Хатлон ба таври фаровон дар солҳои истиқлол тариқи рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои гуногуни радиову телевизион дар дастраси дӯстдорони

[1] Муҳаммадалӣ, Ф. Қурғонтеппа-нигини Вахшонзамин [Матн] / Ф. Муҳаммадалӣ. – Душанбе, 2007. – С.80-81.

каломи бадеъ қарор гирифт. Ҳамзамон, аксари онҳо чакидаҳои хомаи худро дар шакли китобҳои алоҳида гирдоварӣ ва табъу нашр намуданд. Чунончи, маҳсули эҷоди Зариф Ибод узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (аз 1983) дар маҷмӯаҳои шеърии «Аз нигоҳи дил» (1993), маҷмӯаи ҳикояҳои «Эҳёи хазонбурда» (15 ҳикоя) гирдоварӣ ва нашр шуд. Вай ҳамчунин муаллифи асари ёддоштии «Ба умеди фардо» (2008), романи «Сояҳои марг» (2013), қиссаҳои «Эҳёи хазонбурда», «Асрор ва шабаҳ» мебошад. Намунаи осори Ғафур Мулло бо номи «Шадда», Усмон Билолӣ «Сад шукри Рӯдакӣ» (2008), Азим Саидӣ «Чинори сабз» Раҷаббек Саидзода (Сарфароз) «Гулчини ашъор» (2003), Саъдулло Амин «Тахти Сангин» (1992), Убайдуллои Ширин «Муҳофиз» (1998), Зайниддин Ҷомӣ «Чашмаи кабуд» (1991), «Зулфи дарё» (1997), Бибиширини Карим «Шохи гули шикаста» (1997), «Алмареза» (1998), Рустами Хомарахш «Баҳори хаёл» (1999), «Нигоҳи ноларез» (2001), Абдулҳай Комилӣ «Камонабрӯ», «Чашмаи илҳом», «Гулбуни умед», Равзаи Ноҳид», «Муштарии меҳр» «Падарнома», «Модарнома», «Рози гардун», «Ҳасрати миллат», «Моти Легал», «Гумбияи Домиано», «Барфӣ ё бӯсанома», «Завқи мухаммас» «Дурҷи муҳаббат» ва ғайра тариқи интишороти гуногун табъу нашр шуданд[1].

Ҳоло дар шуъбаи бохтарии Итифоқи нависандагони Тоҷикистон 13 узви Итифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз қабили Озар (котиби масъули Шуъбаи хатлонии Итифоқи нависандагони Тоҷикистон), Амиршоҳи Хатлонӣ, Акрами Ризом, Рустами Хомарахш, Офоқи Қодириён, Зариф Ибод, Эшмуҳамад Донахонов, Ҷӯпон Бадал, Саидҷаъфари Баёзӣ, Шодмон Ҷӯра, Саидаҳмади Ҳасан ва Усмон Билолӣ ҷамъ омадаанд.

Метавон гуфт, ки тайи чанд соли охир ҳар кадоме аз онҳо чакидаҳои назмию насрии хешро ба шакли китоб дар дастраси дӯстодорони каломи бадеъ қарор доданд. Аз ҷумла, метавон аз маҷмӯаҳои Озар «Намози бедорӣ», (1998), «Як саҷда гул» (2002), «Сарви дуо» (2004), «Ирфон Ҳино» (2006), «Гуфтугӯи нахлу моҳ» (2010), «Этиқод» (2014), Амиршоҳи Хатлонӣ «Даргоҳи умед», «Тӯфон», «Номус», «Ҷаласаи қисмат», «Гаҳвораи Ҳойит», «Ҳафтсавганд»,

---

[1] Муродиён, Ҳ. Аз тамрин то тамкини сухан [Матн] / Ҳ. Муродиён. – Душанбе, 2015. – С.

Акрами Ризом «Афсонаи хиёл», «Гулшани хиёл», «Ғазали ишқ», «Ашки санг», «Маҳтоби Сарихосор», Рустами Хомарахш «Баҳори хаёл», «Нигоҳи лоларез», «Шикасти оина», «Амир Хусрав ва Темури Авзонӣ», «Ғазал», Офоқи Қодириён «Булури хаёл», «Фасли омадан», «Нигоҳи хоҳиш», Зариф Ибод «Эҳёи хазонбурда», «Офарин дил», «Худи ман кистам», «Баҳси замину одам», Гулчаҳон Ҳалимова «Аз Хатлон омадия», «Шукуфаҳои Хатлон», «Амвоҷи Вахш», «Дурдонаҳои Вахш», «Гулдастаи наврӯзӣ», Чӯпон Бадал «Сояи маънӣ», «Бӯсаи субҳ», «Хилвати мондагор», Саидҷаъфари Баёзӣ «Зулол», «Найи маҳзун», Саидаҳмади Ҳасан «Дод аз дасти бозор», «Хурӯсҷуҷаҳои Ҷиликӯлӣ», «Боли мардум», Усмон Билолӣ «Бистари хор», «Ширинтарин таронаи оғоз», «Замини сабзи ҳаво» ва ғайра ном бурд.

Осор дигар адибони замони истиқлоли Хатлонзамин низ дар пешрафти ҳаёти адабии вилояти Хатлон ва кишварамон саҳми зиёд гузоштанд: Азиз Раҳим «Моҳқоқу» (1991), «Ширмоҳиии навбаромад» (1991), «Бахтнома» (1993), «Меҳрнома» (1996), «Расми вафо» (2005), Борон Бадалзода «Табаррук» (1994); Гулназари Ҳикмат «Ҳадияи дил» (2000), «Партови Бахт», (2001), «Боғи Ҳабиб», «Бӯи кӯдакӣ» (1993); «Мирзо Қосим», «Нури меҳр», «Чашм ба сӯи оянда», «Дили дарё дошт ӯ», (1997), Савори сиёҳмушкин», «Қиссаи Пирназар» (2000), «Машъалафрӯз» (2003), «Шоири шӯридадил» (2005); Муҳаммадқули Худойқул «Маҳинбону» (1997), «Фоҷиаи зиндагӣ» (2001), «Рози ошно» (2002); Наср Бобо «Арзи меҳр» (1991), «Ашки бари рӯ» (1994), «Теғи ҷонбахши Тағоймурод», «Сулолаи паҳлавонон», Неъматуллои Худойбахш «Марди зебосиришт аз кишвари фарҳанг» (1994), «Кӯзаи ҳалол» (2002); Имомалӣ Нуралиев «Дар ҳаламрави париён» (2004), «Боғи Рустам» (2004); Яъқуб Ҳикматулло «Созҳои муҳаббат» (1994), «Накҳати ишқ» (1997), «Ҳазору як сатри оташин»(1997), «Гулдастаи меҳр»(1999), «Саду шаст ғазал» (2004), «Доғи ҷанг» (2005); Шералӣ Латиф «Меҳррӯд» (2003), «Шукрона» (2003), «Паймонаи паймон» (2005), «Ҳикматнома» (2006), «Шуълаи умед» (2007), «Дар оғуши ватан шодам»[1], Акбар

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006; Мункӣ, А.С. Ёхсу [Матн] / А.С. Мункӣ. – Душанбе, 2014; Расулиён, Қ. Дашти Ҷам [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2009.

Маҷид «Дар ҷустуҷӯи худ» (1993); Файзи Сафар «Касби падар» (1993), «Карашмаи субҳ» (1995), «Хоки роҳ» (1996). Сафар Амирхон Чашмаи толеъ» (1993), «Хоку оташ» (1994); Иброҳими Саид «Гарди роҳ» (1993), «Лолаҳои хонзода» «Шеърҳо»(2001).

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар солҳои мавриди назари мо бо кӯшиши Шуъбаи хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва бо ҳиммати ашхоси сарватманд чандин маҷмӯаи дастҷамъии адибони ин вилоят, бахусус шоирону нависадагони ҷавон табъу нашр шуданд, ки Ддр ин радиф метавон аз чунин китобҳо ном бурд:

1. Шукуфаҳои Хатлон[1]. Ин маҷмӯа бо сарсухани раиси вақти вилояти Хатлон А. Миралиев зери унвони «Номбардорони диёр» оғоз шуда, намунаи осори адибони синну соли гуногун, чун Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Хайрандеш, Зариф Ибод, Амиршоҳи Хатлонӣ, Хосият Ализода, Сафар Амирхон, Саидқул Сабзаев, Саид Ғоиб, Тулқул Хоҷа, Барот Саид, Усмон Билол, Нурмуҳаммад Сироҷӣ, Наср Бобо, Рустами Хомарахш, Яъқуби Ҳикматулло, Озар, Ширини Балҷувонӣ, С. Баёзӣ, Сурайё, Зайниддини Ҷомӣ, Раҷаби Мусулмониён, Назокат Олимова, Мирзо Қосим, Абдулҳай Қаландар, Султон Сулаймон, Акрами Ризом, Амир Саиди Мункӣ, Кулолӣ, Икандари Комил, Муродбегим Саидзода, Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ, Раъно Мирзоева, Р.Исматӣ, Хизматшоҳи Гулназар, Сулаймони Ҷамил, Нуралӣ Аваз, Дилреш, Азизи Ҳалим, Шарофати Дониёр, Аҳмад Билолӣ, Розиябону, Ҳоҷӣ Сафари Раҷабмуҳаммад, Зарандуд, Амирбек Назаров, Шодмон, Умеди Салим, Гулҷаҳон, Ширинмоҳ Каримова, Ғаффоралӣ Сафар, Файз ва Сайдулло Аминро фаро мегирад.

2. Аз Хуталон омадия Ин маҷмӯа фарогири намунаҳои осори назмию насрии адибони ҷавони ширкатдори курс-конференсияи вилоятӣ мебошанд. Ба он котиби масъули Шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Хайрандеш муаррифнома навиштааст. Дар китоб шарҳи мухтасари ҳол ва намунаи осори 14 адиби ҷавон, аз қабили Рустами Хомарахш, Офоқ (Оламбӣ Қодирова), Озар (Миралӣ Салимов), Шоҳона, Сулаймон Султон, Назокат

[1] Шукуфаҳои Хатлон [Матн]. – Душанбе, 2003. – 88 с.

Олимова, Орзу, Шафақ, Қаҳҳори Мӯсо, Раъно Мирзоева, Мавлуда, Акбар, Махфӣ, Азизи Гесу, Гулчаҳон Ҳалимова, Сурайё Самиева, Дилреш, Сӯҳробшоҳ, Хаёлӣ (Холдона), Ёқуб Мурод, Зарандӯз, Даврони Айниддин, Шаҳло, Абдурашид Мӯсоев, Латофат Фозилова, Муқим Шарифзода, Ҳилола Шарифова, Суман, Абдулмалик Ҳакимзода, Ҳаким Назаров, Усто Шабафрӯз, Ҷамшеди Гулзод, Шарофатбону Муҳаммадназар, Аличони Сарбандӣ, Мавҷуда Аварзод, Ширинҷон Сафарзода, Саида Исматуллоева, Усмон Ғафуров, Умеди Салим, Давлати Кубро, Ҷамолиддин Сайфиддин, Сайфиддин Ғуломов гирдоварӣ шудааст.

3. Армуғони фархориён[1]. Китоб фарогири зиндагинома ва намунаи ашъори Қурбон Маҷиддин, Азиз Афзалзода, Бурҳониддин Усмонов, Акрам Боймадзода, Мирзо Рустамзода, Абдураҳим Муталзодаи Фархорӣ, Хаймагул Усмонова, Хол Изаттулоев, Шарифҷон Асоев, Шамсиддин Қаюмов, Холмуҳаммад Ғафурӣ, Файзулло Ҳалимов, Нуриддин Шамсӣ, Давлаталӣ Ғаффоров, Давлат Ватан, Муслиҳиддин Маҳмадалиев, Кенҷамурод Шарифов, Собирхон Мақсудов, Гадомад Султонов, Худойдоди Неъмат, Ислом Раҳимов, Ойшамоҳ Астанақулова, Рустам Эргашов ва Эргаш Хоркашев мебошад.

Бояд афзуд, ки зиндагинома ва намунаи осори қаламкашони вилояти Хатлон ҳамчунин дар китобҳои алоҳидаи таърихи шаҳру ноҳияҳои гуногуни вилоят муаррифӣ гаштаанд[2].

Таъкиди он нуқтаро бояд қайд кард, ки адибони Хатлонзамин дар пешрафти ҳаёти фарҳангии вилоят мушорикати фаъол доранд. Чунончи соли 2016 мавзуии меҳварии фаъолияти бахши бохтарии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба таҷлили сазовори иди Наврӯз ва 20-солагии Ваҳдати миллӣ аз нимсолаи аввали бахшида шуда буд. Дар баробари ин шуъба бахшида ба «Рӯзи модар», «Рӯзи байналмилалии шеър», «Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдак» ва дигар санаҳои муҳим дар доираи имкон маҳфили адабӣ баргузор намуданд.

---

[1] Армуғони фархориён [Матн]. – Душанбе, 2005. – 137 с.

[2] Лолаҳои марз [Матн]. – Душанбе, 1997; Ҷоми умед [Матн]. – Душанбе, 1997; Ноҳияи Москва [Матн]: 50 сол. – Душанбе, 1997; Убайдулло Ширин. Таърихи Ёвон [Матн] / Ш. Убайдулло. – Душанбе, 1999; Абдурашитов, Ф. Кубодиён [Матн]: таърих ва тамаддун / Ф. Абдурашитов. – Душанбе, 2001; Розиқ, С. Равзанаи субҳ [Матн] / С. Розиқ. – Душанбе, 2002; Шерхон, У. Данғара [Матн] / У. Шерхон. – Душанбе, 2005; Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006; Қӯрғонтеппа нигини Вахшонзамин [Матн]. – Душанбе, 2007.

Дар ҳамкорӣ бо Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Хатлон бахшида ба «Рӯзи модар» муддати як моҳ барнома-озмуни телевизионии «Дар ин дунё туӣ ганҷинаи ман» доир шуд, ки дар он истеъдодҳои ҷавони вилоят ширкат варзиданд. Дар пайванд бо ҳамин мавзуъ таҳти доварии шуъбаи нависандагон ва сарпарастии ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа озмуни дигаре бо ҷалби истеъдодҳои ҷавон сурат гирифт. Дар рафти он шоирону ровиён ҳунари худро дар ситоиши модар ба намоиш гузоштанд.

Дар доираи таҷлили иди Наврӯз, рӯзи байналмилалии шеър ва ҷашни 20-солагии Ваҳдати миллӣ дар толори ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) бо номи «Наврӯзи адибон» маҳфили шоирону ҳунармандон баргузор шуд, ки дар он шеърҳо дар васфи Наврӯз, Истиқлолол ва Ваҳдати миллӣ қироат шуданд. Заҳмати адибон аз ҷониби шаҳрдорӣ бо суханони нек ва туҳфа арҷгузорӣ гардид.

Рӯзи 22-юми июн дар толори бинои Кумитаи радио ва телевизиони вилоят қисмати хотимавии озмуни шеъру ҳикоя бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ баргузор шуд. Бояд гуфт, ки бахше аз озмун ҳар ҳафта рӯзҳои истироҳат аз тариқи телевизион намоиш дода мешуд, ки ин иқдом барои ширкати довталабони зиёд мусоидат намуд. Ғолибони озмун бо сипоснома ва диплом сарфароз шуданд.

Дар арафаи ҷашни «Рӯзи Артиши миллӣ» адибон бо ҳамроҳии намояндагони шуъбаи хатлонии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба қисмҳои низомӣ, аз ҷумла бахшҳои минтақавии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, (дар ноҳияи Вахш) ва Раёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар шаҳри Қӯрғонтеппа) меҳмон гардиданд.

Моҳи май дар шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) фестивали вилоятии аққалиятҳои миллии муқими вилояти Хатлон таҳти унвони «Тоҷикистон - ватани маҳбуби ҳамаи мо» баргузор шуд, ки қисмате аз онро маҳфили шеъри намояндагони эҷодкори ин аққалиятҳо ташкил медод. Масъулияти ин чорабиниро шуъбаи бохтарии Иттифоқи нависандагон ба зимма дошт.

Аз моҳи январ то моҳи июни соли 2016 барои сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 20- солагии Ваҳдати миллӣ, ба мардум расонидани муҳтаво ва ҳадафҳои Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин барои пешгирии зӯроварӣ дар оила, ифротгарой ва ҳамроҳшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои тундрав аз ҷониби ҳукумати вилояти Хатлон чорабинии густурдае бо номи «Корвони маърифат» роҳандозӣ гардид. Дар сафари кории ин корвон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят як гурӯҳ адибон ширкат доштанд. Дар анҷоми сафари корвон муовини раиси вилояти Хатлон Хидирзода Махфират Умар хидмати адибонро муассир хонд.

Даъвати адибон ба семинару конфронсҳо аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ бахшида ба солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муташаккилона ба роҳ монда шуда буд. Қабл аз он, намояндагони бахши бохтарии Иттифоқи нависандагон дар конфронси адабӣ ва озмуни қироати ашъори устод Рӯдакӣ (маҳалли баргузорииаш Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) фаъолона иштирок намуданд.

Бахшида ба 810-солагии Мавлавӣ дар шаҳри Норак бо ташаббуси адибон ва Раёсати маорифи вилояти Хатлон конфронси илмӣ-адабӣ зери унвони «Мо барои васл кардан омадем» дар сатҳи баланд доир шуд. Суханронии адибон ва саҳнаҳои эҷодии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумии №1-и шаҳри Норак аз рӯи асари «Маснавии маънавӣ» аз ҷониби иштирокдорон хуб пазирой ёфтанд[1].

Чун фасли тирамоҳ фасли ҷашнҳост, адибон ба серкорӣ нигоҳ накарда, дар чандин муассисаҳо, аз ҷумла Раёсати корҳои дохила, Раёсати маориф ва илм, Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрав, Қисми минтақавии Раёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон оид ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами давлатӣ, Иди Меҳргон ва ғайра суханрониву шеърхонӣ намуданд. Ва дар ниҳоят рӯзи 2-юми декабр бо дастгирии мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар «Кохи Ватан»-и шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) чорабинии фарҳангӣ-адабӣ бахшида ба гиромидошти адабиёт ва фарҳанг ҷамъбаст гардид. Апрели соли 2016 як гурӯҳ адибони вилояти Бадахшон дар рӯзҳои баргузории

[1] Ҳисоботи раиси Шуъбаи бохтарии Иттифоқи нависандагон Тоҷикистон барои соли 2016 [Матн] // Бойгонии ҷории Шуъбаи бохтарии ИН Тоҷикистон. – П.1. – В.4.

ҳафтаи фарҳангӣ ба Хатлон ташриф оварданд. Тӯли як ҳафта дар вилоят шабҳои шеъру ҳунар баргузор мешуданд, ки ташнагони адаб коми худро аз шеъри зулоли адибони Бадахшону Хатлон сероб медоштанд.

Бо мақсади таблиғи нуктаҳои муҳимми Паём ва ташаккули рӯҳияи ватандӯстӣ адибон якҷо бо дигар коршиносон ба шаҳру ноҳияҳо сафар карда, моҳе чор-панҷ маротиба ва давоми сол чил-чилупанҷ бор бо фаъолони ҷамоат ва мардуми оддӣ дидору мулоқот анҷом доданд.

Ба мақсади дастгирии адибони ҷавон, таълими арӯзу қофия ҳар ҳафта дар Китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддини Шоҳин маҳфили навқаламон баргузор мешуд, ки дар рафти он адибони касбӣ, бахусус доктори илмҳои филологӣ, шоир Рустами Хомарахш ба ҷавонон маслиҳату машварат медоданд.

Баргузории конфронсҳои илмӣ-адабӣ ва ба ин васила гиромидошти хотираи бузургони адабиёт, зиёиёну донишмандон ва чеҳраҳои адабӣ аз сиёсати фарҳангии ҳукумати кишвар маншаъ мегирад. Дар ин росто, адибони минтақаи Бохтар дар ҳамоиш ва нишастҳои илмӣ-адабӣ ба муносибати таҷлили Рӯзи Рӯдакӣ, Рӯзи Мавлоно, 140-солагии устод Садриддин Айнӣ фаъолона ширкат варзида, дар назди устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ба номи Носир Хусрав суханрониву шеърхонӣ доштанд. Гиромидошти хотираи неки нависанда Аброри Зоҳир дар шаҳри Бохтар, шаҳраки Левакант, маҳфили ёдбуди рӯзноманигор, шоир Пиримқул Сатторӣ дар маркази вилоят корҳои мавриди назар ҳастанд, ки шуъба дар давоми сол анҷом дод.

Дигар чорабинии фараҳбахш рӯзҳои баргузории фестивали адабиёти кӯдак буд, ки дар рафти он устодон Ҷӯра Ҳошимӣ ва Алӣ Бобоҷон ва дигар шоирони минтақа ҳамроҳи меҳмонон ба ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Ҷайҳун ва Панҷ сафар карда, дар миёни насли наврас ба тарғиби адабиёт мепардохтанд.

Барои ошноии бештар бо осори чеҳраҳои маъруфи адабиёт дар ноҳияи Вахш озмунҳои «Мавлавихонӣ», «Ҳофизхонӣ» ва «Ашӯр Сафархонӣ» доир шуданд.

Муаррифии шоирони муқими кишварҳои хориҷ вале бо ватани бобоии худ ифтихор доранду дар навиштаҳои худ аз Тоҷикистон ва миллати худ бо ифтихор

ёдовар мешаванд, аҳамияти тарбиявӣ дорад. Аз ин хотир, адиби тоҷики русзабон Алексей Авғонов даъват гардид, ки бо коргарони корхонаи акумуляторбарории шаҳри Бохтар ва корхонаи нуриҳои азотии шаҳраки Левакант суҳбат ва шеърхонӣ доштанд.

Шуъба дар масъалаи пешбурди тарбияи солими насли наврас ва таблиғи арзишҳои ватандӯстӣ бо Раёсати маорифи вилояти Хатлон ҳамкории густурда дошт. Суҳбату мулоқотҳои доимӣ бо хонадагони мактаб-интернатҳо ва дигар муасиссаҳои таълимоти умумӣ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд. Аз ҷумла, бахшида ба соли сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ (соли 2016) Иттифоқи нависандагон дар ҳамкорӣ бо Раёсати маорифи вилояти Хатлон ҷиҳати интихоби шеър ва мақолаи беҳтарин озмун эълон намуд, ки дар он омӯзгорон ва хонандагони синфҳои болоӣ иштирок варзиданд. 7-уми декабр ғолибони озмун бо туҳфа ва сипосномаҳо сарфарозшуданд.

Соли 2016 вохӯрии адибон бо фаъолони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо доир ба тарғиби нуктаҳои муҳимми Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар оғоз гардид. Дар ин вохӯриҳо адибон Озар Салим, Акрами Ризом, Сайидаҳмади Ҳасан ба ноҳияи Дӯстӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ, Амиршоҳи Хатлонӣ, Саидҷаъфар Баёзӣ ба ноҳияҳои Шаҳритус ва Қубодиён, Чӯпон Бадал ва Офоқи Қодириён ба ноҳияҳои Вахшу Бохтар, Рустами Хомарахш ва Сафармуҳаммади Аҳмад ба шаҳри Норак сафарбар шуданд[1].

Вобаста ба таҷлили Рӯзи Артиши миллӣ ва «Рӯзи модар» шоирону нависандагони минтақа аз ҷониби шахсони масъул ба қисмҳои ҳарбӣ ва ташкилоту муассисаҳои минтақаи Бохтар даъват гардиданд. Дар ин суҳбатҳо тарғиби ватандорию ватандӯстӣ, далериву шуҷоат ва қадрдонии модар, васфи меҳру муҳаббати зани тоҷик аз мавзуоти меҳварӣ буданд.

Иштирок ва саҳм гузоштан дар омодасозӣ ва баргузории чорабиниҳои идона ба монанди таҷлили иди Наврӯз, ҷашни Истиқлол, рӯзи Сарқонун, Парчами миллӣ ва омодасозии саҳнаҳои сиёсӣ - фарҳангӣ ба муносибати кушодани

---

[1] Ҳисоботи раиси Шуъбаи бохтарии ИН Тоҷикистон [Матн] // Бойгонии ҷории Шуъбаи бохтарии ИН Тоҷикистон. – П.1. – В.5-6.

иншооти нав ҳангоми ташрифи Президенти кишвар ба вилояти Хатлон аз вазифаи дастҷамъонаи аҳли ҳунар ва фарҳангиёни ин мавзеъ аст, ки фарогири ҳузури адибон низ ҳаст. Яъне, онҳо дар таҳияи сенарияҳо, навиштани шеъру саҳначаҳои хурди театрӣ заҳмат ба харҷ медоданд.

Бо мақсади таблиғи сулҳу ҳаёти осишта, эҳтироми ваҳдати миллӣ, васфи истиқлол, тарбияи ҷавонон дар роҳи созандагию бунёдкорӣ ва ватандӯстӣ адибон дар мувофиқа бо ҳукумати вилоят ба шаҳру ноҳияҳо сафарбар шуда, бо мардум рӯёрӯ суҳбат карданд.

Аз дигар чорабиниҳои фараҳбахш баргузории рӯзҳои «Корвони китоб» дар шаҳри Бохтар зери сарварии директори нашриёти «Адиб», шоир Давлат Сафар ва баргузории фестивали адабиёти бачагона буд. Ҳангоми баргузории фестивал адибони вилоят нависандаи маҳбуби бачаҳо Азизи Азизро дар сафарҳояш ба шаҳру ноҳияҳо ҳамроҳӣ карданд. Барои ошноии бештар бо осори чеҳраҳои маъруфи адабиёт чанд сол боз бо ибтикори адибон дар ноҳияи Вахш моҳҳои апрел ва октябр озмунҳои «Мавлавихонӣ» ва «Ҳофизхонӣ» доир мешаванд.

Хуллас, дар давраи мавриди назари мо шуъбаи Хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар доираи имконот барои татбиқ намудани сиёсати фарҳангии ҳукумати кишвар талош варзида, кӯшиш ба харҷ дод, ки вазифаҳои ба зиммадоштаашро иҷро намояд. Ин ниҳоди адабӣ бо ҳифз суннатҳои адабӣ кӯшиш ба харҷ дод, то рисолаташро ҷиҳати сарҷамъу тифоқ нигоҳ доштани адибон, дастгирии истеъдодҳои ҷавон, сиёсати давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таблиғи адабиёту фарҳанг ва ғайра иҷро намояд. Бо назардошти вазифаи мазкур, аъзои шуъба бо сарпарастӣ ва роҳнамоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба корхонаву муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳои вилоят сафарҳо анҷом дода, доир ба мавзуъҳои мубраму мухталиф, аз қабили таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва ғайра суҳбату вохӯриҳо мегузаронанд. Бояд афзуд, ки таблиғи мавзуъҳои мубрами фавқ дар осори адибони вилоят ҷойгоҳи хос доранд.

Аммо дар маҷмӯъ наметавон гуфт, ки фаъолияти шуъбаи Хатлонии Итифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳам дар шаҳри Кӯлоб ва ҳам дар шаҳри

Бохтар пурра ба талаботи давру замон ҷавобгӯ аст. Пеш аз ҳама бояд иқрор шуд, ки осори бархе аз адибони вилоят заиф ва дар сатҳи паст эҷод мешаванд. Ин аст, ки бисёре аз адибони муқими вилоят дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ ҳанӯз ношинохта боқӣ мондаанд. Ба андешаи мо, танҳо эҷоди асари хуби бадеӣ метавонад ин ва ё он адибро дар ҷомеа муаррифӣ намояд. Мутаассифона, чунин адибон дар вилояти Хатлон зиёд нестанд.

Васоити ахбори омма, аз қабили маҷалла, рӯзнома, шабакаҳои телевизионӣ, радио, ожонсҳои иттилоотӣ ва ғайра дар ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ҷойгоҳи муайян доранд. Бояд гуфт, ки дар миёни ин анвоъи хабарӣ рӯзномаҳо таърихи тӯлонитар доранд ва бархе аз онҳо бо номи аввалаи худ то ба имрӯз табъу нашр мешаванд.

Чунончи рӯзномаи «Кулябская правда» аз соли 1994 то ҳол ба табъ мерасад. Ин рӯзнома 12 ноябри соли 1993 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷаддадан сабт шуд, ки муассисонаш ҳайати кормандони рӯзнома ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кулоб мебошанд[1].

Рӯзномаи «Садои коргар» аз 23 ноябри соли 1993 ҳафтае як бор (800–1000 нусха) аз ҷониби Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот ва Иттиҳодияи истеҳсолии пахтатозакунии шаҳри Кӯлоб нашр мегардид. Рӯзнома асосан ҳаёту фаъолияти коргаронро инъикос мекард. Дар рӯзнома адибону рӯзноманигорон Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Сипеҳри Ҳасанзод, Раҷабалии Роғӣ, Наср Бобо, Сафар Аюбзодаи Маҳзун ва дигарон кор мекарданд. «Садои коргар» бо сабаби камбуди маблағ фаъолияташро соли 2000-ум қатъ намуд[2].

Рӯзномаи «Гулхани Восеъ» нашрияи маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ, ки аз 2 сентябри соли 1993 дар ҳаҷми 4 саҳифа (850 нусха) ба табъ мерасад[3]. Рӯзномаи «Навиди Кӯлоб» низ аз соли 1993 нашр мешавад.

Рӯзномаи «Насими Тарай» аз 21 марти соли 1995, рӯзномаи «Вахш» аз соли1998 моҳе ду дафъа (455 нусха) дар ноҳияи Вахш рӯзномаи «Садои Кӯлоб»

---

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.234.
[2] Ҳамон ҷо. – С.418.
[3] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2015. – Ҷ.4. – С.566.

бо ташаббуси Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон аз октябри соли 2004 моҳе як бор (2000 нусха) ба табъ мерасанд[1].

Ҳамчунин, рӯзномаҳои «Гулистон» дар ноҳияи Фарғор (3000 нусха), «Пайғом» дар ноҳияи Темурмалик (500 нусха), «Субҳи меҳнат» дар ноҳияи Муъминобод (300 нусха) нашр мегарданд. Бояд гуфт, ки муассиси ҳамаи ин рӯзномаҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ мебошанд.

Телевизиони Кӯлоб намоишҳои худро аз 14 майи соли 1992 бо ташаббуси Сафаралӣ Эргашев оғоз намуд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ барномаҳои гуногунжанрро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, сулҳу ваҳдат, эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунёвӣ пахш мекард. Аз тариқи ин телевизиони ғайридавлатӣ ҳамарӯза муҳимтарин руйдодҳои шаҳри Кӯлоб, вилояти Кӯлоб ва саросари Тоҷикистон инъикос мешуданд.

Бо пешниҳоди раиси телевизиони Кӯлоб С. Эргашев ва дастгирии Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2002 он ҳамчун телевизиони давлатӣ дар назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Шумораи кормандони он дар соли 2005 беш аз 30 нафар буд[2].

То соли 2006 дар вилояти Хатлон 3 рӯзномаи вилоятӣ ба забонҳои тоҷикӣ, рӯсӣ ва ӯзбекӣ, студияи телевизон, хонаи радио, 26 рӯзномаи шаҳрию ноҳиявӣ фаъолият доштанд[3].

Соли 2010 дар вилоят 2 маҷалла, 21 рӯзнома, ожонсии итилоотӣ, 4 шабакаи телевизон, 2 шабакаи радио, 4 матбаа фаъолият менамуд. Аз ин миқдори 3 нашрияи вилоятӣ, 11-то ноҳиявӣ, боқӣ соҳавию хусусӣ буданд.

**Ҷадвали №4**

**Расонаҳои хабарии вилояти Хатлон дар соли 2010.**

| Т./р. | **Номи маҷалла** | **Муассис** |
|---|---|---|
| 1.<br>2. | «Начоти Кӯдакон.»<br>«Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб.» | Ташкилоти ҷамъиятии «Начоти кӯдакон. Шаҳри Кӯлоб.<br>Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. |
| **Т.р.** | **Номи рӯзнома** | **Муассис** |

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.418.
[2] Кулоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.500.
[3] Кулоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.539.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | «Анвори дониш» | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. |
| 2.<br><br>3.<br>4.<br>5.<br>6.<br>7.<br>8.<br>9.<br>10.<br>11.<br>12.<br>13.<br>14.<br>15.<br>16.<br>17.<br><br><br>18.<br>19.<br>20.<br>21. | «Гулистон»<br><br>«Бомдод»<br>«Гулхани Восеъ»<br>«Дӯстлик»<br>«Кимёи хирад»<br>«Кулябская правода»<br>«Навиди Балҷувон»<br>«Навиди Дӯстӣ»<br>«Навиди Хатлон»<br>«Нури Норак»<br>«Одаму олам»<br>«Рушди Хатлон»<br>«Руҳафзо»<br>«Субҳи Ёвон»<br>«Субҳи меҳнат»<br>«Тоҷвар»<br><br><br>«Хатлон»<br>«Ҳаёти нав»<br>«Ҳақиқати Ховалинг»<br>«Ҳақиқати Ҷиликӯл» | ҶИХД ноҳияи Фархор.<br>Муассисаи»Бомдод». ш. Қӯрғонтеппа.<br>МИҲД ноҳияи Восеъ<br>МИҲД вилояти Хатлон . ш. Қӯрғонтеппа.<br>МИҲД вилояти Хатлон . ш. Қӯрғонтеппа.<br>МИҲД шаҳри Кӯлоб.<br>МИҲД ноҳияи Балҷувон.<br>МИҲД ноҳияи Қумсангир.<br>МИҲД вилояти Хатлон, шаҳри Қӯрғонтеппа.<br>МИҲД шаҳри Норак.<br>Мираҳам Амиршоев.<br>МИҲД вилояти Хатлон.<br>Шаҳри Қурғонтеппа<br>МИҲД ноҳияи Ёвон.<br>МИҲД ноҳияи Мӯъминобод.<br>Филиали идораи «Тоҷикматлубот»-и минтақаи Кӯлоб. Шаҳри Кӯлоб.<br>МИҲД вилояти Хатлон, шаҳри Қӯрғонтеппа.<br>МИҲД ноҳияи Панҷ.<br>МИҲД ноҳияи Ховалинг.<br><br>МИҲД ноҳияи Ҷиликӯл. |
| **Т.Р.** | **Номи оҷонси иттилоотӣ.** | **Муассис** |
| 1. | «Хатлон- Просес» | Муассисаи оҷонсии итилоотии «Хатлон-пресс», шаҳри Кӯлоб. |
| Т.Р. | **Номи шабакаи телевизионӣ.** | **Муассис, директор.** |
| 1.<br>2.<br>3.<br>4. | «Қӯрғонтеппа»<br>«Хатлон»<br>«Мавҷи озод»<br>«Кӯлоб» | Умархон Камолов, ш. Қӯрғонтеппа.<br>Саидалӣ Бобохонов, ш. Қӯрғонтеппа.<br>Рустам Буриев, н. Восеъ.<br>Сафаралӣ Эргашев, ш. Кӯлоб. |
| **Т.Р.** | **Номи шабакаи радиоӣ** | **Муассис, директор.** |
| \1.<br>2. | «Мавҷи тоҷик»<br>«Хатлон» | Рустами Ҷонӣ, шаҳри Кӯлоб.<br>Ҳамроҳ Салимов, шаҳри Қӯрғонтеппа. |
| Т.Р. | **Номи матбаа** | **Муассис** |
| 1.<br><br><br><br><br><br>2.<br><br><br>3.<br>4. | «Корхонаи воҳиди давлатии истеҳсолии матбааҳои вилояти Хатлон»<br>«Иттиҳоди истеҳсолии матбааҳои шаҳри Кӯлоб.<br>«Матбаа»<br>«КВД матбааи ноҳияи Қумсангир» | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. шаҳри Қӯрғонтеппа.<br><br><br><br><br>Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br><br>ҶДММ «Матбаа», шаҳри Қӯрғонтеппа.<br>Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Қумсангир. |

Теъдоди бинандагони телевизиони «Қурғонтеппа» тақрибан як миллион, «Хатлон» 400 ҳазор, «Мавҷи озод» 300 ҳазор нафар, «Кӯлоб» 80 ҳазор, теъдоди шунавандагони радиои «Мавҷи тоҷик» 100 ҳазор, «Хатлон» низ 100 ҳазор буд[1].

**Ҷадвали №5**

**Феҳристи матбуоти вилояти Хатлон дар соли 2016.**

| **Т.Р.** | **Номгӯи маҷаллаҳо** | **Муассис** |
|---|---|---|
| 1. | «Паёми Донишгоҳи | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. |
| | давлатии Бохтар» | Донишгоҳи давлатии Данғара |
| 2. | «Паёми Донишгоҳи | |
| | давлатии Данғара» | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| 3. | «Паёми Донишгоҳи | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон |
| | давлатии Кӯлоб» | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон |
| 4. | «Сафо» | |
| 5. | «Симурғ» | |
| **Т.Р.** | **Номи рӯзнома** | **Муассис** |
| 1. | «Хатлон» | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. |
| | | МИҲД вилояти Хатлон. |
| 2. | «Новый Хатлон» | Рӯзномаи фарҳанги-маърифатии ӯзбекзабонони вилояти Хатлон, Тошмат |
| 3. | «Элчи» | Темуров |
| | | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб. |
| | | МИҲД шаҳри Норак. |
| 4. | «Навиди Кӯлоб» | МИҲД ноҳияи Шаҳритус. |
| | | МИҲД ноҳияи Носири Хусрав. |
| 5. | «Нури Норак» | МИҲД ноҳияи Қубодиён. |
| 6. | «Субҳи Шаҳритус» | МИҲД ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ. |
| 7. | «Бешкент» | МИҲД ноҳияи Вахш. |
| 8. | «Тахти Қубод» | МИҲД ноҳияи Фархор. |
| 9. | «Баҳористон» | МИҲД ноҳияи Балҷувон. |
| 10. | «Нури маърифат» | МИҲД ноҳияи Вахш. |
| 11. | «Гулистон» | МИҲД ноҳияи Шамсидин Шоҳин. |
| 12. | «Навиди Балҷувон» | МИҲД ноҳияи Восеъ. |
| 13. | «Вахш» | МИҲД ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ. |
| 14. | «Фурӯғи маърифат» | МИҲД ноҳияи Панҷ. |
| 15. | «Гулхани Восеъ» | МИҲД ноҳияи Дӯстӣ. |
| 16. | «Навиди Балх» | МИҲД ноҳияи Ёвон. |
| 17. | «Ҳаёти нав» | МИҲД ноҳияи Ҳамадонӣ. |
| 18. | «Навиди Дӯстӣ» | МИҲД ноҳияи Темурмалик. |
| 19. | «Субҳи Ёвон» | МИҲД ноҳияи Мӯъминобод. |
| 20. | «Зафар» | МИҲД шаҳри Кӯлоб. |
| 21. | «Пайғом» | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. |
| 22. | «Субҳи меҳнат» | Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб. |
| 23. | «Кулябская правда» | Коллеҷи омӯзгории ДДҚ. |
| 24. | «Пайки шифо» | Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон. |
| 25. | «Дармонбахш» | Донишгоҳи давлатии Данғара. |
| 26. | «Маърифат» | Шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ. |
| | | Коллеҷи тиббии ноҳияи Ҳамадонӣ. |
| 27. | «Нурафшон» | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. |
| 28. | «Амри вақт» | МИҲД ноҳияи Данғара.[2] |
| 29. | «Навиди омӯзгор» | |
| 30. | «Табибони ҳамадон» | |
| 31. | «Анвори дониш» | |
| 32. | «Симои Данғара» | |

---

[1] Маълумотномаи васоити иртиботи оммаи Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2010.

[2] Ҳисоботи ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2017 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2017. – 14 июл.

Аз муқоисаи ҷадвалҳои №3, 4 ва 5 бармеояд, ки дар байни солҳои 2010-2016 номгӯи маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо афзуда буд. Аз ҷумла, соли 2010 дар саросари вилоят ҳамагӣ 2 маҷалла ва 20 рӯзнома таъбу нашр мешуд, дар соли 2016 номгӯи маҷаллаҳо ба 5 адад ва рӯзномаҳо ба 33 адад расид. Аммо таъкиди ин нуқта лозим аст, ки баръакси матбуоти давлатӣ матбуоти ғайридавлатӣ коҳиш ёфт. Чунончи дар соли 2010 аз 2 маҷалла, 1-тоаш ғайридавлатӣ ва аз 20 рӯзнома 3-тоаш ғайридавлатӣ буд. Аммо дар соли 2016 ягон маҷаллаи ғайридавлатӣ мунташир намешуд ва аз 33 рӯзнома ҳамагӣ 2-тоаш ғайридавлатӣ буд. Аз таҳлили омори мазкур бармеояд, ки матбуоти ғайридавлатӣ ҳанӯз ҳам дар вилояти Хатлон мавқеъ ва ҷойгоҳи муносиб надорад.

Аз ошноӣ, омӯзиш ва пажӯҳиши вазъи расонаҳои хабарӣ, бахусус матбуоти вилояти Хатлон дар солҳои мавриди назари мо чунин бардошт мешавад, ки ин риштаи муҳимми соҳаи фарҳанг ба талаботи давру замон ҷавобгӯ нест.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки рӯзномаҳо дар қиёс бо аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо теъдоди хеле кам ба табъ мерасанд. Чунончи ноҳияи Вахш беш аз 160 ҳазор аҳолӣ дорад, вале рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» бо теъдоди ҳамагӣ 455 нусха ба чоп мерасад. Ва ё ноҳияи Мӯъмиобод дорои беш аз 78 ҳазор аҳолӣ теъдоди рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» 300 нусха, ноҳияи Темурмалик дорои қариб 60 ҳазор аҳолӣ, теъдоди рӯзномаи ноҳиявии «Пайғом» 500 нусха, ноҳияи Восеъ дорои беш аз 178 ҳазор аҳолӣ, теъдоди рӯзномаи ноҳиявии «Гулхани Восеъ» 850 нусха аст.

Ҳамчунин, маоши кормандони рӯзномаҳо паст ва дар бархе аз рӯзномаҳои ноҳиявӣ мутахассисони касбӣ намерасанд. Бархе аз рӯзномаҳо ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози сифати чоп ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд.

## 2.2 .Рушди ҳунари театрӣ ва мусиқӣ

То соли 2004 театрҳои вилоят чун муассисаҳои мавсимӣ чорабиниҳои расмӣ ва ҷашну фестивал баргузор карда, тақрибан кори муназзами касбӣ надоштанд. Онҳо ба такмилу ташаккули сиёсати репертуарӣ кам аҳамият медоданд. Асарҳои саҳнавие, ки ҳаёти имрӯзаи миллати тоҷикро бояду шояд таҷассум кунад, қариб таҳия нашуданд. Дар ин бобат, роҳбарияти театрҳо бо драматургон ҳамкории

ҷиддӣ надоштанд. Сафарҳои ҳунарӣ ба минтақаҳои гуногуни кишвар кам андар кам рух медода. Театрҳо тамошобинони доимии худро аз даст дода буданд[1].

Соли 2004 ҳунармандони Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб спектакли «Бисёр ҳам воқеаи ғайриоддӣ»-и Мария Ладоро ба саҳна гузошта, бо барномаҳои консертӣ ва намоишномаҳо дар ноҳияҳои Данғара, Сарбанд ва Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳунарнамоӣ карданд. Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа «Бозиҳои манфиатҷӯёна»-и Х. Мартиносро дар таҳияи Б. Раҷабов, асари бачагонаи «Ҳиллаҳои Тешабой ва микроб»-ро дар таҳияи Қ. Шукуров рӯи саҳна овард. Ҳамчунин, театр-студияи назди ин театр бо намоишномаҳои «Тимсоҳи доно», «Гаҳвораҷунбонак ва мор» дар ноҳияҳои Панҷ, Ҷиликӯл ва Калхозобод сафари ҳунарӣ анҷом дод. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара намоишномаи «Баъди кӯрдуд»-и С. Муқаддамовро рӯи саҳна овард[2].

Соли 2005 Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳамадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) «Ҷанговари айёр»-и З. Ибод ва «Як сару савдое»-и Х. Давлатов, Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаи театрии «Оташи ҷовид», «Як ҳодисаии маъмул»-и М. Ладо, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара «То надидана, думдароз»-и Ш. Солеҳ ва «Баъди кӯрдуд»-и С. Муқадамовро ба саҳна гузоштанд[3].

Соли 2007 дар Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара қиссаи Ғаюр Ашӯров «Дод аз дасти Афандӣ» дар таҳияи Д. Убайдуллоев ва «Оби мусаффо»- и Ҳ. Салимов ва  Ҳ. Сафаровро дар таҳияи Р. Одинаев рӯи саҳна омаданд. Театри мусиқӣ-мазҳакавии А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи «Ҳусайни  аробакаш»-и Ф.А шӯр ва «Манам ягонаи ту»–и Ж. Озбековаро дар таҳияи Б. Раҷабов ба саҳна гузошт. Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб асари Ш. Солиҳов « Шулук ва беваҳои террорист» ва композитсияи адабӣ-мусиқии «Нури маърифат»-ро ба истиқболи ҷашни 800 солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ таҳия намуд. Ҳамчунин, аҳли

[1] Баҳори аҷам. – 2005. – №1 (59). – январ.
[2] Баҳори аҷам. – 2005. – №1 (59). – январ; 2005. – №4-5 (62). – май.
[3] Баҳори аҷам. – 2006. – №1 (70). – январ.

театр дар барномаи бадеии ҷашни 70- солагии шаҳри Қӯрғонтеппа фаъолона ширкат варзиданд.

Дар 12 -умин фестивал-озмуни ҷумҳуривии театрҳои касби «Парасту – 2007» Театри ҷумҳуривии драмаи мусиқии ноҳияи Данғара барои спетакли «Дод аз дасти Афандӣ»-и Ғаюр Ашӯров (таҳияи Давлат Убайдуллоев) сазовори ҷоизаи дуввум ва Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа барои спетакли «Ҳусайни аробакаш» –и Файз Ашӯр (таҳиягар Бурҳониддин Раҷабов) сазовори ҷои сеюм гардид[1].

Соли 2009 Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара «Суҳони қазо»-и А. Абдуҷабборов, «Макри зан-ҷуволи арзан»-и Ғ. Ашӯров, «Зани шаҳрӣ»-и Ҷ. Қуддус, барномаи солинавӣ (коргардон А. Қодиров); Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) «Лаку пак»-и А. Қодиров ва И. Усмонов (коргардон Б. Раҷабов), «Қиссаи ҷангалбон»-и Қ. Шукуров, «Тавҳид»-и С. Умар, «Кӯпурук»-и Ф. Ниёзӣ, «Некӣ бимонад ҷовидон»-и А. Файзов; Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб «Ҳилаҳои аҷузкампир» (коргардон Р. Одинаев), «Шумқадам»-и Ш. Солеҳ, «Азхоби қиёс»-и Ғ. Ашӯрро ба саҳна гузоштанд. Ҳунармандони Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷони шаҳри Қӯрғонтеппа дар ноҳияҳои Вахш, Бохтар ва Хуросон сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд[2].

Соли 2010 Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара қиссаи Ш.Солеҳ «Бойи золиму хурӯси ҷабрдида», «Афсона мехоҳам»- и Ҷ. Қуддус, «Фолбинии Афандӣ»-и А. Баҳориро пешкаши тамошобинон намуд. Ҳамчунин, кормандони он дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои Турсунзода ва Рӯдакӣ сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд.

Театри мусиқӣ-масҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа «Кулвори сеҳрнок»-и А. Файзиев ва «Аскарҳо»-и М. Варфоломеевро бахшида ба 65-солагии пирӯзии ИҶШС бар Олмони фашистӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳия намуда, бо намоишномаҳои «Бӯрёкубони Харгӯшак», «Қарзи

---

[1] Баҳори аҷам. – 2008. – №1 (99). – 13 январ.

[2] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи фаъолият дар соли 2010 [Матн] // Баҳори аҷам. – 2010. – 5 январ.

виҷдон», «Табиби зӯракӣ»-и Молйер, «Сандуқи сеҳрнок»-и А. Файзиев ва чанд барномаҳои кансертӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ, ноҳияи Мурғоб ба саҳна гузошт.

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бо намоишҳои баҷагона дар соли нав асари «Занҳои террорист»-и Ш. Солеҳ дар «Марафони фарҳангӣ»-шаҳри Қӯрғонтеппа, ҳамчунин, дар ҷашни байналмилалии «Наврӯз» дар ноҳияи Данғара иштироки фаъол намуд. «Қаҳрамонон намемиранд»-и Р .Одинаев, «Агар ҷанг намебуд»-и А. Ҳамдамро саҳнавӣ гардониданд[1].

Соли 2011 ҳайати эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара тавассути асари И. Усмонов ва А. Қодиров «Бо як гул ҳам баҳор мешавад» дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ- «Парасту – 2011» сазовори ҷои сеюм шуданд. Инҷунин, онҳо спетаклҳои «Гар зан ба шӯр ояд»-и С. Сафаров, «Диёри дилҳои хаста»-и Т. Маҳмадризоро таҳия намуданд. Ҳунармандони театр саҳнаҳои мазкурро дар шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Ваҳдат, Норак, Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ ва вилояти Суғд ба намоиш гузоштанд.

Дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа аз рӯи асари С. Умар «Моҷаро ...ишқ ...саҳна ...» (коргардон Б. Раҷабов) намоиш таҳия кард.

Ҳайати Театри мусиқӣ-мазҳакивии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба намоишномаи Ш.Солеҳ «Шумқадам» (таҳияи Р. Одинаев) дар Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту–2011» ширкат варзиданд. Намоишномаҳои «Шоҳин»-и С. Аюбӣ, «Сандуқи сеҳрнок»-и А.Файзиев, «Ошиқам ман, ошиқ»-и М. Ҷурабековаро рӯи саҳна оварданд. Онҳо ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сафарҳои ҳунарӣ доштанд[2].

Дар нимсолаи аввали 2013 ҳайати Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа бо намоишномаҳои Х. Давлатов «Бе ранҷ

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2012. – 5 январ.

наёбӣ ганҷ», «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷиликӯл, Хуросон, Рашт, Нуробод, Ҷиргатол, Тавилдара, Файзобод, Обигарм ва Роғун сафари ҳунарӣ доштанд. Дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту–2013» тавассути намоиши «Лаку лак» соҳиби ҷоиза шуданд.

Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб 52 намоиши консертӣ ва театрӣ ба тамошобинон пешкаш гардонид, ки аз ин 10- тоаш ройгон буд. Намоишномаи «Фиғон»-и Ф.Ашӯр (таҳияи М. Раҳмонов) ба саҳна гузошта шуд.

Ҳунармандони Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара намоишномаи «Субҳи козиб»-и Ғ.Ашӯровро дар таҳияи Д. Убайдуллоев рӯи саҳна оварданд ва бо мазҳакаи С. Сафаров «Гар зан ба шӯр ояд» дар шаҳру ноҳияҳои Ҷиргатол, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод, Файзобод ва Роғун сафари ҳунарӣ доштанд.

Театри мусқӣ-мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи якпардагии «Суро-сур»-и Ҷ .Расуловро ба тамошобинон пешкаш гардонид[1].

Соли 2013 Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб «Рубоҳ ва Харгӯш дар базми солинавӣ»-и А. Файзиев, «Фиғон»-и Ф. Ашӯров, «Гулдон»-и Э. Лабиш, «Ман қотилам»-и Ж. Қулмамбетов, Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа «Бе ранҷ наёбӣ ганҷ»-и Х. Давлатов, «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев, «Тоҳир ва Зӯҳро»-и А. Файзиев, «Доғе аз зоғе»-и М. Бахтӣ, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара «Субҳи козиб»-и Ғ.Ашӯров ва «Хостгорӣ»-и А. П. Чеховро ба саҳна гузоштанд.

Бояд гуфт, ки дар соли 2013 театрҳои вилоят бо сабабҳои гуногун нақшаи репертуарии худро иҷро накарданд. Аз ҷумла, «Хидматгори ду хоҷа» дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа, «Салом, ман холаи шумо», «Саломон ва Абсол», «Бойи золим ва хурӯси ҷабрдида» дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2013 // Баҳори аҷам. – 2013. – 8 июл.

С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб, «Мусичаро напарон» дар Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара рӯи саҳна наомаданд[1].

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 5 театри халқӣ ба мардум хидмати фарҳангӣ мерасониданд. Дар ин муддат театрҳои мардумии ноҳияи Ёвон намоишномаҳои «Харгӯшаки доно» ва «Фариштаи заминӣ», ноҳияи Фархор асари Ҷ. Қуддус, «Ҳазрати ғазаб» ва «Найрангшо»-и М. Назаровро ба тамошобинон пешкаш намуданд[2].

Соли 2015 дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар 6 асар, дар Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара 4 асар, дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб 4 асар ба саҳна гузошта шуданд[3].

Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар бо намоишномаи «Лаку Пак»-и А. Қодирӣ ва И.У смонов дар фестивали байналмилалии» АРТ-ОРДО» дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон соҳиби ҷоиза гардид.

Соли 2016 ҳайати эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара намоишномаҳои «Дугоникҳо»-и Могилевтсев (таҳияи С .Алимов), «Бори каҷ»-и Ато Ҳамдам (таҳияи С. Додарбеков), «Роҳҳо»-и И. Усмонов ва А. Қодиров (таҳияи А. Қодиров, «Тахти Султон Маҳмуд»-и Ш. Солеҳ (таҳияи Р. Одинаев) ва «Зангирии Балзаминов»-и А. Островскийро дар таҳияи Р.Одинаев рӯи саҳна оварданд.

Дар Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар намоишномаи «Рудолфио» аз рӯи ҳикояи В. Распутин дар таҳияи Отахон Саидзода ҳамчун кори дипломии магистри факултети театри бадеии шуъбаи режиссураи драма ба устодони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода пешкаш гардид. Ҳамчунин, намоиши «Қиёмат»-и Ҷ. Қуддус аз рӯи асари «Қиёмат»-и Ч. Айматов (таҳияи П. Раҷабзода), «Карим девона»-и Т. Аҳмадхонов (таҳияи Қ. Шукуров ва «Маликаи барфӣ»-и Г.

[1] Баҳори Аҷам. – 2014. – 7 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2015. – 13 июл.
[3] Баҳори Аҷам. – 2018. – 8 январ.

Х. Андерсен (таҳияи П. Раҷабзода ба саҳна гузошта шуданд. Ҳунармандони театр дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Куҳистон Мастчоҳ ва Айнии вилояти Суғд сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд. 10-19 ноябри соли 2016 онҳо ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карда, дар Фестивали байналмилалии «Айтматов ва театр» бахшида ба 90-солагии Ч. Айтматов, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон А. Абдуллоев ба ҷоизаи «Нақши беҳтарини мардона» ва Қ. Шукуров ба ҷоизаи «Нақши беҳтарини мардона» (дараҷаи 2) сазовор шуданд.

Дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишҳои тозаэҷоди «Дар кӯчаҳои қисмат»-и А. Ҳамдам (таҳияи Р. Одинаев), «Умед»-и Ш. Солеҳ (таҳияи С. Мадалиев), «Ҷангсолор»-и Ҷ. Қуддус ва «Тӯй дар Хуррамдара»-и С. Аюбӣ (таҳияи Р. Одинаев) дар саҳна манзури тамошобинон шуданд. Театр 38 барномаи рангини консертии худро таҳти унвони «Субҳи ҷавонӣ» дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Темурмалик ва шаҳри Норак доир намуд.

Ҳамзамон, дар вилояти Хатлон дар радифи театрҳои касбӣ панҷ театри халқӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷайҳун, Ёвон ва Мӯъминобод фаъолият доштанд. Театрҳои номбурда дар соли 2016 беш аз 150 намоишнома рӯи саҳна оварданд, ки аз ин 48-тоаш пулакӣ ва 33-тоаш ройгон буд[1].

Соли 2016 дар ҳудуди вилояти Хатлон се театри касбӣ дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғара фаъолият доштанд.

Дар тарғиби ҳунари театрӣ шуъбаи Иттифоқи арбобони теарии Тоҷикистон дар Кӯлоб саҳми муассир дорад. Ин созмони озод ва мустақил бар асоси қарори пленуми 5-уми Иттифоқи арбобони театрии Тоҷикистон ( аз 30 сентябри 1991) ва конфронси муассисон дар шаҳри Кӯлоб (аз 11 октябри 1991) таъсис ёфт. Раиси ин шуъба Арбоби шоистаи ҳунари Тоҷикистон М. Миров ва котиби он Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Т. Бобоев интихоб шуданд. Раёсати шуъба аз 5 нафар иборат буд. Ойиномаи шуъба дар асоси Ойиномаи Иттифоқи арбобони театрии Тоҷикистон таҳия шуда буд. Сафи аъзои шуъба асосан аз ҳисоби ҳунармандони Театри мусиқӣ-мазҳакавии Кӯлоб ба номи С. Вализода афзоиш ёфта, аз 17 нафари

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2018 ва самтҳои афзалноки рушди соҳа дар соли 2019 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

соли 1991 дар соли 2006 ба 40 нафар расид. Тавассути ин шуъба беҳтарин ҳунармандон, аз қабили О. Ҳошимов, Б. Ҳасанов, Ғ. Каримов, Г. Назирмадов, С. Каримов, хоҳарон Садбарг ва Сурайё Қосимоваҳо, Д. Раҳимова, М. Раҳимова, Ф. Тӯраева, А. Комилова, Ҷ. Сироҷов, А. Баротов, Ҷ. Асозода, Т. Пиров, Р. Одинаев, П. Ашӯров, А. Табаров, М. Файзов, Ҷ. Сафаров, С. Аюбӣ, С. Аюбзода, О. Каримова, М. Сатторова, С. Менгалиева, Ш. Бедаков, М. Абдурасулов, Ф. Каримова, А. Давлатова ва дигарон ба узвияти Иттифоқи арбобони театрии Тоҷикистон пазируфта шуданд. Мақсад ва мароми шуъба муттаҳид кардани ҳамаи ходимони театр баҳри рушди ҳунари театрӣ ва ҷалби онҳо барои таҳияи осори нави фарҳангӣ буд.

Аз ибтидои таъсисёбӣ шуъба ба тарғиби ҳунари театрии тоҷик дар дохил ва хориҷи кишвар камари ҳиммат баст. Ҳанӯз, соли 1991 шуъба сафари ҳунарии 30 нафар ҳунарманди  Театри мусиқӣ-мазҳакавии Кӯлоб ба номи С. Вализодаро ба Афғонистон (моҳҳои октябр- ноябр) ташкил намуд. Муддати панҷ сол ба нафақагирони узви Иттифоқи ходимони театрии Тоҷикистон –Т. Бобиева, С. Каримов, З. Хоҷаев, Н. Тиллоев, К. Ғуломов аз ҳисоби даромади дохилӣ маблағи иловагӣ медод. Шуъба дар минтақаи Кӯлоб бо корхонаи истеҳсолӣ-эҷодии «Ҳунарманд»-и шаҳри Кӯлоб, хоҷагии ёрирасони Дашти Ҷами ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, корхонаи хурди тиҷоратию истеҳсолии ноҳияи Ҳамадонӣ, ки тобеи Итифоқи арбобони театрии Тоҷикистон буданд, ҳамкории зич дошт. Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо Шуъбаи кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои гуногун бо унвони «Ширу шакар» сабти телевизионии шабҳои эҷодии ҳунармандонро доир менамуд. Бо ташаббуси ин шуъба соли 1991 гурӯҳи ҳунармандони Афғонистон бо роҳбарии Абдуррашиди Пӯё дар шаҳру навоҳии  Кӯлоб, Восеъ, Ҳамадонӣ, Мӯъминобод 10 спектакл ва консертҳои муштара намоиш доданд. Соли 1994 ҳамчунин, бо ҳунармандони Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамкориҳои муштарак анҷом дода шуд. Ба хотири беҳбуд бахшидан ба шароити иҷтимоии эҷодкорон роҳбарияти Шуъбаи Иттифоқи ходимони театрии Тоҷикистон бо ширкати ҳунармандони Театри мусиқӣ-

мазҳакавии Кӯлоб ба номи С. Вализода ва театрҳои шаҳри Душанбе консерту шабҳои ханда доир намуда, маблағи даромадро ба худи ҳунармандон медод[1].

Бояд гуфт, ки дар вилояти Хатлон ғайр аз театрҳои касбӣ ҳамчунин 5 театри халқӣ, 2 филармония, 11 ансамбли рақсу суруд, 312 муассисаи клубӣ низ фаъолият доранд.Чунончи, соли 2011 дар филармонияҳои ноҳияи Бохтар 30 нафар ва ноҳияи Ҳамадонӣ 26 нафар фаъолият доштанд. Дар назди Раёсати фарҳанги вилоят ансамбли «Шашмақом» ба фаъолият оғоз намуд, ки 22 ҳунармандро муттаҳид мекард. Ансамблҳои рақсу суруди «Навои Хатлон»-и шаҳри Кӯлоб, «Чилдухтарон»-и ноҳияи Мӯъминобод, «Садбарг»-и ноҳияи Данғара, «Чашма»-и ноҳияи Восеъ, «Илҳом»-и ноҳияи Хуросон, «Ғунча», «Шабчароғ»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, «Чашма»-и ноҳияи Шаҳритус, «Чилчанор»-и ноҳияи Ховалинг, «Сухи Ёвон»-и ноҳияи Ёвон, «Бунафша»-и ноҳияи Темурмалик, ансамбли фалаксаройи-этнографии шаҳри Бохтар дар пешрафти ҳаёти фарҳангии вилоят нақши муҳим доранд[2].

Соли 2016 ансамблҳои касбии вилояти Хатлон дар ҷашну чорабиниҳо ва сафарҳои ҳунарӣ дар шаҳрҳои Бохтар, Норак, Кӯлоб ва Душанбе бо 63 барномаи консертӣ анҷом доданд, ки дар он 74340 нафар иштирок доштанд. Дастаҳои ҳунарӣ, филармония ва театрҳои халқии вилоят бо ширкати 70911 нафар171 чорабинии гуногуни фарҳангӣ баргузор намуданд.

Дар соли таҳсили 2016–2017 дар вилояти Хатлон 29 мактаби санъат ва мусиқии бачагона фаъолият менамуд, ки аз ин 4-тоаш дар шаҳри Кӯлоб, 2- тоаш дар ноҳияи Данғара ва боқӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҷой доштанд. Шумораи умумии муҳассилини ин мактабҳо дар соли хониши 2015–2016 4996 нафар буд, ки аз ин 1494 нафар ба синфи якум қабул шудаа ва 461 шогирдон ин муассисаҳоро хатм намуданд. Ба онҳо 437 нафар омӯзгор маҳорату ҳунари касбӣ меомӯзонданд. Дар соли хониши 2016 16 нафар муаллими ҷавон ба кор омаданд. Дар сол 21 нафар омӯзгори мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилоят ба коллеҷу

---

[1] Бобозода, Ф. Шуъбаи Иттифоқи арбобони театрии Тоҷикистон дар Кӯлоб [Матн] / Ф. Бобозода. – Душанбе, 2006. – С.627-628.
[2] Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон [Матн]: маълумотнома «Дар бораи вазъияти фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар 20 сол». – В.5.

донишкадаҳои соҳавӣ ғоибона дохил шуданд. Дар мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилоят 180 нафар бо таҳсилоти олии касбӣ, 211 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсуси касбӣ, 49 нафар бо таҳсилоти умумӣ ва миёна кору фаъолият доштанд. Шумораи умумии омӯзгорону кормандони техникии мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилоят 574 нафарро ташкил медод, ки аз ин миқдор 317 мард ва 134 нафар зан буданд. Дараҷаи тахассусии омӯзгорони соҳа ба таври зайл аст: дараҷаи олӣ 63 нафар, дараҷаи якум163 нафар, дараҷаи дуюм 67 нафар ва боқӣ 121 омӯзго дараҷаи умумии тахассусӣ доранд[1].

Аммо он нуқтаро бояд таъкид кард, ки бинои таълимгоҳҳои ноҳияҳои Қубодиён, Вахш, Шаҳритус ва А. Ҷомӣ таъмирталаб ва дар ноҳияҳои Ховалинг, Темурмалик, Дустӣ Восеъ, Кӯшониён ва шаҳри Кӯлоб №2- синфхонаҳои таълимӣ намерасанд. Махсусан, мактаби санъат ва мусиқии бачагонаи ноҳияи Восеъ ва шаҳри Кӯлоб №2-ро қайд намудан лозим аст, ки яке дар дохили боғи ноҳия ва дигар дар бинои хоҷагии пештараи ба номи С. Зарифов бидуни ягон шароити таълимӣ ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин, маълум гардид, ки дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳаллу фасли масъалаҳои мазкур аз мадди назари роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дур мондаанд.

Пешрафти ҳама соҳа ба мутахассисони соҳибкасбу таҷрибадор вобаста аст. Мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилояти Хатлон ба кадрҳои ихтисосманд ниёз доранд. Нарасидани кадрҳои соҳибкасбу таҷрибаноки педагогӣ дар мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилоят самаранокии таълимро ба дараҷаи лозим таьмин карда наметавонад.

Бояд афзуд, ки аз теъдоди умумии 29 мактаби санъат ва мусиқии бачагонаи вилоят 3-тоаш дар ҳолати садамавӣ ва 20-тои дигар таъмирталабанд.

Аз ошноӣ бо маводди мавҷуда, таҳлилу баррасии фаъолияти театрҳои касбӣ, халқӣ, дастаҳои ҳунарии вилояти Хатлон мо ба чунин натиҷа расидем, ки онҳо ҳамеша дар хидмати бошандагони вилоят ва шаҳрвандони кишвар, вазифаҳои касбиашонро бо сарбаландӣ ба иҷро расониданд. Аммо то ҳол дар ин

---

[1] Ҳисоботи солонаи дафтари методӣ оид ба мактабҳои санъат ва мусиқии бачагонаи вилояти Хатлон дар соли 2016-2017 [Матн].

самт баъзе мушкилот ҷой доранд, ки фаъолияти пурсамари онҳоро халалдор месозанд. Аз ҷумла бо вуҷуди чорабиниҳои андешидаи Вазорати фарҳанг ва роҳбарияти муассисаҳо ва таҳияи барномаи мушаххас, норасоии мутахассисони касбӣ, аз қабили коргардон, ҳунарпешаи касбӣ, равшанидиҳанда, пардозгар, мутриб, коргардони овоз ва ғайра дар театру муассисаҳои консертӣ ба назар мерасад. Техникаи саҳна дар театру муассисаҳои консертӣ, аз қабили воситаҳои рӯшноидиҳанда, дастгоҳҳои тақвияти садо, таҷҳизоти саҳна ва воситаҳои нақлиётӣ ва маблағгузорӣ дар аксар муассисаҳо ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Дар айни замон, бо сабаби норасоии манзили зист, хобгоҳ ва нокифоя будани музди меҳнат мутахассисони ҷавон ин соҳаро тарк менамоянд.

## 2.3. Таҳаввулот дар низоми фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ

1. **Китобхонаҳо:** Бояд гуфт, ки дар тӯли даҳсолаи аввали истиқлоли кишвар фаъолияти китобхонаҳои вилояти Хатлон ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуд.

Фаъолияти китобхонаҳои вилояти Хатлон дар асоси «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (аз 16.7.2003, №406) ва «Барномаи рушди китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз соли 2005), роҳандозӣ шудааст.

Соли 2005 аз ҷониби Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба китобхонаҳои ноҳияи Қумсангир ба таври ройгон 1500 нусха китоб дода шуд. Шуъбаи фарҳанги шаҳри Қӯрғонтеппа тибқи шартнома бо маблағгузории ҳокимияти маҳаллӣ аз корхонаи давлатии савдои «Китоб» ба арзиши 4700 сомонӣ 5080 нусха адабиёти нав барои китобхонаҳои шаҳр харидорӣ намуд. Китобхонаи марказии ноҳияи Носири Хусрав ба маблағи 8 ҳазор сомонӣ, китобхонаи марказии ноҳияи Фархор аз фонди эҳтиётии Президенти кишвар ба маблағи 22500 сомонӣ, китобхонаи марказии ноҳияи Мӯъминобод ба маблағи 5 ҳазор сомонӣ таъмир шуданд. Ҳамзамон, дар вилояти Хатлон 17 мағозаи фурӯши китоб фаъолият менамуд[1].

[1] Баҳори Аҷам. – 2006. – №1 (70). – январ.

Соли 2009 ҷиҳати иҷрои супориши Президенти кишвар аз китобхонаҳои шахсии кормандони раёсати фарҳанги вилояти Хатлон 100 нусха, ноҳияи Қубодиён 370 нусха адабиёти гуногун ба китобхонаҳои ҷумҳурӣ тақдим гардид.

Тибқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015» ба вилояти Хатлон 199661 сомонӣ ҷудо ва ирсол шуд[1].

Соли 2010 бо мақсади таҳкими базаи моддӣ-техникии китобхонаҳои кишвар аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015» ба шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 49 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид[2].

Соли 2013 дар тавозуни ҷамоатҳом вилояти Хатлон 125 китобхона, хоҷагиҳои деҳқонӣ 43 китобхона ва дигар ташкилоту муассисаҳо 18 китобхона қарор дошт. Дар вилоят 92 китобхона бидуни бинои мустақил дар хонаҳои истиқоматӣ, мактаб, бунгоҳи тиббӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо ҷойгир буданд[3].

Соли 2011 дар ҷамоати деҳоти Сари Хосори ноҳияи Балҷувон китобхонаи нав ифтитоҳ ёфт ва сохтмони бинои дигар китобхона дар маркази вилоят – шаҳри Бохтар идома дошт[4].

Дар нимаи аввали соли 2013 дар китобхонаи вилоятии ба номи Ш. Шоҳини шаҳри Қӯрғонтеппа муаррифии китоби навқаламони вилояти Хатлон «Атри гулҳои ҷавон», намоишҳои китобии «Аё нашъа, балои ҷон шудастӣ» сурат гирифт. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таври муназзам намоиши китоб, конфронси хонандагон, маҳфилҳои адабӣ, муаррифии китобҳо, шабнишиниҳои адабӣ-бадеӣ дар мавзуъҳои «Тоҷикистон хонаи ободи ман», «Қонун–сутуни давлат», «Ватан ва фарзандон», «Аз пайём то пайём», «Поси хотири қаҳрамонон», «Саҳми ҷавонон дар ҷомеа», «коррупсия-душмани ҷамъият», «Танзими анъанаҳо-мароми мост» баргузор шуданд[5].

[1] Баҳори Аҷам. – 2010. – 5 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.
[3] Баҳори Аҷам. – 2012. – 5 январ.
[4] Баҳори Аҷам. – 2014. – 7 январ.
[5] Баҳори Аҷам. – 2013. – 8 июл.

Соли 2016 дар 502 китобхонаи вилояти Хатлон 834 нафар корманд, аз ҷумла, 221 корманди техникӣ фаъолият дошт, ки аз ин 70 нафар таҳсилоти олии умумӣ, 52 нафар таҳсилоти олии тахассусӣ, 522 нафар таҳсилоти миёнаи махсус ва 190 нафар ё 22,8% таҳсилоти миёнаи умумӣ доштанд. Дар маҷмӯъ 164 мард ва 670 зан дар бахши китобдорӣ фаъолият мекард[1].

Дар ин давра ба ғайр аз ноҳияи Мӯъминобод (8000 сомонӣ) дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои хариди китоб маблағ ҷудо нашуд.

Аз шумораи умумии китобхонаҳо 57 бинои таъмирталаб, 13 адад дар ҳолати садамавӣ, 4 адад навбунёд, 16 китобхона дар хонаҳои шахсӣ, 1 адад дар бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 адад дар хона-вагон, 8 адад дар бунгоҳи тиббӣ ҷойгир буданд. Дар дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Хуросон, Ховалинг ва А. Ҷомӣ китобхонаҳои нав бунёд шуданд[2].

Китобхона-филиали №13-и деҳаи Ғуломсаид Холови ноҳияи Кӯшониён аз тарафи соҳибкор Саъдулло Исматуллоев аз нав бунёд гардид. Дар шаҳри Кӯлоб ду китобхона дар бинои Қасри фарҳанги ҷамоати деҳоти Даҳана ва деҳоти Ҳакимободи ҷамоати деҳоти Зиракӣ тавассути МИҲД-и шаҳри Кӯлоб ва китобдорон ба таври ҳашар бозсозӣ гардид. Китобхона-филиали №13-и деҳоти Сари Осиёби ҷамоати деҳоти Зарбдор ба бинои нав кӯчонида шуд. Дар ин давра чанд муассисаи фарҳангии шаҳру деҳоти Кӯлоб, аз қабили Қасри фарҳанги шаҳр ба маблағи 27900 сомонӣ, мактаби мусиқии №1 ба маблағи 44600 сомонӣ, филиал-китобхонаи деҳоти Зарқалъаи ҷамоати деҳоти Зиракӣ ба маблағи 4800 сомонӣ таъмиру тармим шуданд. Сохтмони китобхона-филиалҳои №6-и деҳаи Меҳробод, №13 ва 19-и деҳоти Кадучии ноҳияи Восеъ, №18-и деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара, №6-и деҳаи Яккасада ва №8-и деҳоти Баҳористони ноҳияи Темурмалик идома дошт[3].

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2016 [Матн].
[2] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2016 [Матн].
[3] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2017 [Матн].

Дар ноҳияи Дӯстӣ бо дастгирии молиявии соҳибкори маҳаллӣ М. Турапов (22 ҳазор сомонӣ) китобхона-филиали №10 дар ҷамоати деҳоти Нури Вахш, деҳаи Бобоҷон Ғафуров сохта шуд.

Дар ноҳияи Қубодиён китобхона-филиали №1 деҳаи Чилғилиши ҷамоати деҳоти Заркамар аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50 ба бинои нав кӯчонда шуд. Ҳамчунин, китобдор Г. Бобоназарова бо хариди бинои нав (арзиш 3500 сомонӣ) китобхона-филиали №2 ҷамоати деҳоти Заркамарро аз бинои ҷамоат кучонд. Дар ноҳияи Ёвон Китобхона-филиали №6 (мудир М. Шарипов) бо маблағи 2000 сомонӣ, Китобхона-филиали №21 (мудир Т. Тоҷибоева) бо маблағи 1200 сомонӣ, Китобхона-филиали №24 (мудир О. Суярқулова) бо маблағи 1000 сомонӣ, Филиали №25 (соҳибкор Ш. Ҷӯрақулов) бо маблағи 3500 сомонӣ аз ҷониби мудирону соҳибкорон таъмир ва Китобхона-филиали №22 тавассути соҳибкори маҳаллӣ Б. Тошов бо маблағи 26000 сомонӣ бозсозӣ шуд. Дар ноҳияи Темурмалик барои таъмири бинои китобхонаи марказӣ 500 сомонӣ, дар шаҳри Кӯлоб барои китобхонаи вилоятии бо номи Садридин Айнӣ 5000 сомонӣ ва барои китобхонаи бачагона 2000 сомонӣ ҷудо гардид.

Ҳамзамон, дар ивази 15100 сомонӣ барои китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Норак, Сарбанд, А. Ҷомӣ, Балҷувон, Бохтар, Вахш, Восеъ, Данғара, Ёвон, Қубодиён, Ҳамадонӣ, Панҷ, Темурмалик, Фархор, Ховалинг, Ҷалолидини Балхӣ, Шамсидини Шоҳин, китобҳои нав харидорӣ шуд. Ҳамчунин, дар ҳудуди вилоят 8 китобхонаи нав бунёд гардид[1].

То 1 декабри соли 2016 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 22 мағозаю нуқтаи фурӯши китоб кору фаъолият доштанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 3 адад, Кӯлоб 4 адад, Ёвон 2 адад, Дӯсти 2 адад, Восеъ 2 адад, Вахш, Ҷайҳун, Қубодиён ва Темурмалик 1 ададӣ ва Норак 6 адад[2].

Аммо бояд афзуд, ки дар марказҳои ноҳияҳои Шамсидин Шоҳин, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, Балҷувон, Ховалинг нуқтаҳои китобфурӯшӣ фаъол набуданд. Соли 2016 ба Китобхонаи вилоятии ба номи

[1] Баҳори Аҷам. – 2018. – 8 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

Садридин Айни шаҳри Кӯлоб 555 нусха китоб аз ҳисоби муаллифон, шахсони алоҳида, «Корвони Китоб» ва дар доираи аксияи «Тӯҳфа барои китобхона» 62 нусха китоб ва фиттаи луғатҳои электронии забонҳои халқҳои Гурҷистон ва Федератсияи Россия ҳамчун бо арзиши 3030 сомонӣ тӯҳфа гардид. Инчунин, аз Корхонаи таъминот ва савдои «Китоб» 87 нусха китоб бо арзиши 2578 сомонӣ харидорӣ шуд[1].

Дар китобхонаҳои вилоятӣ, марказӣ ва китобхона-филиалҳои шаҳру ноҳияҳо бо мақсади тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, ҷалби бештари онҳо ба омӯзиши илм, дарёфти хонандагони фаъол, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо, баланд бардоштани санъати суханварӣ, таҳкими равобити дӯстона миёни хонандагон, эхтиром ва арҷ гузоштан ба мукаддасоти миллӣ, баланд бардоштани хисси ватандустию хештаншиносӣ чорабиниҳои фарҳангӣ таҳти унвони «Тоҷикистон эй диёри номдорам», «Артиш – рамзи пойдории давлат», «Модар – шамъи хонадон», «Ҷавонон – пайрави Пешвои миллат», «Ваҳдат – бақои миллат», «Кӯдакон насли хушбахти замон», «Истиқлолият – рамзи озодӣ», «Рӯдакӣ – сарояндаи панди рӯзгор», «Забон – калиди дониш», «Конститутсия – бахтномаи миллат», «Парчам – рамзи соҳибистиқлолӣ» баргузор шуд.

Дар ин радиф, дар китобхонаҳо гӯша ва намоиши доимии китоб зери унвони «Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо – тақозои замон», «Забон ҳастии миллат», «Аз паём то паём», «Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Парчам», «Рӯзи Президент», «23 май рӯзи ҷавонон», «Нишон», «Оила», «Суиқасд ба ҷони худ», «Терроризм ва экстремизм», «Нашъамандӣ ва зарари он», ВНМО – вабои аср», Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи  фарзанд» ва ғайра ташкил шуданд. Тавассути намоишҳо адабиёти  гуногун, мақолаҳ, рӯзнома ва маҷаллаҳои даврӣ дар миёни доираи васеъи хонандагон муаррифӣ гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар китобхонаҳои вилоят 979,5 нафар, фаъолият мекард, ки аз ин 134-нафар таҳсилоти олии умумӣ, 91-нафар таҳсилоти

[1] Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

олии тахассусӣ, 99 нафар таҳсилоти миёнаи ғайритахассусӣ, 339 нафар таҳсилоти миёнаи тахассусӣ, 90 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ доштанд ва 226,5 корманди техникӣ буданд.

Дар вилояти Хатлон 489 китобхонаҳо, аз ҷумла 3 китобхонаи вилоятӣ, 25 китобхонаи шаҳрӣ-ноҳиявӣ (марказӣ), 435 китобхона-филиал ва 26 китобхонаи бачагона амал менамуд, ки дар ганҷинаашон 2522243 нусха китоб нигаҳдорӣ мешавад.

Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин 6253 нусха китоб (арзиш 22 165 сомонӣ) таҳвил дода шуд, ки аз ин 403-нусха китобҳои дарсӣ (барои хонандагони синфҳои 1–11; арзиш 4962-сомонӣ), 5850-нусха адабиёти бадеӣ ва бачагона (арзиши 17203 сомонӣ) буд[1].

Аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Китобхонаи марказии ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Бохтар 100-нусха, ба ноҳияи Шаҳритус 200 нусха ва ба ноҳияи Носири Хусрав 16 нусха китоби тозанашр ройгон дода шуд.

Соли 2016 харидории китобҳои тозанашр аз ҳисоби буҷа 5713 нусха (арзиш 146872 сомонӣ), аз ҳисоби китобдорон 1400 нусха (арзиш 13 495 сомонӣ), китобҳои тухфавии муассисаҳои давлатӣ 7081 нусха, муассисаҳои ғайридавлатӣ 2541 нусха ва шахсони алоҳида 2432 нусхаро ташкил медод. Аз он ҷумла, дар доираи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...» 1867 нусха (арзиш 25609 сомонӣ харидорӣ гардид.

Дар ноҳияи Қубодиён 2 бинои масчидҳои ғайрирасмӣ дар деҳаи Ғиштпуруки ҷамоати деҳоти Носири Хусрав (арзиш 68 000 сомонӣ) ва дар деҳаи Навободи ҷамоати деҳоти Тахти Сангин (арзиш 145 000 сомонӣ) ба китобхонаи деҳот табдил шуданд.

Китобхона-филиали №5-и деҳаи Шаҳринави ҷамоати деҳоти Деҳибаланди ноҳияи Муъминобод бо амри прокуратураи ноҳия (аз 19.5.2015, №7/3-15) аз

[1] Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

бинои садамавӣ ба масҷиди ғайрирасмии кӯчаи А. Навоии ҷамоати шаҳраки Мӯъминобод кӯчонда шуд.

Бинои китобхона-филиали №24, ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъаи деҳаи Ниҳолпарвари ноҳияи Кӯшониён бо маблағи 14550 сомонӣ тариқи ҳашар таъмиру бозсозӣ гардид.

Китобхона – филиали №12 ҷамоати деҳоти Айнӣ, деҳаи Ганҷинаи ноҳияи Хуросон аз тарафи соҳибкор Акаҷонов Қурбон ба мабалғи 25 000 сомонӣ сохта шуд.[1]

Аз 489 китобхонаи вилоят дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ, А. Ҷомӣ, Муъминобод, Вахш, Китобхонаи вилоятии бачагонаи шаҳри Кӯлоб, Китобхонаи вилоятии ба номи С. Айнии шаҳри Кӯлоб 1-ададӣ, Ховалинг, Балҷувон, Фархор, Ҷ. Балхӣ, Кӯлоб, Дӯстӣ ва Ҷайҳун 2-ададӣ, Норак, Ш. Шоҳин ва Восеъ 3- бинои китобхона таъмирталаб, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён, Балҷувон, Восеъ, Панҷ ва Ҷайҳун 1-ададӣ, Темурмалик ва Кӯлоб 2-ададӣ дар ҳолати садамавӣ амал мекарданд. Дар давоми соли 2019 29 китобхона таъмирталаб ва 9-адади он дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд.

Дар ҷамъбасти ин зербоб бояд гуфт, ки баробари рушди тадриҷии соҳаи китобдорӣ, бояд сохтори китобхонаҳо такомул ёбад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фаъолияти ҷории китобхонаҳо ба талаботи айём мутобиқ гардонда шаванд. Дар баробари пешравиҳо дар китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят камбудиҳо низ дида мешаванд, ки барои рафъи онҳо чунин корҳоро бояд анҷом дод.

-Таъмини китобхонаҳо бо адабиёти тозанашр, таҷҳизот (мизу курсӣ, ҷевон, рафҳои китобмонӣ ва ғайра) вобаста ба талаботи замон.

-Таъмини китобхонаҳо бо таҷҳизоти техникӣ (принтери се бар як, сканер, компютер) ва ба ин васила ҷалби хонандагон ба китобу китобхона;

- Пайваст намудани китобхонаҳо ба шабакаи ИНТЕРНЕТ;

-Таъмини китобхонаҳо бо дастурҳои методӣ;

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2017 [Матн].

-Муайян намудани категорияи соҳаи китобдорӣ ва дар мувофиқа бо собиқаи корӣ ва таҳсилоти олии соҳавӣ ба китобдорон додани дараҷа;

-Ҷудо намудани маблағ барои баргузории фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»

- Зимни баргузорӣ ва ҷамъбаст озмуни «Библиомарафон» дастгирӣ намудани хонандагони ғолиб барои ширкат дар даври ниҳоӣ.

-Таъмини китобхонаҳо бо китобдорони касбӣ ва ғайра.

**2. Осорхонаҳо ва ёдгориҳои таърихӣ.**

Фаъолияти осорхонаҳои вилояти Хатлон бар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» (аз 3.3.2006), «Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2015» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ роҳандозӣ шудааст. Бояд гуфт, ки навобаста аз ноорομиҳои солҳои 90-уми асри XX дар вилояти Хатлон, бахусус, дар водии Вахш аксар кормандони осорхонаҳо вазифаи худро содиқона ба анҷом расониданд. Дар ин давра чандин осорхонаи нав ташкил шуданд.

Соли 2005 осорхонаи ноҳияи Фархор бо маблағи 85 ҳазор сомонӣ таъмири гардид. Ҳамчунин, сохтмони мақбараи Ҳазрати Султон дар ноҳияи Ховалинг (466 ҳазор сомонӣ), барқарорсозии мақбараи Мавлоно Обиддин дар ноҳияи Данғара (99 ҳазор сомонӣ), мақбараи Хоҷа Қутбиддин дар ноҳияи Балҷувон (46 ҳазор сомонӣ) ба анҷом расонда шуд. Арзиши бозсозии девор ва дарвозаи қалъаи Ҳулбук, тармими дохили қалъа 1,75 миллион сомонӣ, тармими Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии Қалъаи Ҳулбук (1,5 миллион сомонӣ буд. Дар иншооти мазкур то охири соли 2005 аз ҷониби фармоишгар-Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоӣ 1315 ҳазор сомонро пардохт шуд, ки аз он дар соли 2005 бо арзиши 489 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ иҷро гардид. Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо кумаки ҶИЭ ба маблағи 140 ҳазор доллари амрикоӣ таъмир шуд[1].

[1] Баҳори Аҷам. – 2006. – №1 (70). – январ.

Соли 2007 дар Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб Осорхонаи мероси хаттӣ ва осори адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Хона-музейи шоир ва ҳофизи халқӣ С. Вализода бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таъмиру тармим гардиданд. Дар атрофи бинои муҷтамаъ беш аз 4 ҳазор дарахтони сояафкан ва мевадор шинонида шуд. Ба фонди осорхона 153 нигораи нав бо арзиши 16 ҳазор сомонӣ харидорӣ ва 40 нигора туҳфа гардид. Дар муҷтамаъ беш аз 1451 нигора нигаҳдорӣ мешавад. Ба осорхона аз Эрон, Покистон, Россия, Ҳиндустон, Амрико, Хитой ва Корея меҳмонон ташриф оварданд.

Вазорати фарҳанг барои таҳия ва татбиқи нақшаи экспозитсионӣ ва намоиши Муҷтамаи ҷумҳуриявии Осорхонаҳои Кӯлоб 9000 сомонӣ ҷудо кард.

Ба хотири татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои таърихию фарҳангӣ» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаи давлатии Осорхона-мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Данғара» таҳия ва қабул гардид. Тибқи нақша мақбараи Мавлоно Обиддин дар ноҳияи Данғара пурра, мақбараи Имом Зайнулобидини ноҳияи Ҷилликул, маҷмаъаи Шоҳи Хомӯши ноҳияи Мӯъминобод, осорхонаи Хоҷаи Нури ноҳияи Мӯъминобод қисман тармим шуданд.

Кормандони мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук дар деҳаи Қурбоншаҳид хумдони сафолпазии асри XI-ро кашф карданд, ки барои омӯзиши таърихи шаҳри Ҳулбук аҳаммияти муҳим дорад. Барои ободонии Қалъаи Ҳулбук 200 арча, 800 бута гул, 40 ёси ҳиндӣ шинонида шуд. Дар сол тақрибан, беш аз 1000 нафар аз ёдгориҳои Ҳулбук боздид мекунанд[1].

Соли 2009 фонди Муҷтамаъи ҷумҳуриявии Осорхонаҳои Кӯлоб бо 80 нигораи нав ба маблағи 27402 сомонӣ мукаммал гардид. Таҳияи шиносномаи илмии нигораҳо қисман хотима ёфт ва 15040 адади онҳо илман ташхис ва аккосӣ шуданд[2].

Соли 2010 феҳристи фонди Муҷтамаъи ҷумҳурияви осорхонаҳои Кӯлоб қисман таҳия гардид. Ба муҷтамаъ меҳмонони хориҷӣ аз Эрон, Арабистони

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2008. – 13 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2010. – 5 январ.

Саудӣ, Афғонистон ташриф оварданд. Кормандони осорхона бахшида ба мавзуъҳои «Тоҷикистон ватани Наврӯз аст», «17-солаги артиши миллӣ», «Зан ва ҷомеаи демократӣ», «8-март-рӯзи модарон», «Ваҳдати миллӣ-ифтихори миллат», «65-солаги ғалаба бар фашизм», «Ворисони Рӯдакӣ» чорабинӣ доир намуданд. Фонди муҷтамаъ бо 160 нигора, аз ҷумла 118 нигораи этнографӣ, мусаввара, 3 дасхат, 4 хуссаи парранда бо арзиши умумии 65800 сомонӣ мукаммал гардид.[1]

Соли 2010 дар ҳамкорӣ бо Телевизони Тоҷикистон роҷеъ ба вазъи ёдгориҳои ноҳияҳои Ҷилликӯл, Шаҳритус, Қубодиён, Мӯъминобод, Носири Хусрав, Балҷувон филмҳои мустанаду гузориш таҳия гардид. Корҳои лоиҳакашӣ ва тармиму барқарсозӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии итиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба муҳофизат, тармим ва истифодаи ёдгориҳо дар ёдгориҳои мақбараи Зайнулобиддин пурра ва дар қалъаҳои Мӯъминобод ва Ҳулбук қисман хотима ёфт. Мадрасаи Хоҷа Машҳад дар ноҳияи Шаҳритус бо пуштибонии молии сафоратхонаи ИМА (120 ҳазор доллар) тармим гардид. Ҳамчунин, аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо барои Ҳулбук 75 ҳазор сомонӣ ҷудо шуд.

Дар ин сол аз ҷониби кормандони Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук ҳангоми иҷрои корҳои ободонӣ 86 бозёфт кашф ва ба фонди осорхона ворид шуд. Аз мардум 100 экспонати нодир ва 3 асари рассомони тоҷик б арзиши 17083 сомонӣ харидорӣ гардид. Ҳамзамон, ба 3487 нафар хидмат расонда, 3218 сомонӣ даромад гирифтанд.

Дар Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара барои ғанӣ гардонидани фонд 432 сиккаи гуногун ва 3 асари тасвирӣ аз рассом М. Сафарова харидорӣ шуд. Роҳнамои «Сикаҳҳои таърихии Данғара» дар 500 нусха интишор гардид. Ба 3 ҳазор тамошобини дохилию хориҷӣ хидмати фарҳангӣ расонда шуд[2].

Соли 2011 дар Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб феҳристи мукаммали нигораҳои Хона-музейи шоир ва ҳофизи халқӣ С. Вализода қисман таҳияи гардид. Аз маруд 135 нигора бо маблағи 38630 сомонӣ харид 16 нигора ройгон дарёфт гардид, ки онҳо 80 нигораи этнографӣ, 5 мусаввара, 11 дастхат, 5

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.

нигораи таърихию бостоншиносӣ мебошанд. Ҳамчунин, ҳамоишҳо дар мавзуъҳои «Нигораҳои замони Рӯдакӣ», «Аз Кӯшониён то Сомониён», «Ҷалолуддини Балхӣ ва осори безаволи ӯ» доир гардид.

Дар Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара 195 нигора ҷамъоварӣ гардид. Роҷеъ ба таърихи ноҳия ва таиати зебои он 2 мақолаи илмӣ-оммавӣ дар рӯзномаи ноҳиявӣ ва роҳнамо интишор ва беш аз 2 ҳазор осор аксбардорӣ ва бо шиноснома таъмин шуданд. Ҷиҳати ҷамъоварии нигораҳо 9 экспедидсия анҷом дод шуд, ки дар натиҷа 100 акси таърихӣ (асри 20), 8 тангаи мисини замони Кӯшониён ва 3 дастхати асрҳои 13–19 –«Таърихнома»-и Воизи Кошифӣ, «Девон»-и Бедил ва «Ҳидоя» дастрас гардид[1].

Соли 2011 дар ҷамоати деҳоти Сари Хосори ноҳияи Балҷувон бинои осорхонаи замонавӣ ифтитоҳ ва лоиҳаи бозсозии Қалъаи Балҷувон, Қалъаи Мӯъминобод, Хоҷаи Зарини ноҳияи Данғара анҷом дода шуданд. Ҷиҳати ободонии Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук дарахтони мевадиҳанда ва ороишӣ шинонида шуд. Дар рафти кор аз қалъа чанд қубури шабакаи обгузари қалъа ёфт гардид. Дар ин сол осорхонаи мамнӯъгоҳ ба 55920 нафар хидмати маданӣ расонд, ки 400 нафарашон хориҷӣ буданд[2].

Соли 2013 дар Осорхона-мамнӯъгоҳи Данғара ба 600 нафар шаҳрванди дохилӣ ва сайёҳи хориҷӣ хидмати маданӣ расонд. Аз мардум беш аз 270 нигора харидорӣ ва ба фонди осорхона изофа шуд. Дар Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук бо ҳамкории ЮНЕСКО мутухассисони Япония семинари омӯзишӣ оид ба пешниҳоди барномаҳо ва муаррифии ёдгориҳо ба ҷоизаи «Роҳи бузурги абрешим» доир гардид, ки 15 нафар мутахасисони Вазорати фарҳанг ва Академияи илмҳои ҷумҳурӣ таҷриба андӯхтанд. Дар ин марказ ба 7500 нафар хидмати маданӣ расонда шуд, ки 217 нафарашон хориҷӣ буданд.

Муассисаи давлатии итиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба муҳофизат ва таъмиру истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020»

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2012. – 5 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2012. – 5 январ.

дар ёдгориҳои «Ҷувозхонаи Восеъ»-и ноҳияи Ховалинг (142500 сомонӣ), Қалъаи Мӯъминобод (237500 сомонӣ), Мақбараи Хоҷаи Зарини ноҳияи Данғара (96807 сомонӣ) баъзе корҳоро анҷом дод.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ Қалъаи Балҷувон идома ёфта, барои барқарорсозии девори шарқии Қалъаи Ҳулбук ба маблағи 1269 ҳазор сомонӣ қисман таъмиру бозсозӣ шуданд[1].

Фонди Муҷтамаъи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб бо нигораҳои нави таърихӣ-бостоншиносӣ ба маблағи 60 ҳазор сомонӣ ғанӣ гардид. Дар нимсолаи аввали 2013 1861 нигора, ҷумла 1685 адад ба таври ройгон ҷамъоварӣ гардид. Муҷтамаъ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллективҳои меҳнатии шаҳри Кӯлоб намоиши сайёр ташкил намуд. Ба муҷтамаъ 15070 нафар тамошобин, аз ҷумла 2500 кӯдаки то синни 12 сола ташриф оварданд.

Кормандони Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук дар озмуни «Беҳтарин муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон» ба ҷои аввал сазовори шуданд. Дар ин давра ба 4590 тамошобин хидмат расонда шуд, ки 118 нафарашон хориҷӣ буданд[2].

Дар нимаи аввали соли 2015 дар Муҷтамаъи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб бинои мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъмиру таҷдид ва биноҳои ба он вобаста анҷом ёфта, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии 2700-солагии Кӯлоб бо панҷараҳои оҳанин иҳота шуданд. Дар толорҳои намоиши Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зернавишти нигораҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия шуд. Толорҳои намоишӣ ва саҳни ҳавлии осорхона бо видиокамераҳои назоратӣ муҷаҳҳаз шуданд. Дар ин давра бо арзиши 14 ҳазор сомонӣ 27 нигора харидорӣ, 73 адади дигар аз ҷониби шаҳрвандони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба муассиса тақдим гардид. Ҷамъоварӣ ва таҳияи ҷилди аввали осори мунтахаби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пурра ва ҷилди

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳа дар соли 2014 [Матн].
[2] Баҳори Аҷам. – 2013. – 8 июл.

дуввуми «Куллиёт» ин мутафаккир қисман анҷом ёфт. Ҳамчунин, дар ин давра ба 2 ҳазор нафар тамошобини дохилию хориҷӣ хидмати маданӣ расонд шуд[1].

Дар нимсолаи аввали соли 2015 кормандони Мамнӯъгоҳи таърихӣ-фарҳангии Ҳулбук роҳнамои «Ҳулбук»-ро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба чоп омода намуданд. Дар қисмати ҷанубии Қасри шоҳон зимни бозсозии таҳкурсии девор ҳафриёт анҷом дода шуд, ки дар натиҷа ҷузъи девори истеҳкомии қаср ва сутуни гачии мунаққаш ёфта пайдо гардид. Дар ҳамкорӣ бо тоҷик МДМЁ марҳалаи чаҳоруми тармиму бозсозии девори шарқии Қасри шоҳон идома дошт. Дар ин давра ба мамнӯъгоҳ 3310 нафар тамошобини дохилию хориҷӣ ташриф оварданд, ки аз ин 128 нафарашон меҳмони хориҷӣ буданд.

Дар Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара дар ин муддат 9 мақолаи илмӣ оид ба пайдоиш ва ҷашнгирии идҳои миллӣ нашр ва шаш нақшаи таълимӣ таҳия гардилд. Ҳамчунин, дар ҳудуди мақбараи Хоҷа Шақиқи Балхӣ панҷоҳ дарахти ороишӣ ва мевадиҳанда, дар саҳни мақбараи Мавлоно Тоҷиддин 250 арча шинонда шуд[2].

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 19 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ амал мекард, ки фонди умумии онҳо 31987 адад нигора дошт. Дар соли 2016 745 экспонат харидорӣ шуд. Шумораи тамошобинон дар сол ба 940201 нафарро расид[3].

То соли 2017 фаъолияти осорхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба талабот ҷавобгӯ набуд. Дар тамоми осорхонаҳои вилоят норасоии мутахассисони касбӣ ҷой дошт ва ҳатто баъзе бо таҳсилоти миёна дар вазифаҳои ходими илмӣ ва ё мудирони шуъба фаъолият доштанд. Ҳамчунин, кормандони осорхона дар самти ташкили намоиш ва ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташкили намоишҳои ҷашнӣ ва дигар корҳои ташвиқотӣ мароқ зоҳир намекарданд. Хуб мешуд, ки дар вилоят курсҳои кӯтоҳмуддати осорхонашиносӣ ташкил дода шавад.

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нимсолаи аввали соли 2015 [Матн].

[2] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нимсолаи аввали соли 2015 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2015. – 13 июл.

[3] Баҳори Аҷам. – 2018. – 8 январ.

Бинобар сабаби ихтисори маблағгузорӣ вазъи техникии осорхонаҳо, бахусус Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии 2700-солагии Кӯлоб ва Хона-музейи Сайдалӣ Вализода нигаронкунанда буд[1].

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Кӯлоб, ки соли 1992 бо қарори мақомоти давлатии шаҳри Кӯлоб ба шарафи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ номгузорӣ шуд, 5 толори намоиш; «Ганҷинаи ҳазрати Амирҷон», «Мардумшиносӣ», «Шуҳрати ҷангӣ», «Табиати кишвар» ва «Таърих ва ҳунар» дорад, ки дар он беш аз 6 ҳазор нигора нигаҳдорӣ мешавад. Дар осорхона гӯшаҳои алоҳидаи «Туҳфаҳо ба ганҷинаи ҳазрати Амирҷон», «Зебу зинати занона», «Мусиқор», «Ҷаҳонпаҳлавон», «Экспозитсияи хумҳо», «Даврони биринҷӣ», «Нумизматика» ташкил шудааст. Кормандони осорхона ба омӯзиши аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ машғуланд[2].

Осорхонаи шуҳрати ҷангии шаҳри Кӯлоб бо қарори Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳр аз 25 феврали 1993 дар бинои мактаби таҳсилоти умумии №5 ба номи Лангарӣ Лангариев ташкил дода шуд. Осорхона чаҳор шуъба дорад: «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон», «Давраи таҳсилоти Лангарӣ Лангариев», «Аёми таҳсил дар мактаби милитсияи шаҳри Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон» ва «Рӯзҳои охирини ҳаёти Лангарӣ Лангариев ва мукофотҳо». Фонди асосии осорхона шомили аксҳо, журнали синф, ифтихорнома, маълумотнома, шаҳодатнома, фармон, қарор, дастнавис, дафтарҳои талабагӣ, албоми синф, винеткаи соли хатми мактаб ва либосҳои низомии Лангари Лангариев аст[3].

Осорхонаи Саидалӣ Вализода бо қарори Шӯрои Вазирони Тоҷикистон октябри соли 1981 ба муносибати 80-солагии шоир дар шаҳри Кӯлоб, дар хонаи истиқоматиаш таъсис ёфт. Осорхона панҷ толори намоиш дорад. Дар бахши адабии намоишгоҳ китобу ашъораш, тарҷумаи шеърҳо ба забони русӣ, хотироту ёдоштҳо дар бораи Саидалӣ Вализода ва ғайра ҷамъоварӣ шудааст. Дар ин толор дастхат, ҳуҷҷат, ифтихорнома, телеграммаҳои ҳукуматӣ ва табрикотномаҳои дӯстон низ маҳфузанд. Хонаи хоб ва меҳмонхонаи шоир қисми асосии осорхона

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2017. – 14 июл.
[2] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.370-371.
[3] Кулоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.371-372.

мебошад. Дар ин ҷо кати оҳанин, гилем, мизи корӣ, чойнику пиёла, офтобаи сафолӣ, радио, дутор ва дигар ашёи нодири шоир ба намоиш гузошта шудаанд. Дар осорхона оид ба ҳаёту эҷодиёти Сайдали Вализода вохӯрӣ, шабҳои адабӣ, суҳбату машварат, маҳфили адабӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мешаванд[1].

Осорхонаи мероси хаттӣ ва адабии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2006 дар асоси колексияи осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт. Ҳамакнун, ин осорхона ба Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб дохил мешавад. Дар колексияи осорхона беш аз 300 дастхат, китобҳои нодири асрҳои XVII–XX, ҳамчунин моросии хаттии давраҳои гуногун маҳфузанд. Яке аз экспонатҳои арзишманди осорхона дастхатти қадими Қуръон (1848) мебошад, ки бо хатти хаттот Раҳматулло ал-Марғиёнӣ китобат шудааст. Вай авлоди бевоситаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки гӯраш дар радифи қабри наздикони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар наздики осорхона ҷой дорад. Дар радифи осори арзишманди осорхона «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қарор дорад, ки 100 сол қабл дар шаҳри Пешовари Покистон ба табъ расида аст.

Экспозитсия аз бахшҳои таърихи хат, таърихи хат дар Тоҷикистон, ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва авлоди ӯ, ашхоси маъруфи минтақаи Кӯлоб ва осори адабии онҳо, толори туҳфаҳои осорхона иборат аст. Осорхона барои хонандагон, донишҷӯён, гурӯҳ ва сайёҳони алоҳида экскурсия ташкил мекунад. Дар осорхона шабҳои адабӣ гузаронида мешавад. Дар назди музей китобхона ва толори хониш фаъолият доранд

Муассисаи давлатии «Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара 2 сентябри 2001 таъсис ёфта, дар ибтидои соли 2016 4481 нигора дошт. Дар тобеияти осорхона чанд ёдгории таърихии қарор доштанд; Хоҷа Шақиқи Балхӣ (масоҳат 8 га), Мавлоно Тоҷиддин (масоҳат 20 га, Мавлоно Обиддин (масоҳат 0,33 га, мақбараи Данғараи Боло (масоҳат 1,08 га). Осорхона 4 шуъба дорад: таърихи қадим ва асрҳои миёна; мардумшиносӣ; таърихи муосир; ёдгориҳои

[1] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.370.

таърихӣ-фарҳангӣ. Дар соли 2015 аз осорхона 1039 тамошобини дохилию хориҷӣ дидан намуданд[1].

Осорхонаи шаҳрии «Бибихонум»-и шаҳри Бохтар соли 1999 бо қарори ҳукумати шаҳр дар болои қалъаи қадимаи шаҳр бунёд гардид. Ашёи нодири он (қариб 1600 адад) таърихи шаҳри Бохтар ва фарҳанги бошандагони онро инъикос мекунанд. Онҳо қисман аз осорхонаи вилоятӣ ба он таҳвил дода шуд. Экспозитсияи осорхона ба таърихи қадим ва асрҳои миёнаи шаҳр мансубанд. Дар ин ҷо димнаи шаҳри асримиёнагӣ ҷой дорад. Якчанд гӯша ба таърихи давраи Сомониён мутааллиқанд. Дар қисмати дигари осорхона осори зиёди мардумшиносӣ, аз қабили пероҳанҳои гулдӯзии занона, сӯзанӣ, ашёи ороиш, зарфҳои сафолӣ, афзори оҳангарӣ (асрҳои 19-20) маҳфузанд. Дар гӯшаи дигар аксу ҳуҷҷатҳои таърихи шаҳр (охири асри 19 – ибтидои асри 20), намунаи маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, аксу осори адибони маҳаллӣ қасрҳои варзишӣ ва ғайра гузошта шудаанд.

Бинандагони асосии музей хонандагон ва меҳмононанд. Дар осорхона ба таври мураттаб намоиш–фурӯши маснуоти дасти устоҳои маҳаллӣ-ҳунармандони маҳаллӣ, маъракаҳои оммавии шаҳрӣ, аз қабили ҷашнҳои миллӣ ва ғайра доир мешавад.

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Ховалинг бо қарори раиси ноҳия аз 16-майи соли 2002 дар заминаи осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии назди мактаби деҳаи Дօробӣ ташкил ва соли 2005 ба бинои нав интиқол дода шуд. Дар панҷ толори осорхона тақрибан 3000 нигораи гирдовардаи Амир Сайиди Мункӣ нигаҳдорӣ мешавад. Дар бахши таърихи осорхона ёдгориҳои асри санг, ғаллакӯбак, осори ҳунармандии шаҳри таърихии Мунк, аз қабили санги дастгоҳҳои бофандагӣ, зарфҳои гуногун, хишт, сафолпораҳои сирдору гулдор, чароғҳои гилӣ, сирдор ва оҳанӣ, ашёи қадими ин диёр маҳфузанд. Дар шуъбаву толорҳои дигар намунаи маснуоти ҳунармандон (мисгарон, оҳангарон, наҷҷорон,

[1] Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаи давлатии «Осорхона-мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара» дар ёздаҳ моҳи соли 2015 [Матн] // Бойгонии ҷории муассисаи давлатии «Осорхона мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара».

ҷармгарон) ва нигораҳои зиёд ба маърази намоиш гузошта шудаанд, ки роҷеъ ба тарзи ҳаёти сокинони ин мавзеъ маълумоти арзишманд доранд[1]

Боғ-осорхонаи шӯриши Восеъ бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон дар арафаи 100-солагии шӯриши Восеъ (сентябри соли 1988) бунёд гардид. Осорхона (масоҳат $240^2$) аз 5 шуъба (дорои 1754 экспонант) ва саҳн (3,7 га) иборат аст. Шуъбаи таърихи диёр ҳовии ёдгориҳои асри санг, маъбади буддоии Чепивол, шаҳри қадими Мунк ва дигар гӯшаҳои қадимаи ноҳияи Ховалинг ва бозёфти нодир мебошад. Бахши дигари осорхона доир ба корномаи Восеъ, нақшаи амалиёти шӯриши мардумӣ, асбобу анҷоми кору зиндагӣ ва ҷангафзори Восеъ ихтисос дорад. Дар шуъбаи дигар маҳсули эҷоди олимону адибони тоҷик ва нигораҳои нодир гирдоварӣ шудааст. Шӯъбаи дигар дар бораи ҳаёту фаъоляти имрӯзаи ҳамдиёрони Восеъ ҳикоят мекунанд. Боғ-осорхонаи мазкур ҳамчунин ҳовии ду чинор, сада ва дигар дарахтони ҳамзамони шӯриши Восеъ, чашмаи Ҷуррак (дар пушти хонаи Восеъ), замини ҳазорманаҳ, боғи себ, гелос ва ғайра мебошад[2].

Осорхонаи таъриху кишваршиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соли 2006 бахшида ба «Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ» ва «2700-солагии шаҳри Кӯлоб» таъсис гардид. Ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 9 феврали соли 2016, №553) дар бораи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» Озмуни вилоятии осорхонаҳо таҳти унвони «Осорхона-оинаи таърих» баҳри баланд бардоштани нақши осорхонаҳо дар густариши маънавиёти ҷомеа ва ба макони ҳақиқии истироҳати шаҳрвандон табдил додани онҳо баргузор гардид.

Соли 2016 дар осорхонаҳои вилояти Хатлон 37383 экспонат маҳфуз буд. Дар вилоят 20 осорхона (теъдоди нигора 13946 адад) фаъолият доштанд, ки нисбат ба соли 2018 2611 нигора ва як осорхона зиёд мебошад.

Соли 2016 корҳои тармиму бозсозии ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии вилояти Хатлон тибқи нақша-чорабиниҳои «Барномаи давлатии ҳифз ва истифодаи мероси

---

[1] Мункӣ, А.С. Осорхонаи Ховалинг [Матн] / А.С. Мункӣ // Кӯлоб: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.371.
[2] Кӯлоб [Матн]: энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.123-124.

таърихию фарҳангӣ барои солҳои 1012-2020» сурат гирифт. Дар марҳалаи дуввум (солҳои 2016-2020) тармим ва бозсозии ёдгориҳои меъмории Қалъаи Мӯъминобод, ифтитоҳи ҳуҷраҳои мадрасаи Хоҷа Машҳад (дар ноҳияи Шаҳритус), ҳифзи Қалъаи Данғар пешбинӣ гардид. Соли 2016 ҷиҳати иҷрои корҳои тармиму бозсозии ёдгории мазкур бо фармоишгар – Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоӣ дар шаҳри Кӯлоб ба маблағи 1185 миллион сомонӣ шартнома баста шуд. Ҳамчунин, аз ҷониби муассиса лоиҳаи барқарорнамоии манораҳои дидбонгоҳ, ободонии  ҳудуди ёдгорӣ бо чароғон намудани он дар марҳилаи чаҳорум ба маблағи 5583400,0 миллион сомонӣ омода шуда, ба фармоишгар ҷиҳати гузаронидани ташхис пешниҳод шудааст.

Ҷиҳати бозсозии Қалъаи Кӯлоб дар ҳудуди Маҷмааи меъмории 2700-солагии шаҳри Кӯлоб барои корҳои лоиҳакашӣ (муҳандисӣ-геологӣ; муҳандисии топографӣ-геодезӣ; корҳои илмию бостоншиносӣ; равшаннамоии беруна) 27 марти соли 2016 бо Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоӣ ба арзиши 378299 сомонӣ шартнома баста шуд ва корҳои муҳандисӣ-геологӣ ва муҳандисӣ-топографӣ ба анҷом расиданд[1].

Дар ин сол бо анҷоми корҳои бозсозии Қалъаи Мӯъминобод, тармими масҷиди таърихӣ ва осорхонаи Шоҳи Хомӯш, қалъаи Бешкент, ибодатгоҳи насронии Айвоҷ, қалъаи Золи Зар тарҳрезӣ шуданд.

Корҳои тармиму бозсозӣ дар ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Мӯъминобод, мақбараи Хоҷа Ҳусайни Хатлонӣ ва қалъаи Балҷувон идома дошт[2].

Бояд таъкид намуд, ки бозсозии ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва меъморӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳию хештаншиносии сокинони кишвар, бахсус ҷавонону наврасон нақши муҳим доранд.

Соли 2016 дар осорхонаҳои вилояти Хатлон 83 чорабинӣ бо иштироки 15480 нафар гузаронда шуд.

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.
[2] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 [Матн].

Бояд гуфт, ки дар вилояти Хатлон ёдгориҳои зиёди таърихию фарҳангӣ мавҷуданд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

Ноҳияи Ховалинг: Мақбараи Ҳазрати Султон (Асри 16); Маъбади буддоии Чепивол (асри 7); истгоҳи Кӯлдара (850 ҳазор сол пеш).

Ноҳияи Балҷувон: Мақбараи Мавлоно Қутбиддин (асрҳои 14-15); Мақбараи Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробӣ (асрҳои 14-15).

Ноҳияи Шамсидин Шоҳин: Мақбараи Шайх Ёрмуҳаммади Валӣ (асрҳои 15-16).

Ноҳияи Шаҳритус: Мадрасаи Хоҷа Машҳад (асрҳои 11-12); мақбараи Хоҷа Дурбод (асрҳои 11-12); ёдгории таърихӣ-табии Чилучорчашма.

Ноҳияи Носири Хусрав: Қабристонҳои Тӯлхор ва Аруктов (асрҳои 1то4); Қалъи Бишкент (асри 19).

Ноҳияи Дӯстӣ: мақбараи имом Зайнулобиддин (асри 17).

Ноҳияи Қубодиён: Қалъаи Мир (асрҳои 6 то мелод- 6 мелоди): Тахти Сангин (асри 4 то м.–3 м.); Шаҳраки Теппаи Шоҳ (асрҳои 2-3).

Ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ: Кофирқалъа (асрҳои 7-8).

Ноҳияи Ёвон: Шаҳраки Гаравқалъа (асрҳои 4-5)

Ноҳияи Вахш: Аҷинатеппа (асрҳои 7-8).

Ноҳияи Данғара: Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин (асри 14); Мақбараи Мавлоно Обиддин (асри 14); Мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ (асри 15); Мақбараи Шаҳид (асрҳои 12-16); қабристони Ксиров (асрҳои 1 то м.–2 м.); Маскани Туғузак (ҳазорсолаи 2 то мелод); Қалъаи Сангтӯда (асри 12).

Ноҳияи Кулоб: Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (асри 15); Мақбараи Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ (асри 16).

Ноҳияи Фархор: Шаҳраки Саксонохӯр (асри 2 то м.–2 м.); Қабристони «Итифоқ» (асри 1–3); Қабристони Макони Мор (асри 7 то м.); Шаҳртеппа (асри 8); Шаҳри Золи Зард (асри 12).

Ноҳияи Мир Сайи Алии Ҳамадонӣ: Шаҳраки Сайёд (асри 11); Қабристони Обкӯҳ (ҳазосолаи 2 то мелод).

Ноҳияи Темурмалик: Маскани Канғуртут (ҳазосолаи 2 то мелод).

Ноҳияи Восеъ: Шаҳри Ҳулбук (асрҳои 9-10); қабристони Ғелот (ҳазорсолаи 2 то мелод); Қалъаи Қайнар (асри 8); Манзартеппа (асри 7).

Ноҳияи Мӯъминобод: Маҷмааи мақбараи Шоҳи Хомӯш (асри 11–18).

Бояд тазаккур дод, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» анҷом додани ҳамагуна корҳои сохтмонӣ ва хоҷагӣ дар ҳудуди мавзеъҳои таърихӣ қатъиян манъ аст. Ҷиҳати ҳифзу нигаҳдории ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии вилоят бояд қайд намуд, ки амалҳои тахрибкорӣ дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Фархор ҷой доранд. Ногуфта намонад, ки дар ноҳияи Шаҳритус 36 ёдгории таърихӣ-сабт шудааст. Аз вазъи ин ёдгориҳои таърихӣ маълум гардид, ки дар атрофи «Қалъаи Мир» (дар ҷамоати шаҳраки ноҳияи Шаҳритус) хонаҳои истиқоматӣ бунёд шуда, аз хоки он барои хиштрезӣ истифода мешавад. Мувофиқи маълумоти бахши фарҳанги ноҳияи Шаҳритус дар давоми соли 2016 ду маротиба дар ин маврид ба унвони раиси ноҳия (аз 14.12.2016, №178) мактуб ирсол гардид. Ин қалъа дар ҳолати харобшавӣ қарор дорад. Ин ҳолат дар Масҷиди ҷомеъ (ҷамоъати деҳоти «Сайёд», собиқ деҳаи Трактор) ва «Бозортеппа» низ мушоҳида мешавад.

Тибқи санҷиши бахши фарҳанги ноҳияи Фархор моҳи ноябри соли 2016 маълум гардид, ки дар мавзеи ёдгориҳои бостонии «Ҳотамтеппа» аз ҷониби ҷамоати деҳоти Ғайрат ба шахси номаълум барои бунёди ҳавлӣ қитъаи замин ҷудо шудааст[1], ки ин амал хилофи меъёрҳои ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ташкил ва низоми нигоҳдории ҳудудҳои таърихию фарҳангии махсус ҳифзшаванда» мебошад.

Гуфтан ба маврид аст, ки новобаста аз пешрафту дастовардҳои кормандони осорхонаҳои вилояти Хатлон дар тӯли солҳои истиқлоли кишвар ҳанӯз ҳам дар фаъолияти онҳо камбудию норасоиҳо ба чашм мерасад. Чунончи, то соли 2005 барои таҳияи шиносномаҳои ёдгориҳои нави сабтшуда маблағгузорӣ нашудааст, ки доир ба ҳифзу тармими ёдгориҳои таърихӣ сари вақт чораи зарурӣ андешида

[1] Ҳисоботи солонаи ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии вилояти Хатлон дар соли 2016 [Матн].

шавад. То ибтидои соли 2020 Осорхонаи мардумии ноҳияи Балҷувон ва Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Ёвон дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд. Ҳамчунин, ноҳияҳои Дӯстӣ, Ҷайҳун, Вахш, Кушониён, Панҷ, Восеъ, Мӯъмиобод, Шамсиддини Шоҳин, Данғара осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ надоштанд.

Ба фикри мо, барои беҳтарсозии фаъолияти осорхонаҳои вилояти Хатлон метавон чандин икдом намуд:

1. Барои беҳбудии ҳифз ва истифодаи мероси таърихӣ-фарҳангӣ таъсиси корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии суннатӣ, таҳкими пойгоҳи илмӣ-техникии муассисаи «Тоҷик МДМЁ» хеле муҳим аст.

2. Бояд сатҳи хидматрасонӣ дар мамнуъгоҳҳои ҷумҳуриявии вилояти Хатлон, аз ҷумла баргузории чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ ва истифодаи мақсадноки маблағгузорӣ, ҳифзи осори таърихӣ-фарҳангӣ беҳтар карда шаванд.

3. Дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ барои таъсиси воҳидҳои кории нозирони ҳифзи ёдгориҳо, сабти ёдгориҳои дараҷаи ҷумҳуриявӣ, бо сертификати замин таъмин намудан ва ба мувозинати шуъбаи фарҳанг гузаронидани онҳо чораҳои мушаххас андешанд.

4. Барои нигаҳдорӣ, тармиму таъмир ва барқарорсозии ёдгориҳои меъморӣ ва бостонӣ диққати ҷиддӣ дода шавд.

5. Барои муаррифии мероси таърихию фарҳангӣ тадбирандешӣ (чопи роҳнамо, албому хатсайр) намоянд.

### 3. Муассисаҳои клубӣ

Аз ошноӣ бо маводди бойгоӣ, ҳисоботи солонаву панҷсолаи роҳбарони масъули соҳаи фарҳанги вилояти Хатлон, навиштаҳо ва гуфтаҳои расонаҳои хабарӣ бармеояд, ки сол то сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бархе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят барои рушди соҳаи фарҳанг ба қадри ҳол маблағ ҷудо карда. диққати сармоядорони маҳаллиро низ барои пешбурди ин соҳа ҷалб менамоянд. Чунончи, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 барои сохтмони қасри фарҳанг (барои 150 ҷой) дар ноҳияи Ховалинг 150 ҳазор сомонӣ,

барои сохтмони қасри фарҳанг дар ноҳияи Темурмалик 190 ҳазор сомонӣ, барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони қасри фарҳанг дар ноҳияи Балҷувон 60 ҳазор сомонӣ ҷудо намуд.[1] Дар ибтидои соли 2005 дар маркази ноҳияи Фархор бо маблағгузории фонди эҳтиётии Президенти кишвар таъмири асосии хонаи фарҳанг (маблағ 100 ҳазор сомонӣ) ҷараён дошт[2].

Соли 2009 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди қасри фарҳанг дар ноҳияи Темурмалик 150 ҳазор сомонӣ ҷудо кард. Дар соли 2015 аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи сохтмони қасри фарҳанги ноҳияи Темурмалик 1340 ҳазор сомонӣ, қасри фарҳанги ноҳияи Шӯрообод (Шамсиддин Шоҳин) 300 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо шуд[3].

Августи соли 2016 дар ноҳияи Темурмалик қасри фарҳанг ифтитоҳ гардид. Бинои он аз ду ошёна ва толор (барои 400 ҷои нишаст) иборат буд. Ҳамзамон, ба аҳли ҳунари ноҳия асбобҳои мусиқӣ тақдим шуд. Соли 2016 сохтмони қасри фарҳанги ноҳияи Мӯъминобод ва Балҷувон анҷом ёфт, вале бунёди қасри фарҳанги ноҳияи Шамсиддин Шоҳин идома дошт[4].

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ барои бозсозии Омӯзишгоҳи мусиқии ба номи К. Қурбонови шаҳри Кӯлоб 31 ҳазор сомонӣ, барои таъмири Хона-музейи С. Ализода дар шаҳри Кӯлоб 41 ҳазор сомони ҷудо намуд. Ҳамчунин, барои таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара, шуъбаи фарҳанги шаҳри Кӯлоб 1 ададӣ автомашинаи тамғаи «Газел» тақдим намуда, ба шуъбаи фарҳанги ноҳияи Мӯъминобод 5875 сомонӣ ёрии молиявӣ расонид.[5]

Соли 2007 ба шуъбаи фарҳанги ноҳияҳои Темурмалик 9 асбоби мусиқӣ, як дастгоҳи тақвияти овоз, ба шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ховалинг мошинаи хидматӣ ҷудо кард. Аз ҷониби Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба шуъбаи фарҳанги ноҳияи Мӯъминобод як ҷузва асбобҳои мусиқии миллӣ, мизу курсӣ, ба шуъбаи фарҳанги ноҳияи Балҷувон автомашинаи ГАЗ – 31 «Волга» тақдим гардид. Театри мусиқӣ-

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 [Матн].
[2] Баҳори Аҷам. – 2005. – №4-5 (62). – май.
[3] Баҳори Аҷам. – 2015. – 13 июл.
[4] Баҳори Аҷам. – 2018. – 8 январ.
[5] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 [Матн].

мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бо 300 курсии нави мулоими театрӣ таъмин шуд[1].

Соли 2009 аз ҷониби Вазорати фарҳанги ҶумҳурииТоҷикистон барои бунёди клуб (дорои 150 ҷои нишаст) дар ноҳияи Ховалиг 150 ҳазор сомонӣ, барои шуъбаи фарҳанги ноҳияҳои Абдураҳмонӣ Ҷомӣ ва Хуросон як ҷузвагӣ созҳои мусиқии миллӣ ҷудо намуд. Соли 2010 ба шуъбаи фарҳанги ноҳияҳои Носири Хусрав ва Шаҳритус барои таъмини дастаҳои ҳунарӣ ҷузваҳои асбоби мусиқии миллӣ, сару либоси саҳнавӣ, ба шуъбаи фарҳанги ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ ва Балҷувон мизу курсӣ, рафҳои китоб, пардаҳо, роҳравҳои қолинӣ тақдим шуд[2].

Соли 2011 ба шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ компютерҳо, ба Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ- драмавии ноҳияи Данғара прожектори саҳнавӣ, ба шуъбаи фарҳанги ноҳияҳои Ҷиликӯл, Мӯъминобод, Ховалинг як ҷузва асбоби мусиқии миллӣ ҷудо гардид[3].

Соли 2016 бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Кушониён, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Мӯъминобод, Вахш, Хуросон, Носири Хусрав дастгоҳи тақвияти овоз, созҳои мусиқии маҳаллӣ, либосҳои саҳнавӣ, мебелу курсиҳои театрӣ, ҷевону рафҳои китобмонӣ, мизу курсӣ, таҷҳизоти муосири равшанидиҳанда қисман харидорӣ шуд.

Соли 2016 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон доир ба харидории таҷҳизот барои шуъбаҳои фарҳанги шаҳри Бохтар 153 ҳазор сомонӣ, шаҳри Норак 30797 сомонӣ, ноҳияи Қубодиён 104 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Темурмалик 22 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ёвон 35820 сомонӣ, ноҳияи Ҳамадонӣ, 56230 сомонӣ, ноҳияи Ховалинг 53 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Хуросон 13 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Данғара 6500 сомонӣ, ноҳияи Восеъ 10 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Мӯъминобод 14 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Балҷувон 11 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Панҷ 5 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Дӯстӣ 45200 сомонӣ, ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ 159300 сомонӣ, ноҳияи А. Ҷомӣ 2 ҳазор сомонӣ, дар

[1] Баҳори Аҷам. – 2008. – 13 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.
[3] Баҳори Аҷам. – 2012. – 5 январ.

маҷмӯъ 700347 сомонӣ маблағ ҷудо шуд, ки ин нисбат ба соли 2018 415092 сомонӣ зиёд буд[1].

Фаъолияти муассисаҳои клубии вилояти Хатлон мутобиқи қонунҳои ҷорӣ, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон, қарору фармоишу дастурҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳои марбута, нақшаҳои корӣ роҳандозӣ шуда, дар ин самт тадбирҳои фарҳангӣ андешиданд.

Дар вилояти Хатлон 285 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 98 қаср ва хонаи фарҳангӣ, 165 муассисаи клубӣ, 22 клуби сайёр фаъолият доранд. Аз 285 муассисаи клубӣ дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Ёвон, Мӯъминобод, Қубодиён ва Кӯшониён 1 ададӣ, Балҷувон, Дӯстӣ ва Восеъ 2 ададӣ, Данғара, Ҳамадонӣ, Ш. Шоҳин ва Фархор 3 ададӣ, Ҷ. Балхӣ ва Панҷ 4 ададӣ ва шаҳри Кӯлоб 11 адад муассиси клубӣ таъмирталаб, дар ноҳияҳои Шаҳритус, Ш. Шоҳин, А. Ҷомӣ, Панҷ ва Кӯшониён 1 ададӣ, Темурмалик 2 муассисаи клубӣ дар ҳолати садамавианд. Ҳоло дар вилояти Хатлон 42 муассисаи клубӣ таъмирталаб ва 7 адади он дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Кормандони муассисаҳои клубии вилоят дар давоми соли 2016 ҷашну идҳои «Сада», «Рӯзҳои башардӯстон», «Артиши миллӣ», «Модар», «Наврӯзи байналмилалӣ», « Ғалаба», «Шашмақом»,» Оила»,» Ҷавонон», «Сарҳадчиён», «Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон», «Рӯзи Ваҳдати миллӣ», «25-солагии Рӯзи Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда», «Рӯзи кормандони тиб«, идҳои «Харбуза» ва «Асал», «Рӯзи Истиқлолият, «Рӯзи Рӯдакӣ», «Рӯзи Ҷалолиддини Балхӣ», «Рӯзи даъватшаванда», «Рӯзи омӯзгор», «Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи фалак», «Рӯзи Конститутсия», «Рӯзи театр», «Рӯзи Президент», «Рӯзи парчами давлатӣ» ва дигар чорабиниҳоро бо шукӯҳу шаҳомат баргузор намуданд[2].

---

1 Баҳори Аҷам. – 2020. – 10 январ.
2 Ҳисоботи муассисаҳои кулубии вилояти Хатлон дар соли 2016 [Матн].

Ҳамзамон, аъзои маҳфили назди муассисаҳои клубии вилоят дар ҳамкорӣ бо шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оила, дин ва танзими анъанаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷамъбасти фестивалу озмунҳои «Дастархонороӣ»,»Чакомаи гесӯ» , «Сайри гули лола», «Даргоҳи ҳунар ва маърифат», «Ҷилваи рангҳо», «Фарҳанги деҳадорӣ», «Ободгари Ватан», «Оинаи таърих», «Зебосанам-2016», «Тоҷикистон – кишвари зебоманзар», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ...» дар маркази шаҳру ноҳияҳо, вилоят ва шаҳри Душанбе ширкати фаъолона доштанд.

Тибқи нақша-чорабиниҳо дар муассисаҳои клубии шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ширкати падару модарон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чандин ҷамъомад доир ба риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар мавзуъҳои «Танзим баракати зиндагӣ», «Фарзанди  хуб боғи падар» ва «Эҳтироми калонсолон ва ҳамсолон» баргузор гардид. Ҳамчунин, ҳунармандони ин муассисаҳо дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва марказҳои маъмурии шаҳру деҳот барномаҳои консертиро бо номи «Шоми Ваҳдат» ва «Шоми истиқлол» доир намуданд.

Дар Кохи синамо ва Хонаи фарҳанги ҷамоати деҳоти Маданияти ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ вохӯрӣ бо намояндагони раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон, Агентии маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, маркази касалиҳои сироятии ВНМО (ВИЧ СПИД) дар ноҳия бо иштироки зиёда аз 300 нафар фаъолон чорабинӣ таҳти унвони «Солимии ҷомеа боигарии давлат» доир гардид. Дар толори клуби ҷамоати деҳоти Зафар, деҳаи Навободи Поёни ноҳияи Фархор, Қасри фарҳанги ноҳияи Муъминобод чорабинӣ доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», хусусан пешгирӣ аз ҷудошавии оилаҳои ҷавон бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон баргузор шуд.

Дар Қасри фарҳанги ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар ҳамкорӣ бо маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими ноҳия вохӯрӣ таҳти унвони «Саломатӣ ганҷи бебаҳо», дар муассисаи клубии ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Мӯъминобод, Темурмалик, Ҷайҳун ва Шаҳритус дар байни наврасон ва ҷавонон озмунҳои «Рақси беҳтарин», «Овозхони беҳтарин», «Ровии беҳтарин», «Маҳфили зарифон», даври аввали фестивали «Чакомаи гесӯ» гузаронида шуд.

Кормандони муассисаҳои клубӣ, филармония ва ансамблҳои халқии тарона ва рақси шаҳру ноҳияҳои вилоят бахшида ба ҷашни Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва марказҳои маъмурии шаҳраку деҳот барномаҳои консертие таҳти унвони «Шоми Истиқлол» бо иштироки гурӯҳи васеи одамон баргузор намуданд.

Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб бо маблағи 76 000 сомонӣ аз ҳисоби буҷаи маҳал таъмир гардид. Дар ноҳияи Балҷувон бо дастгирии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 265706 сомонӣ дастгоҳи тақвияти овоз ва бо арзиши 80 000 сомонӣ 111 ҷуфт либоси саҳнавӣ харидорӣ шуд.

Бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ ҷиҳати харидории сару либоси саҳнавӣ, воситаҳои тақвияти овоз, асбобҳои мусиқӣ, таъмиру таҷҳизот ва баргузории чорабиниҳо дар арафаи ҷашнҳои Наврӯз, Истиқлолият ва дигар ҷашну озмунҳо ба муассисаҳои клубии шаҳру ноҳияҳои Бохтар 301 200 сомонӣ, Кӯлоб 437300, Норак 38314 сомонӣ, Кӯшониён 51591, Вахш 135100, Қубодиён 104 000 сомонӣ, Темурмалик 2 млн. 239 583 сомонӣ, Ёвон 35820 сомонӣ, Ҳамадонӣ 56230 сомонӣ, Ховалинг 81597 сомонӣ, Хуросон 50500 сомонӣ, Данғара 2 млн. 132 000 сомонӣ, Восеъ 10 000 сомонӣ, Фархор 22537, Муъминобод 149 500 сомонӣ, Ш. Шоҳин 118150, Балҷувон 1 млн.187 715 сомонӣ, Панҷ 25 000 сомонӣ, Дӯстӣ 275034 сомонӣ, Ҷайҳун 12000, Ҷ. Балхӣ 162436 сомонӣ, Шаҳритус 21093, Носири Хусрав 455665 ва Абдураҳмони Ҷомӣ 213311 сомонӣ дар маҷмӯъ 8 млн. 315 676 сомонӣ маблағгузорӣ гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018 8 млн. 029 821 сомонӣ

зиёд аст[1]. Мутаассифона ин маблағгузорӣ дар ҳисоботи шаҳри Левакант дарҷ нашудааст.

Қасри фарҳанги ноҳияи Мӯъминобод ҷиҳати омодагӣ ба озмуни ҷумҳуриявии муассисаҳои клубӣ таҳти унвони «Даргоҳи ҳунар ва маърифат» аз ҷониби кормандон бо арзиши 3000 сомонӣ таъмир гардид.

Қасри фарҳанги тобистонаи ҷамоати шаҳраки Исмоили Сомонии ноҳияи Кӯшониён аз тарафи кормандон бо маблағи 5700 сомонӣ, Қасри фарҳанги ҷамоати деҳоти ба номи Т. Садриддинови ноҳияи Шаҳритус аз сӯи кормандони бахш бо маблағи 2649 сомонӣ ва клуби тобистонаи шаҳрак ба маблағи 170 000 сомонӣ тавассути раиси ноҳия аз таъмир бароварда шуд.

Мушкилоти асосии муассисаҳои клубии вилояти Хатлон норасоии бинои алоҳида, маблағи таъмир, асбобҳои мусиқӣ ва тақвияти овоз, сару либос, нақлиёти сафарӣ, мутахассисони соҳавӣ, таҷҳизоти корӣ (компютеру принтер), мизу курсӣ, ҷои нишаст ва ғайра аст.

### 4. **Боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ**

Фаъолияти пурсамари боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар радифи осоиши рӯҳӣ, дар тарбияи эстетикию зебопарастӣ ва унс гирифтани инсонҳо, бахсус насли ҷавону кӯдак аз зебогиҳои табиат нақши бузург мебозад. Ҳамзамон, чунин боғҳо маркази асосии баргузории чорабиниҳои гуногун фарҳангӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба таъмиру тармим, бозсозӣ ва таъсиси боғҳои нави фарҳангӣ-фароғатӣ диққати ҷидди медиҳанд. Бояд гуфт, ки аз оғози фаъолияти боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар аксар ноҳияҳои вилоят ба солҳои мавриди назари мо, яъне ба солҳои истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Ин раванд аз ибтидои асри XXI авҷ гирифт Чунончи, соли 2005 барои бозсозии боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Кӯлоб ҳамагӣ 150 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ шуд, ки ин барои васли қисмҳои эҳтиётии аттраксион нокифоя буд. Аз ин сабаб омода намудани боғ то таҷлили ҷашни 2700-солагии Кӯлоб зери суол қарор дошт[2].

---

[1] Ҳисоботи муассисаҳои клубии вилояти Хатлон дао соли 2016 [Матн].
[2] Баҳори Аҷам. – 2006. – №1 (70). – январ.

Соли 2007 боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои Вахш, Фархор, Восеъ, Қумсангир, Абдураҳмони Ҷомӣ, Панҷ, Сарбанд арғунчаку чархофалак надоштанд. Бунёди боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ноҳияҳои Ёвон, Ҷиликӯл солҳо тӯл мекашид. Дар ноҳияи Мӯъминободу Хуросон ҳанӯз боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ вуҷуд надошт[1].

То соли 2013 дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияи Сарбанд, Панҷ, Восеъ, Фархор, Абдураҳмони Ҷомӣ, Вахш, Қумсангир, Ҳамадонӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, боғи бачагонаи «Фирдавс»-и шаҳри Қӯрғонтеппа барои истироҳати шаҳрвандон шароити зарурӣ фароҳам набуд. Мушкилоти асосии боғҳо корношоямии аттраксионҳо, чархофалаку арғунчакҳо, мавҷуд набудани биноҳои маъмурӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ буд. Барои бунёди боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ноҳияҳои Шӯрообод, Балҷувон, Ҷиликӯл, Носири Хусрав, Муъминобод, Хуросон, Қубодиён минтақаҳои муайян ҷудо шуд, валебо сабаб камбуди маблағ, воҳидҳои корӣ, корҳои ободонӣ дар ин самт оғоз наёфтанд[2].

Соли 2016 дар боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Сарбанд ба тариқи шартнома соҳибкор З. Ҳусейнов ба маблағи 6 ҳазор сомонӣ 8 мизи «саққобозӣ» насб кард. Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин майдони баргузории чорабиниҳои сиёсӣ-фарҳангӣ омода шуд, ки атрофаш панҷараи оҳанин дошт. Дар майдон рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва аксҳои Қаҳрамонони Тоҷикистон насбу овезон шуданд. Маҷмӯан, дар боғ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 150 ҳазор сомонӣ харҷ гардид. Дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ободонии ин боғ 41 сотиқ замин ба 2 соҳибкор тақсим шуд, ки тибқи нақша дар он иншооти маишӣ сохта мешавад. Ҳамчунин, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ 1 суҳбаторо бунёд шуд.

Дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Ҷайҳун дӯкони китобфурӯшӣ, дар шаҳри Кӯлоб 4 аттраксион ба маблағи 360 ҳазор сомонӣ дар ноҳияи Фархор аз ҷониби соҳибкор Ё. Ҳакимов 4 аттраксион, 5 мизи саққобозӣ ба маблағи 30 ҳазор

---

[1] Баҳори Аҷам. – 2008. – 13 январ.
[2] Баҳори Аҷам. – 2014. – 7 январ.

сомонӣ аз ҷониби Г. Шарипова 2 аттраксион ва 1 арғунчак ба маблағи 18 ҳазор сомонӣ насб шуд. Боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои Темурмалик ва Вахш бо ташаббуси мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ таъмиру тармим гардид. Ҷиҳати фароҳам овардани шароити истироҳат дар боғҳои фарҳагии ноҳияҳои Шаҳритус, Данғара, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав соҳибкорони маҳаллӣ саҳми муносиб гузоштанд[1].

Бояд гуфт, ки дар ноҳияҳои Балҷувон, Дӯстӣ, Хуросон, Ховалинг, Ёвон, Мӯъминобод барои бунёди боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ қитъаи замин ҷудо гардид, вале корҳои ободонӣ ҳанӯз оғоз нашуда буданд.

Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Р. Мурчаеваи шаҳри Бохтар оид ба таъмири роҳравҳо 5500 сомонӣ, харидории арғунчак 529200 сомонӣ, дар боғи кӯдаконаи ба номи Фирдавсии шаҳри Бохтар 2000 сомонӣ, дар боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Кӯлоб 122350 сомонӣ аз ҳисоби буҷаи маҳал, 557000 сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорон, дар боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Леваканд маблағи 20 ҳазор сомонӣ аз ҷониби соҳибкорон, дар боғи фарҳагӣ-фароғатии шаҳри Норак 735 ҳазор сомонӣ, дар ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди боғи марказии фароғатии ноҳияи Данғара 31 ҳазор сомонӣ, дар боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Шаҳритус 86 ҳазор сомонӣ аз ҳисоб соҳибкорон ва 5 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бахши фарҳанг, Ҷалолуддини Балхӣ 50 ҳазор сомонӣ, Шамсиддини Шоҳин 40 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои Фархор ва Абдураҳмони Ҷомӣ соҳибкор Қ. Боев дар майдони 12х12 метр арғунчаки «занҷирак» ва майдончаи мошинронӣ ба маблағи 360 ҳазор сомонӣ сохт.

Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Норак барои истироҳату фароғати меҳмонону сайёҳон, сокинони шаҳр ва кӯдакону наврасон чархофалакҳои «Офтобак», «Сюрприз», лимпопо, майдончаи қаторасаворӣ сохта шуд. Боғ аз тарафи соҳибкорон ба маблағи 739700 сомонӣ таҷдиду азнавсозӣ ва ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ 1 адад арғунчак харидорӣ шуд. Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 [Матн].

ноҳияи Хуросон аз ҷониби соҳибкор У. Раҷабов бо маблағи 43342 сомонӣ 2 арғунчак ва 1 лимпопо харидорӣ гардид[1].

То 1 декабри 2016 дар вилояти Хатлон 21 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ амал мекард. Аз ин 6 адад таъмирталаб буданд. Моҳҳои апрел-ноябри соли 2016 дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии вилоят 260 барномаи фарҳангиву фароғат ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ доир гардид.

Бояд гуфт, ки дар ноҳияҳои Балҷувон, Дӯстӣ, Хуросон, Ховалинг, Ёвон ва Мӯъминобод барои бунёди боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ қитъаи замин ҷудо шуд, вале корҳои ободонӣ пурра анҷом наёфтанд ва бинобар ин танҳо дар рӯзҳои ҷашнӣ чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мешаванд. Дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои мазкур ба ғайр аз дарахтони сояафкану мевадиҳанда дигар арғунчаку чархофалак ва аттраксионҳои замонавӣ вуҷуд надоштанд.

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 22 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ва 1 майдони фароғатии Парчами давлатӣ дар шаҳри Бохтар амал мекард. Онҳо дар тавозуни бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоят қарор доштанд ва танҳо ба ин ниҳодҳо ва Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ҳисобот медоданд.

Соли 2016 лоиҳаи азнавсозии боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Кӯшониён, Шаҳритус, Панҷ, Вахш, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восеъ, Қубодиён, Ҷайҳун, Носири Хусрав таҳия гардиданд.

Ҳисоботи омории корҳои ободонӣ дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки соли 2016 аз тарафи соҳибкорон ва буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ гардид.

**Ҷадвали №6**

| № | | Маблағгузории соҳибкорон дар самти корҳои ободонӣ | Харидории арғунчаку чархофалак, ташкили майдончаи варзишӣ ва нуқтаҳои дилхӯшии кӯдакона | Маблағгузорӣ аз тарафи буҷети маҳаллӣ дар самти корҳои ободонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ш. Бохтар | 3 млн 50,000 сомонӣ | 9 адад | 1млн. 370000 сомонӣ |

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2017 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2. | Бохтар | - | 6 адад | 700 сомонӣ |
| 3. | ш. Кӯлоб | 28 млн. Сомонӣ | 12 адад | 324161 сомонӣ |
| 4. | ш. Левакант | 515 0000 сомонӣ | 8 адад | 1млн. 232378 сомонӣ |
| 5. | ш. Норак | 40000 сомонӣ | 2 адад | 17360 сомонӣ |
| 6. | н. Фархор | 13000 сомонӣ | 5 адад | - |
| 7. | н. Ш. Шоҳин | - | - | - |
| 8. | н. Восеъ | 400000 сомонӣ | 1 майдончаи варзишӣ | - |
| 9. | н. Данғара | - | - | - |
| 10. ( | н. Темурмалик | - | - | 26000 сомонӣ барои сохтмони майдончаи варзишӣ, ки сохтмонаш идома дорад. |
| 11. | н. Ҳамадонӣ | 30000 сомонӣ | 1 бинои пешсаҳна барои баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ | 2547 сомонӣ барои шиору овезаҳо ва лавҳаҳо |
| 12. | н. Кӯшониён | 500000 сомонӣ | - | 600000 сомонӣ |
| 13. | н. Ҷ. Балхӣ | 427000 | 1 майдончаи варзишӣ ва 1 арғунчак | 4000 сомонӣ |
| 14. | н. Ҷайҳун | 400000 сомонӣ | - | - |
| 15. | н. Панҷ | - | - | 12 000 сомонӣ |
| 16. | н. Қубодиён | - | - | - |
| 17. | н. Вахш | - | - | 154740 сомонӣ |
| 18. | н. Шаҳритус | 1351230 сомонӣ | 20 | 208600 сомонӣ |
| 19. | н. А. Ҷомӣ | 676000 с сомонӣ | 8 атраксион ва сохтмони 1 майдончаи варзишӣ | - |
| 20. | н. Хуросон | - | - | 81000 сомонӣ |
| 21. | н. Н. Хусрав | - | - | - |
| 22. | н. Дӯстӣ | - | - | - |
| 23. | Майдони фароғатии шаҳри Бохтар | - | - | 1200 сомонӣ барои таъмир |
| | **Ҷамъ:** | **40 млн 37230 сомонӣ** | **75-адад** | **4 млн 34686 сомонӣ** |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар тӯли солҳои мавриди назари мо дар вилояти Хатлон доир ба ободонӣ, бахсус ташкили боғҳои фарҳангӣ-фарғатии нав корҳои зиёд анҷом дода шуд. Яъне, дар маркази аксар ноҳияҳои вилоят ташкили боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар солҳои истиқлоли кишварамон хотима ёфтанд, аммо ҳанӯз ҳам бархе аз мушкилот дар ин соҳа ҷой доранд. Чунончи, то соли 2006 дар ноҳияи Мӯъминобод замини боғи фарҳангӣ-фароғатӣ чун қитъаи наздиҳавлигӣ ба ашхоси алоҳида тақсим шуда буд. То соли 2008 боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои Вахш, Фархор, Восеъ, Қумсангир (Дӯстӣ), А. Ҷомӣ, Панҷ, Сарбанд (Леваканд) арғунчаку

чархофалак надоштанд. Таъмиру тармими боғҳои фарҳангию фарғатии ноҳияҳои Ёвон, Ҷиликӯл солҳо тӯл кашид. Ҳамчунин, ноҳияҳои Мӯъминободу Хуросон ҳанӯз чунин боғҳо надоштанд.

Соли 2011 дар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии ноҳияҳои Восеъ, Панҷ, Вахш, А. Ҷомӣ, Дӯстӣ, Бохтар ягон арғунчаку аттраксион мавҷуд набуд. Бунёди боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ноҳияҳои Мӯъминобод, Ш. Шоҳин, Ховалинг, Хуросон, Қубодиён, Носири Хусрав солҳои дароз тӯл мекашанд.

Дар ҷамбасти ин боб метавон ба хулосае омад, ки тӯли солҳои мавриди назари мо дар ҳаёти адабӣ-ҳунарии вилояти Хатлон бо дастгирии роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саъю талоши ҳокимияти иҷроияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад.

Таъкиди он нукта лозим аст, ки тӯли беш аз чаҳоряк асри истиқлолии ҷумҳурӣ дар вилояти Хатлон соҳаи адабиёт, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, аз қабили театр, дастаҳои мусиқӣ, китобхона, осорхона, хонаҳои фарҳанг, клубҳо, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ нисбатан рушд ёфтанд. Чунончи шумораи театрҳо аз 2 адади соли 1992 дар соли 2016 ба 4 адад расид, шумораи тамошобинон мутаносибан аз 20,3 ҳазор нафар то 77,1 ҳазор нафар, теъдоди осорхонаҳо аз 8 адади соли 1992 дар соли 2016 ба 21 адад расид, шумораи тамошобинони онҳо мутаносибан аз 86 ҳазор нафар то 156,2 ҳазор нафар афзуд.

Ҳамзамон теъдоди дигар муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ афзоиш ёфта, соли 2016 дар вилояти Хатлон 29 хонаи фарҳанг дар шаҳрҳо, 23 хонаи фарҳанг дар деҳот, 30 клуб дар шаҳрҳо ва 161 клуб дар деҳот фаъолият доштанд. Бо шарофати истиқлолии кишвар тамоми ноҳияҳои вилоят соҳиби боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ шуданд.

Аммо то ҳол ин дар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ камбуди зиёде ба чашм мерасанд: нашри осори пастсифати адабӣ; кам шудани теъдоди табъу нашри матбуоти даврӣ; норасоии мутахассисони соҳибкасб ва соҳибтаҷриба дар театрҳои вилоят; камбуди асбобу анҷоми ҳунарӣ дар театру дастаҳои ҳунарӣ; таъмирталаб будани бархе биноҳои китобхона ва осорхонаҳо;, сол то сол кам шудани теъдоди китобу маҷаллаҳо дар ганҷинаи китобхонаҳои вилоят, маоши пасти кормандони соҳаи фарҳанг.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Пас аз ошноӣ бо маводди бойгонӣ, маълумоти оморӣ, навишта ва суханрониҳои Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, рисолаҳои татқиқотӣ, китобу мақолаҳои илмӣа доир ба вазъи фарҳанги вилояти Хатлон дар даврони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиш қарор додани он мо ба чунин хулоса омадем:

1. Соҳаи фарҳанг ҳамеша ва пайваста мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва барои пешрафти он қарору қонунҳои зиёде қабул, татбиқ шуда, риштаҳои гуногуни фарҳанги халқи тоҷик ба дастовардҳои назаррас соҳиб гашт.

2. Барои рушди фарҳанги миллӣ, бахсус соҳаи маориф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғамхорӣ ва талошҳои пайгирона намуда, дар ин самт иқдомоти бузурги ӯ, аз қабили таъсиси квоттаи Президентӣ (соли 1997), стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1999), муассисаҳои давлатии мактабҳои Президентӣ, сол то сол афзудани маблағгузорӣ дар соҳаи маориф ва дигар иқдомот муассир мебошанд.

3. Муҳимтарин таҳаввулот дар соҳаи маориф таъсиси муассисаҳои типи нав, аз қабили литсей, гимназия, коллеҷ, макотиби ғайридавлатӣ ва дигар ислоҳот дар низоми маорифанд, ки ҳамаи ин иқдом дар рушди соҳаи маорифи вилояти Хатлон таъсири мусбӣ гузошт. Аммо дар ин самт ҳанӯз каму костиҳо ҷой доранд Чунончи, соли таҳсили 2015–2016 дар вилояти Хатлон 25 гимназия фаъолият менамуд. Соли таҳсили 2016-2017 дар 24 гимназияи вилоят 7555 нафар таҳсил мекарданд. Аз ин омор бармеояд, ки дар як соли таҳсил шумораи умумии гимназияҳо 1 адад ва теъдоди умумии хонандагон 139 нафар коҳиш ёфт.

Теъдоди умумии литсейҳои вилоят дар соли таҳсили 2015–2016 21 адад буд, ки дар онҳо 7904 нафар хонанда таҳсил мекарданд. Дар соли таҳсили 2016–2017 шумораи умумии литсейҳо бетағйир боқӣ монд, аммо теъдоди хонандагони онҳо 185 нафар кам шуд. Ин арқому омор шаҳодати он аст, ки муассисаҳои таҳсилоти типи нав дар пешрафти соҳаи маорифи вилояти Хатлон ҳанӯз ҷойгоҳи муносиб

надоранд. Бояд афзуд, ки то соли таҳсили 2016 – 2017 дар шаҳру ноҳияҳои Сарбанд, Вахш, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шаҳритус, Шамсиддини Шоҳин гимназия, дар ноҳияҳои Бохтар, Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷалолуддини Балхӣ, Носири Хусрав, Мӯъминобод, Восеъ, Темурмалик, Шамсиддини Шоҳин, Балҷувон литсей ташкил нашуда буд.

4.Дар тӯли давраи мавриди назари мо теъдоди умумии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳамасола афзоиш меёфт. Чунончи, соли таҳсили 1991–1992 дар саросари вилоят 962 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамуд, ки шумораи умумии онҳо дар соли таҳсили 2010–2011 ба 1288 адад, 2011–2012 ба 1300 адад, 2013–2014 ба 1307 адад, 2014–2015 ба 1317 адад, 2015–2016 ба 1321 адад ва дар соли 2016–2017 ба 1328 адад расид. Аммо дар бархе аз ноҳияҳои алоҳида коҳиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар мерасад. Чунончи, соли 2011 дар ноҳияи Кушониён 66 адад муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ фаъолит менамуд, ки дар соли 2016 теъдоди умумии онҳо 3 адад кам шуд. Ҳамчунин, нисбат ба соли 2011 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритус дар соли 2016 мутаносибан 1 ва 2 ададӣ кам гардид.

Бояд гуфт, ки дар баробари афзоиши ҳамасолаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва таҳсилоти асосӣ дар ин давра коҳиш ёфтанд. Аз ҷумла, соли 1992 дар вилоят 178 мактаби ибтидоӣ ва 194 мактаби асосӣ фаъолият менамуд, ки соли 2016 теъдоди онҳо мутаносибан 76 ва 168 ададро ташкил медод. Сабаби ин раванд дар он буд, ки мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва таҳсилоти асосӣ ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ табдил меёфтанд, ки ин амр мусбат аст.

Шумораи умумии хонандагони мактабҳои вилоят низ ҳамасола дар ҳоли афзоиш буд. Чунончи, дар мактабҳои вилоят дсоли 1992 394.1 ҳазор нафар, соли 1995 450,7 ҳазор нафар, соли 2000 543,6 ҳазор нафар, соли 2005 617 ҳазор нафар, соли 2010 643,4 ҳазор нафар ва соли 2016 681 ҳазор хонанда таҳсил мекард.

Теъдоди умумии муаллимон низ аз 28,1 ҳазори соли 1991 дар соли 2016 ба 40,9 ҳазор нафар расид. Ҳамзамон, шумораи умумии муаллимони таҳсилоти

олидор низ афзоиш ёфт. Чунончи, дар соли таҳсили 2015-2016 аз теъдоди умумии омӯзгорон 23903 нафар таҳсилоти олӣ, 1982 нафар таҳсилоти олии нопурра, 9488 нафар таҳсилоти миёнаи махсус ва 2676 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ доштанд. Ин шумора дар соли таҳсили 2016–2017 чунин буд: 26300, 2571, 9947 ва 2089. Яъне омӯзгорони дорои таҳсилоти олии пурра 2397 нафар, таҳсилоти олии нопурра 689 нафар, таҳсилоти махсус 459 нафар афзоиш афзуд ва баръакс муаллимони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ 587 нафар кам шуд, ки ин нишондиҳанда мусбат аст.

Аз соли 1997 то соли 2016 6655 нафар ҷавонони вилоят тибқи квотаи Президентӣ ба 15 муассисаи олии касбии ҷумҳурӣ дохил шуданд, аз миёни онҳо м 3041 нафар баъди хатми муассисаҳои олӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи шаҳру ноҳияҳои вилоят ва берун аз он фаъолият менамоянд. Дар соли 2016 2614 нафар ҷавонони болаёқат тибқи квота ба муассисаҳои олӣ дохил шуданд.

Бо мақсади таъмини рушди босуботи соҳаҳои илму маорифи вилоят сол то сол ҳаҷми маблағгузории соҳа меафзуд. Дар соли 2016 беш аз 7621 миллион сомонӣ ҷудо шуд, ки ин ба 60 фоизи маблағҳои буҷети маҳаллӣ баробар буд.

Бо андешидани татбирҳои зарурӣ барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят 107 фоиз таъмин ва ба муассисаҳои таълимӣ беш аз 23325 компютер дастрас гардид. Дар доираи татбиқи барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ (2011–2015) аз соли 2012 то соли 2016 2003 кабинету озмоишгоҳи фаннӣ дар заминаи талаботи замони муосир ташкил, такмил ва таҷҳиз шуданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят баҳри ҳавасмандӣ ва қадрдонии кормандони соҳаи маориф соли 2016 «Ҷоизаи раиси вилояти Хатлон» -ро таъсис ва онро соли рушди неруӣ зеҳнӣ эълон кард. Ба ин муносибат 45 олими эҷодкор ва 35 донишҷӯи аълохони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят ба дарёфти стипендияи раиси вилоят ноил шуданд.

Аммо дар радифи ин дастовардҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон камбуду норасоиҳои зиёде ҷой доранд. Аз ҷумла, тибқи омори расмӣ дар вилоят

соли 2016 аз 466311 кӯдаки аз 1-6 сола 32820 нафар ба таҳсилоти томактабӣ ҷалб шудаанд, ки ҳамагӣ 3,4 фоиз ва бо назардошти марказҳои инкишофи кӯдак 3,6 фоизро ташкил медод. Дар шаҳру навоҳии вилоят ҳамоно марказҳои инкишофи кӯдак аз ҳисоби падару модарон маблағгузорӣ мешаванд. Ҳарчанд, тибқи талаботи Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012–2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили ҳар гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак маблағи муайян пешбинӣ шуда бошад ҳам, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ин маблағ ҷудо намешуд. Ҳамчунин, дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба бораи барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» (аз 4.11.2011, №457) ҷиҳати сохтмон, таъмир, барқарор ва қатъ кардани муассисаҳои томактабии ғайрифаъол ва ташкили марказҳои инкишофи кӯдакон мушкилоти зиёд ҷой дорад.

Ба ҷуз шаҳрҳои Кӯлобу Бохтар дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят то соли 2016 ҷиҳати татбиқи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 ягон муассисаи таълимии хусусӣ таъсис дода нашудт. Бад-ин тариқ, дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи кампютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2015» (аз 02.9.2010, №416) дар соҳаи маорифи вилоят корҳои зиёд ба сомон расид, вале нақшаи мазкур дар навоҳии Панҷ 97%, Дӯстӣ 94%, Шаҳритус 96% иҷро гардид.

Яке аз барномаҳои давлатии соҳавӣ, ки татбиқи он ба мушкилот мувоҷеҳ гардид, «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ» аст. Бояд гуфт кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз бештар ҳамон кабинетҳои замони шӯравианд, ки дар давоми се соли охир аз нав бо асбобу анҷоми аёнӣ таъмин шудаанд. Барномаи мазкур дар ноҳияҳои Қубодиён 43%, Абдураҳмони Ҷомӣ 45%, Ховалинг 46%, Балҷувон, Шаҳритус, Носири Хусрав ва шаҳри Бохтар 42% иҷро гардид.

Дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияҳои Ҷололуддини Балхӣ, Бохтар, Ҷайҳун, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Шамсиддини Шоҳин, Ёвон, Норак, Данғара, Балҷувон, Сарбанд, Восеъ, Темурмалик воҳидҳои корӣ, бино ва хариди таҷҳизоту техника ҳалли худро наёфтанд.

Ҳамчунин, аз сабаби камбуди синфхонаҳои таълимӣ дар 24 муассисаи соҳаи таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят раванди таълиму тарбия дар се баст ба роҳ сурат мегирад.

Дар ноҳияҳои Балҷувон, Мӯъминобод, Ховалинг, Панҷ, Кушониён, муассисаҳои таълимӣ дар хонаҳои шахсӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ ҷойгир буданд. Дар маҷмӯъ, 291 муассисаҳои таълимӣ ба бинои иловагӣ ва таъмири асосӣ ниёз доштанд.

Муассисаҳои таълимии вилоят ба 265 омӯзгори фаннии технологияи инфарматсионӣ, биология, география, математика, химия, физика, таърих, забони англисӣ, забони русӣ, алифбои ниёгон, забон ва адабиёти тоҷик эҳтиёҷ доштанд.

Солҳои ҷанги шаҳрвандии 1992–1997 дар водии Вахши вилояти Хатлон аксар бинои омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, устохона, хобгоҳи донишомӯзон хароб шуданд. Бинои аксар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техник дар марказҳои ноҳияҳо ва деҳот ба бозсозӣ, таъмиру тармим ниёз доштанд. Барои бозсозӣ, таъмиру тармим ва мустаҳакам намудани базаи моддӣ-техникии томӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ маблағҳ нокифоя буд. Созмонҳои кумакрасони байналмилалӣ низ ба ин соҳа аҳамияти зарурӣ намедоданд. Дар маҷмӯъ, соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлол то соли 2000-ум асосан барои нигаҳдории низоми таҳсилот кӯшиш мекарданд. Аммо бо қабули Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 4 ноябри соли 2002, №419), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» ( №21), «Консепсияи давлатии ислоҳоти омӯзиши ибтидоии касбӣ» (аз 1 октябри соли 2004, №387) амалан давраи эҳёи ин соҳа ва эътирофи аҳмияти иҷтимоӣ-иқтисодии он оғоз ёфт.

Соли 2016 дар вилояти Хатлон 17 литсейи касбӣ-техникӣ фаъолият менамуд, ки дар онҳо 7107 нафар донишомӯз таҳсил мекарданд. Ин марказҳои

касбомӯзӣ дорои 32 компютер, 27 сифхонаи компютерӣ, 38 устохонаи таълимӣ, 22 озмоишгоҳи таълимӣ буданд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Новобаста аз талошҳои пайгирона дар самти ислоҳи низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар кори литсейҳои касбӣ-техникии вилояти Хатлон камбудиҳо ҷой доранд: кухнаа будани пойгоҳи моддию техникӣ, таъмирталаб будани биноҳо, камбуди синфхона, ашёи хониш, озмоишгоҳ, паст будани сатҳи касбии ҳайати муҳандисию педагогӣ, маоши ками кормандони соҳа; нарасидани маблағ барои хариди таҷҳизоти нави замонавӣ.

6. Соли 2016 дар вилояти Хатлон теъдоди умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус 16 адад буд, ки дар онҳо 21478 нафар таҳсил ва 1470 омӯзгор фаъолият доштанд. Аз ин миқдор 6 муассисаҳои таълимӣ дар шаҳри Кӯлоб, 3-то дар шаҳри Бохтар, 2-то дар ноҳияи Данғара ва яктогӣ дар ноҳияҳои Қубодиён, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳамадонӣ, Ёвон ва Вахш ба тариқи зайл ҷойгир буданд: Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи иқтисодӣ-техникии махсуси шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи аграрии махсусгардонидаи шаҳри Бохтар, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Бохтар, Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар, Коллеҷи тиббии Данғара, Коллеҷи политехникии Данғара, Коллеҷи тиббии Ёвон, Коллеҷи энергетикии Ҷалолуддини Балхӣ, Коллеҷи омӯзгории Қубодиён, Коллеҷи тиббии Вахш, Коллеҷи тиббии хусусии Ҳамадонӣ.

Шумораи хатмкунандагони ин муассисаҳо дар соли 2011 2240 нафар, соли 2012 2774 нафар, соли 2013 3076 нафар, соли 2014 3885 нафар, соли 2015 3203 нафар ва соли 2016 ба 4790 нафар расид, ки онҳо ба унвони мутахассис дар пешрафти риштаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилояти Хатлон ва берун аз он саҳми муносиб гузоштанд.

7. Соли 2016 дар вилояти Хатлон 6 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият менамуд: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар минтақаи Бохтар, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Дар ин муассисаҳои таҳсилоти олӣ 29453 нафар таҳсил ва 1421 устод тадрис менамуданд.

Ин муассисаҳоро соли 2011 3978 нафар, соли 2012 5810 нафар, соли 2013 4232 нафар, соли 2014 3813 нафар, соли 2015 4971 нафар ва соли 2016 5810 нафар хатм ва сафи мутахассисони таҳсилот олидор ҷумҳурӣ пурра намуданд.

Аммо дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят норасоиҳо ҷой доранд, ки онро мо пеш аз ҳама дар камшумории устодони дараҷаи илмӣ ва унвондор мушоҳида мекунем. Чунончи, соли 2016 аз 439 устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ доктори илм, профессор 4%, номзади илм, дотсент 17%, аз 468 устоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав доктори илм, профессор ҳудуди 4%, номзади илм, дотсент 17%, аз 115 устоди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон доктори илм, профессор 0%, номзади илм, дотсент 10%, аз 134 устоди Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ доктори илм, профессор ҳудуди 5%, номзади илм, дотсент 15%, аз 109 устоди Донишгоҳи давлатии Данғара доктори илм, профессор ҳудуди 3%, номзади илм, дотсент 22%-ро ташки медоданд.

8. Дар вилояти Хатлон ду шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон-яке дар водии Кӯлоб ва дигаре дар водии Вахш фаъолият доштанд. Ҳамчунин, дар аксар ноҳияҳо маҳфилҳои адабӣ фаъол буданд, ки ашхоси дӯстдори каломи бадеъро дар атрофи худ муттаҳид менамуданд. Гуфтан лозим аст, ки дар солҳои мавриди назари мо ба кӯшиши шуъбаҳои Итифоқи нависандагони Тоҷикистон ва бо ҳиммати ашхоси сарватманди адабдӯст маҷмӯаҳои зиёди назмию насрии адибони муқими вилояти Хатлон аз тариқи интишороти гуногун табъу нашр шуд. Ҳамзамон, адибони вилояти Хатлон дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии вилоят, ҷумҳурӣ ва баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ аз тариқи матбуоти даврӣ ва дигар расонаҳои хабарӣ мушорикати фаъол менамоянд.

Аммо дар маҷмӯъ наметавон гуфт, ки фаъолияти шуъбаи Итифоқи нависандагони Тоҷикистон дар водии Вахш ва дар водии Кӯлоб ба талаботи давру замон ҷавобгӯ аст. Пеш аз ҳама бояд иқрор шуд, ки маҳсули эҷоди бархе аз адибони вилоят заиф ва дар сатҳи паст қарор доранд. Ин аст, ки бисёре аз адибони муқими вилоят дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ ҳанӯз ношинохта боқӣ мондаанд. Ба андешаи мо, танҳо эҷоди асари хуби бадеӣ метавонад ин ва ё он адибро дар ҷомеа

муаррифӣ намояд. Мутаассифона чунин адибон дар вилояти Хатлон ангуштшуморанд.

Аз ошноӣ, омӯзиш ва пажӯҳиши вазъи расонаҳои хабарӣ, бахсус матбуоти даврӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки фаъолияти ин риштаи муҳим ба талаботи давру замон ҷавобгӯ нест. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки рӯзномаҳо нисбат ба аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо теъдоди хеле кам, ҳатто ночиз ба табъ мерасанд. Чунончи ноҳияи Вахш дорои беш аз 160 ҳазор аҳолӣ аст, рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» ҳамагӣ бо теъдоди 455 нусха ва ё ноҳияи Мӯъмиобод беш аз 78 ҳазор аҳолӣ дорад, рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» бо теъдоди 300 нусха ба табъ мерасанд.

9. Дар байни солҳои 1991–2016 теъдоди театрҳои касбии вилояти Хатлон ду баробар афзуд. Яъне, теъдоди онҳо аз 2 адади соли 1991 дар соли 2016 ба 4 адад расид. Инҳо Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб, Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара ва Театри вилояти «Афсона»-и шаҳри Бохтар мебошанд. Ҳамзамон, теъдоди тамошобинон низ афзоиш доштааст. Шумораи умумии тамошобинон аз 20,5 ҳазор нафари соли 1995 дар соли 2000 ба 80,4 ҳазор нафар ва дар соли 2014 ба 110,1 ҳазор нафар расид.

Бояд афзуз, ки дар вилояти Хатлон дар радифи театрҳои касбӣ ҳамчунин панҷ театри халқӣ дар ноҳияи Бохтар, Ҷайҳун, Ёвон, Мӯъминобод, ду филармония дар ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Бохтар, 11 ансамбли рақсу суруд фаъолият менамоянд.

Аз ошноӣ бо маводди мавҷуда, таҳлилу баррасии фаъолияти театрҳои касбӣ, халқӣ, филармония, дастаҳои ҳунарии вилояти Хатлон мо ба чунин натиҷа расидем, ки онҳо ҳамеша хидмати бошандагони вилоят, шаҳрвандони кишвар ва вазифаҳои касбиашонро бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонанд. Аммо то ҳол дар ин самт баъзе мушкилот ҷой доранд, ки фаъолияти пурсамари онҳоро халалдор месозанд. Аз ҷумла бо вуҷуди чорабиниҳо андешидаи Вазорати фарҳанг, роҳбарияти муассисаҳо ва таҳияи барномаи мушаххас норасоии мутахассисони касбӣ, аз қабили коргардон, ҳунарпешаҳои касбӣ, равшанидиҳандагони саҳна,

пардозгарон, мутрибон, коргардони овоз дар театрҳо ва муассисаҳои консертӣ ба назар мерасад. Техникаи саҳна дар театру муассисаҳои консертӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест ва дар ин самт маблағи зарурӣ ҷудо намешавад. Дар айни замон, мутахассисони ҷавон бо сабаби камбуди манзили зист, хобгоҳ, нокифоя будани музди меҳнат ин соҳаро тарк менамоянд.

10.Теъдоди умумии китобхонаҳои вилояти Хатлон дар соли 2016 ба 502 адад расид, ки аз ин 60 адад дар шаҳрҳо ва 442 адад дар деҳот ҷой доштанд. Аз ин миқдор 25 адад китобхонаи бачагона ва 3 адад китобхонаи мутамарказ буд.

Бояд гуфт, ки дар тӯли солҳои мавриди таҳқиқи мо агарчи теъдоди умумии китобхонаҳои вилоят афзуд, аммо аз сабаби кам шудани воридоти китоб ва матбуоти даврӣ, ҳамчунин гум шудани нусхаи асарҳо фонди умумии онҳо коҳиш ёфт. Чунончи, шумораи нусхаи китоб ва маҷаллаҳои маҳфуз дар китобхонаҳои вилоят аз 2796,1 ҳазор соли 2011 дар соли 2012 ба 2721, 6 ҳазор, соли 2013 ба 2649,7 ҳазор, соли 2014 ба 2587,6 ҳазор, соли 2015 ба 2593,9 ҳазор ва соли 2016 ба 2550,6 ҳазор нусха расид. Яъне дар солҳои 2011–2016, теъдоди нусхаи китобу маҷалла дар китобхонаҳои вилояти Хатлон то 245, 5 ҳазор кам шуд.

Коҳиши фонди умумии китобхонаҳо  ба шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Норак, Вахш, Хуросон, Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷалолуддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Восеъ, Ховалинг ва Шамсиддини Шоҳин тааллуқ  дорад.

11. Бояд гуфт, ки дар солҳои мавриди назари мо музейҳои вилоят аз лиҳози теъдод ва ҷалби тамошобин ва ҳам аз ҳайси гирдоварии ашёи нодир пешрафти зиёд доштанд. Чунончи, теъдоди музейҳои вилоят аз 8 адади соли 1992 дар соли 1995 ба 10 адад, соли 2005 ба 14 адад, соли 2010 ба 16 адад ва дар соли 2016 ба 21 адад расид. Шумораи тамошобинони онҳо аз 86 ҳазори соли 1992 дар соли 2016 то 143,8 ҳазор нафар афзуд. Аммо таъкиди он нуқта зарур аст, ки теъдоди тамошобинони музейҳо аз соли 1992 то соли 2013 коҳиш дошт. Чунончи, дар соли 1995 теъдоди тамошобинон 72 ҳазор нафар, соли 2000 73,7 ҳазор, соли 2005 82,6 ҳазор, соли 2010 59,9 ҳазор, соли 2011 69,4 ҳазор, соли 2012 56,6 ҳазор нафар, соли 2013 85,9 ҳазор нафар буд. Дар соли 2014 теъдоди тамошобинони музейҳо ба

109,1 ҳазор нафар расид, ки ин миқдор нисбат ба соли 1992 23,1 ҳазор нафар зиёд аст. Соли 2016 теъдоди тамошобинон нисбат ба соли 1992 70,2 ҳазор нафар афзуд.

Осорхонаҳои вилояти Хатлон фаъолияти худро бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008–2015 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ роҳандозӣ намуданд. Бояд гуфт, ки новобаста аз нооромиҳои ибтидои солҳои 90 – уми асри XX дар вилояти Хатлон, бахусус дар водии Вахш аксар кормандони осорхонаҳо вазифаи касбиашонро содиқона анҷом доданд. Дар ин давра на танҳо аксар бинои осорхонаҳо ҳифз гаштанд, балки дар бархе ноҳияҳо осорхонаҳои нав ташкил шуданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки новобаста аз пешрафту дастовардҳои кормандони осорхонаҳои вилояти Хатлон дар тӯли солҳои истиқлоли кишвар ҳанӯз ҳам дар фаъолияти онҳо камбуду норасоиҳо ба чашм мерасад. Чунончи, Осорхонаи мардумии ноҳияи Балҷувон ва Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Ёвон дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Ҳамчунин дар ноҳияҳои  Дӯстӣ, Ҷайҳун, Вахш, Кушониён, Панҷ, Восеъ, Мӯъминобод, Данғара, Шамсиддини Шоҳин осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ ташкил нашуданд.

12. Муассисаҳои клубии вилояти Хатлон мутобиқи қонунҳои ҷорӣ, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси вилояти Хатлон, қарору фармоиш ва дастурҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳои марбута дар доираи нақшаҳои корӣ чандин татбири фарҳангӣ анҷом доданд.

Дар вилояти Хатлон 285 муассисаи клубӣ, аз ҷумла 98 қаср ва хонаи фарҳанг, 165 клуби доимоамалкунанда, 22 клуби сайёр фаъолият доранд.

Бояд гуфт, ки сол то сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бархе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ба қадри ҳол маблағ ҷудо карда, диққати сармоядорони маҳаллиро низ барои ободонии муассиаҳои гуногуни

фарҳангӣ бехтару бештар ҷалб менамоянд, ки ин муҷиби рушди нисбии муассисаҳои клубии вилоят гардид.

Аммо новобаста аз ин иқдоми нек, ҳанӯз ҳам дар фаъолияти муассисаҳои клубӣ каму костиҳо ҷой доранд. Мушкилоти асосии онҳо норасоии биноҳои алоҳида, маблағи таъмири асбобҳои мусиқӣ ва тақвияти овоз, сару либос, нақлиёти сафарӣ, мутахассисони касбӣ, таҷҳизоти корӣ, компиютеру принтерҳо, мизу курсӣ, ҷойи нишаст ва ғайра мебошад.

13. Фаъолияти пурсамари боғҳои фарҳангӣ-фароғати дар радифи ососиши рӯҳӣ дар тарбияи истетикию зебоипарастӣ ва унс гирифтани инсонҳо, бахсус насли ҷавону кӯдакон аз зебогиҳои табиат ба нақши бузург мебозанд. Ҳамзамон, чунин боғҳо маркази асосии баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба таъмиру тармим, босозӣ ва таъсиси боғҳои нави фарҳангӣ-фароғатӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Он нуқтаро бояд таъкид намуд, ки дар замони шӯравӣ на ҳамаи ноҳияҳои вилоят боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ доштанд. Ҳамчунин, бар асари мунокишаҳои дохилии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта аксар боғҳои фарҳангӣ-фароғатии новоҳии вилоят ба харобазор табдил ёфтанд. Дар баъзе аз ноҳияҳо ҳатто замини боғҳои фарҳангӣ-фароғатиро ба ашхоси алоҳида чу қитъаи замини манзили маскунӣ доданд. Аммо бар асари сиёсати фарҳангдӯстонаи роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ҷалби сармояҳои гуногун ҳамаи боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияҳои вилоят навсозӣ ва дар ноҳияҳои дигар боғҳои нави фарҳангӣ-фароғатӣ бунёд шуданд. Дар худуди вилоят 22 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ фаъолият доранд.

## 2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Бояд тариқи ҷалби сармоя аз манбаъҳои мухталиф дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ҳарчи бештар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бунёд шаванд, ки теъдоди бештари кӯдаконро ба тарбия фаро гиранд. Чунки қадамҳои нахустини фарогирии илму дониш аз муассисаҳои томактабӣ оғоз мегардад.

2. Ба хотири афзоиши нуфуз ва зиёд шудани теъдоди муассисаҳои таълимии типпи нав, аз қабили гимназияву литсей ва мактабҳои ғайридавлатӣ масъулини

соҳаро мебояд, ки барои тадрис дар чунин таълимгоҳҳо беҳтарин муаллимонро аз муассисаҳои гуногуни таълимии вилоят тариқи зиёд намудани музди меҳнат ва фароҳам овардани шароити муносиби кору таҳсил ҷалб намоянд.

3. Ба рушди литсейҳои касбӣ-техникӣ дар вилоят диққати ҷиддӣ дода шавад. Чунки таҷриба ва сармояи ашхоси соҳибкасб дар пешрафти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад беҳтару бештар саҳим бошад. Дигар ин ки агар ҷавонони соҳибкасб ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар шаванд, онҳо метавонанд ба осонӣ ҷои кори муносиб пайдо намоянд бо дарёфти маоши хуб вазъи зиндагии хонаводаҳои худро дар Тоҷикистон беҳтар намоянд.

4. Донишгоҳ ва донишкадаҳои вилояти Хатлон ба устодони дараҷаи илмӣ ва унвондор хеле ниёз доранд. Агар ҳарчи бештар устодони соҳибунвон ба макотиби олии вилоят ҷалб шаванд, ҳамон андоза сифати таълим беҳтар мегардад ва донишҷӯён низ беҳтару бештар аз файзи илму дониш баҳравар шуда, чун мутахассиси соҳибкасб дар тарбияи насли наврас ва пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон саҳми бештару муносиб мегузоранд.

5. Театрҳои касбӣ ва дигар муассисаҳои ҳунарии вилоят ба мутахассисони касбӣ, аз қабили коргардон, ҳунарпешаи касбӣ, мутриб, коргардони овоз, пардозгар, таҷҳизоти саҳна, васоити нақлия ниёз доранд, ки бартараф намудани ин камбудиҳо метавонад фаъолияти муассисаҳои ҳунариро беҳтар намояд. Барои татбиқи ин амр бояд ҷавонони болаёқат аз тариқи квотаҳо барои таҳсил на танҳо ба пойтахти ҷумҳурӣ, балки ба хориҷи кишвар ҳам фиристода шаванд. Ҳамчунин, бо манзили зист таъмин намудани мутахассисони ҷавон беҳтарин роҳи ҷалб ва дилгармии онҳо ба кор аст.

6. Барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии вилоят, аз қабили китобхона, осорхона, қасри фарҳанг, клуб, ва боғи фарҳангӣ-фароғатӣ дар радифи бештар ҷудо намудани маблағҳои буҷавӣ ҷалби ҳарчи бештари сармоядорону соҳибкорону тоҷирони маҳаллӣ хеле зарур аст. Бо роҳи фаҳмондадиҳӣ метавон барои ин кор аз сармояи онҳо барои ободонию пешрафти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ истифода намуд.

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Сарчашмаҳо

### I. Маводи бойгонӣ


1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Ф.360. – Р.21. – П.1185. – В.24.
2. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Ф.360. – Р.21. – П.1219.
3. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – В.95. – Ф.360. – Р.21. – П.1211. – В.28.
4. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Ф.360. – Р.21. – П.1211. – В.17.
5. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Ф.360. – Р.21. – П.1211. – В.25.
6. Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона барои солҳои таҳсили 1992-1993 [Матн]. – П.23. – 150 с.
7. Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот дар бораи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои солҳои таҳсили 2001-2010 [Матн]. – П.15. – 149 с.
8. Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот барои солҳои 2010-2011 [Матн]. – П.21. – 120 с.
9. Бойгонии ҷории Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар соли 2014 [Матн].
10. Бойгонии Раёсати фарҳанги ҳукумати вилояти Хатлон [Матн]: маводи солҳои 1997-2016.
11. Бойгонии ҷории Китобхонаи вилоятии ба номи Садридин Айнӣ дар шаҳри Кӯлоб [Матн]: ҳисобот барои солҳои 2005-2018.
12. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ховалинг [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 38 с.
13. Бойгонии ҷории Литсейи химиявӣ-саноатии шаҳри Сарбанд [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 28 с.

14. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Фархор [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 34 с.
15. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 23 с.
16. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Қӯрғонтеппа [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 38 с.
17. Бойгонии ҷории Литсейи сохтмонӣ-техникии шаҳри Кӯлоб [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014. – 53 с.
18. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-кишоврзии шаҳри Кӯлоб [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2013-2014.
19. Бойгонии ҷории Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Ҳамадонӣ [Матн]: ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2016-2017. – 48 с.
20. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 1995 ва фаъолияти минбаъда дар соли 1996 [Матн]. – Душанбе, 1997. – 28 с.
21. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 1996 ва фаъолияти минбаъда дар соли 1997 [Матн]. – Душанбе, 1997. – 72 с.
22. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 1999 ва фаъолияти минбаъда дар соли 2000 [Матн]. – Душанбе, 2000. – 34 с.
23. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2001 ва фаъолияти минбаъда дар соли 2002 [Матн]. – Душанбе, 2002. – 65 с.
24. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2003 ва фаъолияти минбаъда дар соли 2004 [Матн]. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 80 с.
25. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2004 ва фаъолияти минбаъда дар соли 2005 [Матн]. – Душанбе, 2005. – 70 с.
26. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009 ва фаъолияти минбаъда дар соли 2010 [Матн]. – Душанбе: Матбуот, 2010. – 34 с.

27. Ҳисоботи Раёсати маориф барои соли 2014 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.15. – В.5.
28. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои солҳои 1999-2012 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.13. – В.1-8.
29. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои соли 2005 [Матн] // Бойгони ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.10. – В.2.
30. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои соли 2008 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.7. – В.10.
31. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои соли 2012 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.12. – В.3.
32. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои соли 2013 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.11. – В.1-3.
33. Ҳисоботи Раёсати фарҳанг барои соли 2015 [Матн] // Бойгонии ҷории вилояти Хатлон. – П.15. – В.2.
34. Ҳисоботи Осорхонаи давлатии кишваршиносии ба номи «Авесто» барои соли 2013 [Матн] // Бойгонии ҷории ҳукумати вилояти Хатлон. – П.14. – В.3-4.
35. Ҳисоботи Шӯъбаи вилоятии телевизион ва радио барои соли 2013 [Матн] // Бойгонии ҷории вилояти Хатлон. – П.12. – В.3.
36. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2011 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2010. – 5 январ.
37. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2013 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2013. – 8 июл.
38. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳа дар соли 2014 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2014. – 7 январ.
39. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2015 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2015. – 13 июл.
40. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи аввали соли 2017 [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2017. – 14 июл.

## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

41. Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2006. – №11.
42. Консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ [Матн]. – Душанбе, 2013. – 30 с.
43. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 200 с.
44. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе, 2012. – 160 с.
45. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2013. – 179 с.
46. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» [Матн]. – Душанбе, 2008. – 80 с.
47. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олӣ. – 1997. – №23-24. – С.321.
48. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобхонаҳо» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олӣ. – 2003. – №7.
49. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» [Матн] // Китобдор. – 2006. – №1. – С.5-11.
50. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф [Матн]. – Душанбе, 2013.
51. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 360 с.
52. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – 60 с.
**53.** Таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ [Матн]. – Душанбе, 2009. – 280 с.

## Маҷмӯаҳои оморӣ

54. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2010-2011 [Матн]. – Душанбе, 2011. – 482 с.

55. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2013-2014 [Матн]. – Душанбе, 2014. – 316 с.
56. Маълумоти омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2011-2012 [Матн]. – Душанбе, 2012. – 29 с.
57. Образование и культура в Таджикистане в 1999 году [Текст]: статистический сборник. – Душанбе: Госстатагентство РТ, 2000. – 63 с.
58. Ожонсӣ оид ба омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2017. – 266 с.
59. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2011-2016 [Матн]. – Бохтар, 2017. – 177 с.
60. Омори солонаи вилояти Хатлон дар 20 соли истиқлолият [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2011. – 353 с.
61. Омори вилояти Хатлон дар солҳои 2005-2012 [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2012. – 253 с.
62. Регионы Татжикистана 2010 [Текст]: статистический сборник. – Душанбе, 2010. – 233 с.
63. Роҳнома [Матн]: маълумотномаи омории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – 104 с.
64. Таджикистан: 15 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. – Душанбе, 2006. – 488 с.
65. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2016. – 522 с.
66. Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн]. – Душанбе, 2009. – 172 с.

**Монографияҳо, брошюраҳо ва мақолаҳо**

67. Абдурашитов, Ф. Қубодиён [Матн]: таърих ва тамаддун / Ф. Абдурашитов. – Душанбе, 2001. – 101 с.
68. Аз Хуталон омадия [Матн]. – Душанбе, 2004. – 184 с.
69. Азизӣ, Ф. Фарҳанг ва истиқлол [Матн] / Ф. Азизӣ. – Душанбе, 2011. – 292 с.
70. Армуғони фархориён [Матн]. – Душанбе, 2005. – 184 с.

71. Асоев, Н., Абдуназаров, Х. Ахтар [Матн] / Н. Асоев, Х. Абдуназаров. – Душанбе, 2010. – 101 с.
72. Гарморӯдӣ, С.А. Аз садр то соқа [Матн] / С.А. Гарморӯдӣ. – Душанбе, 2003. – 791 с.
73. Ғоибов, Ғ. Мазорҳои Мавлоно Тоҷиддини Дашти Кӯлакӣ ва Шайх Шақиқи Балхӣ дар ноҳияи Данғара [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1998. – 52 с.
74. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2011. – 184 с.
75. Душанбе [Матн]: энсклопедия. – Душанбе, 2016. – 632 с.
76. Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2011. – 140 с.
77. История таджикского народа. Новейшая история (1941-2010) [Текст]. – Душанбе, 2011. – Т.VI. – 688 с.
78. Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара [Матн] / З. Кабутов, М. Махсумов. – Душанбе, 2003. – 92 с.
79. Кӯлоб [Матн]. – Душанбе, 2006. – 636 с.
80. Лолаҳои марз [Матн]. – Душанбе, 1997.
81. Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн]. – Душанбе, 2006. – 266 с.
82. Маорифи Хатлон [Матн]: дастовардҳо ва нақшаҳо барои оянда // Минбари халқ. – 2013. – 26 декабр.
83. Маълумотномаи васоити иртиботи оммаи Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2010. – 104 с.
84. Мункӣ, С. Ёхсу [Матн] / С. Мунки. – Душанбе, 2014. – 416 с.
85. Мункӣ, С. Осорхонаи Ховалинг [Матн] / С. Мунки // Кӯлоб. – Душанбе, 2006. – С.371.
86. Муродӣ, А. Сунбулкон [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе, 2018. – 440 с.
87. Муродиён, Ҳ. Аз тамрин то тамкини сухан [Матн] / Ҳ. Муродиён. – Душанбе, 2015. – 192 с.
88. Муҳамадалӣ, Ф. Қӯоғонтеппа-нигини Вахшонзамин [Матн] / Ф. Муҳамадалӣ. – Душанбе, 2007. – 192 с.

89. Нозимов, С. Пояи моддӣ-техникии маориф беҳбудӣ мехоҳад [Матн] / С. Нозимов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.207-213.

90. Ноҳияи Москва: 50 сол [Матн]. – Душанбе, 1997. – 240 с.

91. Нуриддинов, О. Парвози «Шоҳин» [Матн] / О. Нуриддинов // Кӯлоб. – Душанбе, 2006. – С.373.

92. Образование Таджикистана в период независимости [Текст]. – Душанбе, 2016. – 136 с.

93. Осорхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият [Матн]. – Душанбе, 2013. – 224 с.

94. Расулиён, Қ. Дашти Ҷум [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2009. – 284 с.

95. Расулиён, Қ. Саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар бунёд ва бозсозии макотиби Тоҷикистон [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе, 2014. – Ҷ.1. – С.557-575.

96. Рауфӣ, А. Нақши маориф дар тараққиёти иқтисодиёт [Матн] / А. Рауфӣ. – Душанбе, 2014. – 608 с.

97. Раҳимов, Ф. Мактаби олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот [Матн] / Ф. Раҳимов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.95-104.

98. Раҳмон, Э. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2011. – 152 с.

99. Раҳмон, Э. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с.

100. Раҳмонзода, А. Ислоҳот ба рушди маориф мусоидат намуд [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2009. – 64 с.

101. Раҳмонов, А. Маориф дурнамои нек дорад [Матн] / А. Раҳмонов // Тоҷикистон. – 2007. – №1. – С.4-6.

102. Раҳмонзода, А. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар инкишофи соҳаи маориф [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2006. – 144 с.

103. Раҳмонзода, А. Рушди маориф-омили пешрафти мамлакат [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2014. – 262 с.

104. Раҳмонов, Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст [Матн] / Э. Раҳмонов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.3-35.

105. Раҷабов, С., Алифбеков, З. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҷабов, З. Алифбеков. – Душанбе, 2004. – 560 с.

106. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 192 с.

107. Сабзаев, С., Муродиён, Ҳ. Фурӯғи ирфони Вахшонзамин [Матн] / С. Сабзаев, Ҳ. Муродиён. – Душанбе, 2003. – 233 с.

108. Саматов, С. Квоттаи президентӣ: бемасъулиятӣ дар қабули довталабон [Матн] / С. Саматов // Омӯзгор. – 2019. – 21 ноябр.

109. Содиқ, Р. Равзанаи субҳ [Матн] / Р. Содиқ. – Душанбе, 2002. – 164 с.

110. Татбиқи барномаи давлатӣ дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон [Матн]. – Душанбе, 2014. – 210 с.

111. Таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ [Матн]. – Душанбе, 2009. – 280 с.

112. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара [Матн]. – Душанбе, 2013. – 91 с.

113. Убайдулло Ширин. Таърихи Ёвон [Матн] / Ширин У. – Душанбе, 1999. – 156 с.

114. Халил, Н. Накҳати умед [Матн] / Н. Халил. – Душанбе, 2015. – 180 с.

115. Холов, Ш. Ҳамкориҳои байналмилалии Донишкадаи технология, менеҷменти иноватсионии Кӯлоб [Матн] // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2008. – №5. – С.83-85.

116. Шақиқи Балхӣ дар ноҳияи Данғара [Матн]. – Душанбе, 1998. – 52 с.

117. Шамсов, М. Компютеризация-веление время [Текст] / М. Шамсов // Новый Хатлон. – 2007. – 12 июня.

118. Шарифзода, А., Фаттоев, С. Маорифпарвар [Матн] / А. Шарифзода, С. Фаттоев. – Душанбе, 2012. – 335 с.

119. Шерхон, У. Данғара [Матн] / У. Шерхон. – Душанбе, 2005. – 736 с.
120. Шиносномаи ноҳияи Бохтар [Матн]. – Бохтар, 2012. – 10 с.
121. Шукуфаҳои Хатлон [Матн]. – Душанбе, 2003. – 88 с.
122. Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2015. – Ҷ.4. – С.546.
123. Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – 664 с.
124. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2004. – Ҷ.3. – 524 с.

**V.Автореферат ва диссертатсияҳо**

125. Акрамова, С.Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1945-2015гг.) [Текст]: автореферат. дисс... д-ра истор. наук / С.Х. Акрамова. – Душанбе, 2018. – 60 с.
126. Аламов, Х.Н. Социально-экономическая и куьтурная жизнь Хатлонской области в период независимости Республик Таджикистан (1991-2015гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Аламов Халимджон Неъматович. – Душанбе, 2019. – 188 с.
127. Гаффоров, Б.В. История куьтурно-просветительных учраждений Республика Таджикистан (1991-2011 гг.) [Текст]: дисс... канд. наук / Гаффоров Бахтиёр Вахобович. – Душанбе, 2014. – 187 с.
128. Каримова Р.Н. История развития культьуры Таджикистан в годы независимости (1991-2011 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Каримова Рухайё Назимовна. – Душанбе, 2012. – 25 с.
129. Рашидов, Т. Осуществление реформы общеобразоватнльной средной школы в Республике Таджикистан (1991-2011 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Т. Рашидов. – Душанбе, 2012. – 168 с.
130. Сабуров, С.М. Вклад вузов Республики Таджикистан в подготовку педагогических кадров (1991-2012 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / С.М. Сабуров. – Душанбе, 2012. – 21 с.
131. Умаров, А.К. Вклад международных организаций в развитии образования Таджикистана (1991-2011 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / А.К. Умаров. – Душанбе, 2016. – 179 с.

132. Фирдавси Абдуҳамид. Развитие культуры Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Ф. Абдуҳамид. – Душанбе, 2017. – 24 с.

133. Хасанова, М.М. Музыкальная жизнь Таджикистана в конце XX-начале XXI вв. [Текст]: дисс... канд. истор. наук / М.М. Хасанова. – Душанбе, 2018. – 168 с.

134. Хусейнзаде, М.О. Народное образование Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2001 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Хусейн-Заде Малика-Бону Отахоновна. – Душанбе, 2002. – 176 с.

**Матбуоти даврӣ**

135. Баҳори Аҷам. – 2015. – №1 (59). – январ.

136. Баҳори Аҷам. – 2018. – 8 январ.

137. Баҳори Аҷам. – 2014. – 7 январ.

138. Баҳори Аҷам. – 2010. – 5 январ.

139. Баҳори Аҷам. –2015. – 6 январ.

140. Баҳори Аҷам. – 2008. – 13 январ.

141. Баҳори Аҷам. –2017. – 14 июл.

142. Баҳори Аҷам. –2012. – 5 январ.

143. Баҳори Аҷам. – 2006. – №1 (70). – январ.

144. Баҳори Аҷам. – 2011. – 10 январ.

145. Баҳори Аҷам. – 2013. – 8 июл.

146. Баҳори Аҷам. – 2019. – 8 январ.

147. Баҳори Аҷам. – 2020. – 10 январ.

148. Минбари халқ. – 2013. – №52. – 26 декабр.

149. Новый Хатлон. – 2005. – №40. – 7 октябр.

150. Новый Хатлон. – 2009. – №37. – 19 октябр.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[1-А] Алишери А. Нигоҳе ба фаъолияти ҳунарии театри Данғара // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7, – Душанбе, 2019. – С. 107-113.

[2-А] Алишери А. Нигоҳе ба таърих ва таҳаввули низоми маориф дар шаҳри Кулоб, Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №5(89), 2019.

– Душанбе, 2019. – С. 243-251.

[3-А] Алишери А. Саҳми ниҳодҳои хориҷӣ дар рушди маорифи вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 7. –Душанбе, 2020. – С. 103-108.

[4-А] Таҳаввулоти фарҳангии вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №1(69). Душанбе, 2021. – С. 240-247.

[5-А] Расулиён Қ.Р., Алишери А. Вазъи адабии вилояти Хатлон дар чаҳоряк асри соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 3. – Душанбе, 2022. – С. 65-73.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-А] Мактабҳои типи нав дар вилояти Хатлон // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3. – Душанбе, 2021. – С.139-145.

[7-А] Рушди таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон яке аз нишонаҳои соҳибистиқлолии комили давлатӣ // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3.– Душанбе, 2021. – С.153-163.

[8-А] Вазъи таҳсилоти касбӣ, ибтидоӣ ва миёна дар вилояти Хатлон // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон". – Кӯлоб, – 2022. С.168-171.

[9-А] Ҳаёти театрию мусиқии вилояти Хатлон дар чаҳоряк асри соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Мақолоти таърихӣ (маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе: Шоҳин-С – 2022. С. 32-44.

[10-А] Вазъи таҳсилоти касбӣ, ибтидоӣ ва миёна дар вилояти Хатлон // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон”. – Кӯлоб, – 2022. С.228-230.